**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# РОҲНАМОИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ), СИНФИ 10 -УМ

## Барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ТАСДИҚ КАРДААСТ**

**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2017**

**УДК 373.167.1.(072)**
**ББК Я72+74.263**
**А-37**

**А-37.** Азизов А., Рӯзиева М., Азизов Ш., Насимӣ М. **Роҳнамои фанни технология (таълими меҳнат), синфи 10-ум.** Барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе, Маориф, 2017, 136 саҳ.

**ISBN 978-999-47-1-492-6**

**© Маориф, 2017**

**Мундарича**

Муқаддима........................................................................................ 5
Стандарти фанни ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) барои синфи 10…………. 7
I. МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ)………………………………………………………………… **7**
1.1. Мафҳумҳои асосии стандарти фанни технология (таълими меҳнат)………………… 7
1.2. Заминаи меъёрии ҳуқуқии стандарти фанни технология (таълими меҳнат)………… 10
1.3. Соҳаи истифодаи стандарти фанни технология (таълими меҳнат)…………………… 10
1.4. Принсипҳои асосии стандарти фанни технология (таълими меҳнат)………………… 11
1.5. Мақсад ва вазифаҳои стандарти фанни технология (таълими меҳнат)……………… 12
II. САЛОҲИЯТҲОИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) ...................... 14
2.1. Салоҳиятҳои фаннӣ…………………………………………………………….. 15
2.2. Баҳодиҳии салоҳиятҳои фаннӣ……………………………………………….. 15
2.3. Салоҳиятҳои тарбиявӣ-ахлоқӣ……………………………………………….. 18
2.4. Нишондиҳандаҳои хислатҳо………………………………………………….. 19
2.5. Салоҳиятнокии омӯзгорон……………………………………………………. 20
III. ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ САЛОҲИЯТНОКӢ АЗ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 10……………………… 21
3.1. Ба хусусиятҳои фардии хонанда диққат додан………………………………... 21
3.2. Принсипҳои таълими самаранок……………………………………………... 22
3.3. Тайёрии омӯзгор ба дарс ва робитаи таълими технология бо дигар фанҳо…... 22
IV РАВШАНИИ ДАРСИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) ДАР СИНФИ 10……………………………………………………………………… 28
V. АРЗЁБӢ…………………………………………………………………………. 29
Фанни ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) барои синфи 10……………………….. 36
Корхона ҳамчун звенои асосии хоҷагии халқ -1 соат...................................... 39
Мазмун ва хусусияти меҳнат дар истеҳсолот -1 соат...................................... 41
Равандҳои технологӣ ва намудҳои он -1 соат................................................. 43
Мафҳуми фаъолияти касбӣ. Тақсим ва махсусгардонии меҳнат -1 соат.......... 46
Ришта, соҳа, ҳадафҳои меҳнат -1 соат........................................................... 49
Мафҳуми фарҳанги меҳнат -1 соат.................................................................. 52
Технологияи таъсиси корхона ва манбаъҳои маблағгузории корхона - 1 соат................ 54
Захираҳо ва омилҳои истеҳсолот -1 соат......................................................... 58
Лоиҳаи эҷодӣ: Нақшаи истеҳсолот -1 соат..................................................... 61
Субъектҳои соҳибкорӣ, моҳият, мақсадҳо ва вазифаҳо -1 соат........................ 64
Ҷомеаи меҳнатӣ. Пардохти музди меҳнат -1 соат............................................. 67
Арзиши аслии маҳсулот -1 соат…………………………………………… 70
Нархи молу хизмат -1 соат............................................................................. 73
Андозбандӣ -1 соат.......................................................................................... 75
Менеҷмент дар фаъолияти корхона. Маркетинг дар фаъолияти корхона -1 соат 80
Фурӯши мол ва хизмат -1 соат……………………………………………………….. 85
Реклама дар системаи соҳибкорӣ -1 соат......................................................... 88
Банақшагирии фаъолияти соҳибкорӣ -1 соат................................................... 91
Бизнесс – нақшаи ширкати талабагон “Чевар” -1 соат...................................... 94
Лоиҳаи эҷодӣ “Кори мустақилонаи ман” -1 соат............................................. 96
Маърифати касбӣ. Маърифати касбӣ дар чорабиниҳои беруназсинфӣ -1 соат................................................................................................................. 100
Ташхиси касбӣ -1 соат..................................................................................... 103

Машварати касбӣ -1 соат........................................................................................ 105
Яккачинкунии касбӣ -1 соат.................................................................................. 107
Одаткунии касбӣ (адаптатсия) -1 соат................................................................. 110
Тарбияи касбӣ -1 соат............................................................................................ 113
Моҳияти худмуайянкунии касбӣ. Модели муҳтавоиву ҷараёни худмуайнкунии касбӣ -1 соат.......................................................................................... 116
Худмуайянкунии касбӣ дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули шахсият -1 соат. 119
Ихтилофҳои худмуайянкунии касбӣ -1 соат............................................................ 122
Ташаккули касбии шахсият -1 соат..................................................................... 124
Карйераи касбӣ -1 соат......................................................................................... 126
Тайёрии касбӣ -1 соат........................................................................................... 128
Лоиҳаи эҷодии намунавӣ. -1 соат......................................................................... 130
Адабиёт.................................................................................................................. 134

# Муқаддима

Соҳаи маориф аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки рушди мамлакат эътироф гардида, дар ин самт ҳамасола тадбирҳои зиёд андешида мешаванд. Илова ба бунёди муассисаҳои таълимии нав, таҷдиди инфрасохтор, инчунин ба сифат, мазмуну самарабахшии мундариҷа ва ҷараёни таълим низ таваҷҷуҳи қобили назар зоҳир мегардад. Таҳияи стандарт ва барномаҳои нави таълимӣ метавонанд сатҳу сифати таҳсилоти миёнаи умумиро баланд бардоранд.

Дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф омӯзгорон нақши калидӣ мебозанд. Ин нукта дар суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо зиёиёни мамлакат (2015) хеле мушаххас баён гардидааст: "... калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим-омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии толибилмон боло равад ва онҳо ҳамқадами замон гарданд".

Барои мо – олимон, кормандони соҳаи маориф, мутахассисон ва омӯзгорон ин суханон беҳтарин дастури амаланд.

Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади баланд бардоштани сифати таълим ва натиҷабахшии раванди он таҳияи стандартҳои фанниро ба роҳ мондааст, ки Стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи даҳум аз ҷумлаи онҳост. Вазорати маориф ва илм натиҷа ва дастовардҳоиислоҳоти соҳаро, ки тайи солҳои охир татбиқ гаштаанд, эътироф карда, дар асоси ба эътибор гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣ стандарт ва барномаҳои навро ҳамчун як ҷузъи таркибии ислоҳоти пурраи мундариҷаи таҳсилот таҳия намудааст.

Стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи даҳум ҷузъи таркибии силсилаи стандартҳои фанни технология (таълими меҳнат) дар зинаи таҳсилоти миёна аст. Стандарти мазкур дар асоси салоҳият таҳия шуда, талаботи Стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумиро ба эътибор мегирад.

Сохтор ва услуби пешниҳоди стандарт тарзе интихоб шудааст, ки паҳлӯҳои гуногуни раванди таълими фанни технология (таълими меҳнат)-ро дар синфи даҳум фаро мегирад ва ба ин васила фаъолияти омӯзгорро дар ҷараёни банақшагирӣ ва таълиму арзёбӣ осон мегардонад.

Тавре ки таҷрибаи байналмилалӣ ва шароити кунунии Тоҷикистон нишон медиҳад, вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва инкишофи босуръати муносибатҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарогирии ҳар чӣ бештари воситаҳои иттилоот (интернет, телевизион ва ғайра) имрӯз танҳо бо дониш мусаллаҳ будан кифоя набуда, дар амал истифода бурдани донишу малакаҳо муҳимтарин роҳи иҷтимоишавии ҷавонон ва дастёбӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ ба шумор меравад. Ин нуктаи муҳим санги маҳаки стандарти мазкурро ташкил медиҳад.

Дар ҷаҳони муосири зудтағйирёбанда ва пур аз тазодҳо шаҳрвандон бояд сифатҳои ташаббускорӣ, навоварӣ, амалигардонӣ, тағйирпазирӣ, уҳдабароӣ, масъулиятшиносӣ ва созандагию бунёдкориро дошта бошанд. Онҳо бояд шахсони бомаърифати аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ устувор ва кордоне бошанд, ки роҳҳои дастрас кардани ахбор (маълумот)-ро тавассути воситаҳои гуногун интихоб намуда, онро таҳлилу таркиб ва арзёбӣ карда, масъалаҳои мураккаби муҳити атрофро дарк кунанд, мушкилиҳои гуногуни таълимию ҳаётиро пешгӯйӣ ва ҳал карда тавонанд, масъулияти худро дар назди оила, аҳли ҷомеа ва кишвар дарк намоянд. Тавре ҳамагон медонанд, барои ташаккули ин сифатҳо маҳз дар зинаи таҳсилоти миёна заминаи мусоид фароҳам оварда мешавад.

Барои ноил гаштан ба ин вазифаҳо Вазорати маориф ва илм низоми нави таълимро дар амал татбиқ менамояд, ки он ба ташаккули рушди салоҳиятнокии хонандагон дар истифодаи амалии дониш, малака ва маҳорат мусоидат хоҳад кард.

Натиҷаҳои салоҳиятнокии хонандагон тавассути низоми миллии арзёбӣ санҷида шуда, натиҷаҳои он барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани раванди таълим истифода мешавад.

Стандарти мазкур мазмуну мундариҷа, салоҳиятҳо, нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ ва воситаҳои арзёбиро муайян мекунад. Бо татбиқи низоми нави таълим натиҷаҳои таълимии хонанда (салоҳиятнокии ӯ) мақсади асосии санҷишу назорати сифати таҳсилот мегардад.

Бо татбиқи стандартҳои нав на танҳо малакаву маҳорати касбии омӯзгор, балки натиҷаи таълимии хонандагон низ ҳамчун нишондиҳандаи самаранокии раванди таълим шинохта мешавад. Дар низоми нави таълим масъулиятнокии омӯзгорон барои беҳтар гаштани натиҷаҳои таълимии хонандагон ба маротиб зиёд мегардад.

Дар ҷараёни татбиқи маҷмӯи стандартҳо ва барномаҳои фаннӣ омӯзгор шахси калидӣ аст. Аз ин рӯ, самаранокии татбиқи стандартҳои нав ва ҷараёнҳои ислоҳот маҳз ба дарки масъулият, ташаббусу эҷодкорӣ ва маҳорату малакаи омӯзгорон вобаста аст. Масъулияти омӯзгор дар ин ҷараён хеле зиёд буда, ҷанбаҳои зеринро дар бар мегирад:

–Ба роҳ мондани таълим дар асоси стандартҳои нав ва барномаи фаннӣ;

–Муҳокимаи масъалаҳои умдатарини татбиқи ислоҳот бо ҳамкорон;

–Муҳокимаи мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо дар ҳамкорӣ бо мудирияти муассисаи таълимӣ ва идораву шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳия;

–Ба роҳ мондани ҳамкорӣ бо кормандони Барномаи глобалии ҳамкорӣ баҳри рушди маорифи Вазорати маориф ва илм (мо ба тавсия ва маслиҳатҳои Шумо ниёз дорем);

–Таҳияи маводди иловагии таълимӣ ва истифодаи онҳо дар раванди таълим бо ҳамкорон.

Табиист, ки дар марҳалаи ибтидоӣ масъалаҳои зиёд пайдо мегарданд, ки ба истифодаи стандартҳо, барномаҳои таълим ва китобҳои дарсии нав марбутанд. Аммо мо бовар дорем, ки батадриҷ, бо роҳи фароҳам сохтани имкониятҳои хуби иштирок дар марҳалаи татбиқи ин ислоҳот дар сатҳи мамлакат омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ пурра омода хоҳанд шуд.

Вазорати маориф ва илм ҳамаи омӯзгорон, сарварони муассисаҳои таълимӣ, кормандони раёсату шуъбаҳои маориф ва тамоми кормандони соҳаи маорифи ҷумҳуриро барои татбиқи ислоҳоти мазкур, ки самаранокӣ ва сифати таълимро барои хонандагон – фарзандони мо таъмин мекунад, даъват менамояд.

**Стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи 10.**

# I. МАЗМУН ВА МУНДАРИҶАИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 10.

## 1.1. МАФҲУМҲОИ АСОСИИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 10.

**Арзёбӣ** – ҷараёни ҷамъоварии маълумот барои баҳодиҳӣ. Навъ ва воситаҳои гуногуни ташкили ҷараёни арзёбӣ вуҷуд доранд. Он барои муайян кардани дараҷаи дастовардҳои таълимии хонандагон имкон медиҳад. Маълумоте, ки тавассути арзёбӣ ҷамъ оварда мешавад ҳам ба шахсони алоҳида ва ҳам ба муассисаҳои соҳа зарур аст. Маълумоти аз арзёбӣ ба даст омадаро ба тарзи мухталиф ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, шахсони алоҳида, волидон, хонандагон ва омӯзгорон истифода бурда метавонанд.

**Ахбор** – аз забони арабӣ буда, маънояш ҷамъи хабарҳост.

**Баҳодиҳӣ** – ҷараёни натиҷагирӣ оид ба дараҷаи мувофиқати дониш, салоҳият, малака ва маҳорати хонанда ба талаботи муқараркардаи стандарти фаннӣ. Баҳодиҳӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳо муайян карда шавад.

**Воситаҳои медиявӣ** – ҳамаи воситаҳои коммуникатсионӣ, ки бо мақсадҳои педагогӣ дар ташкили ҷараёнҳои омӯзиш истифода бурда мешавад.

**Давраи ташкилӣ-тайёрӣ** – қадами аввалин дар роҳи лоиҳакашӣ-интихоб ва асосноккунии лоиҳа мебошад. Қадами оянда ин раванди конструксиясозии маҳсулот мебошад. Самти дигари давраи ташкилӣ-тайёрӣ ин ба нақша гирифтани технологияи тайёр кардани маҳсулот, коркарди раванди технологӣ мебошад.

**Дастовард (пешрафт)** – дар педагогика дастовард (пешрафт) ба фаҳмиши мувофиқи омӯзиш марбут аст. Агар мақсадҳои таҳсилоти мактабӣ аз оғоз ба рушди ҳамаҷонибаи шахсият ва инкишофи салоҳиятҳо равона шуда бошад, пас барои ин фаҳмиши “васеътари” омӯзиш зарур аст, ки тамоми вазифаҳои мактабро дар бар мегирад. Яъне ҳосил намудани ақидаю эътиқод, қобилият, маърифат, дониш, маҳорат.

**Дидактикаи тахассусӣ** – илм дар бораи ҷараёнҳои таълимии тахассус дар соҳаи фанни додашуда мебошад. Вай ба қисматҳои алоҳидаи дидактикаҳои тахассусии фанҳои таълимӣ тақсим мешавад. Масалан, дидактикаи математика, дидактикаи техника, дидактикаи химия. Дидактикаҳои тахассусии алоҳида ҳамчун силсилаи пайвасткунандаи байни илми тахассусии мувофиқ ва илм дар бораи тарбия хизмат мекунанд.

**Иттиҳодияи методӣ** – яке аз шаклҳои ташкили кори методӣ, паҳн намудани таҷрибаи пешқадам ва такмили ихтисоси муаллимони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ.

**Изолятор** – маводде, ки аз он қувваи барқ намегузарад.

**Кори лоиҳавӣ** – машғулияти мустақилонаи гурӯҳи хонандагон буда, берун аз дарс таҳия карда мешавад. Он дар асоси маълумот ва донишу малакаи ҳосилкардаи хонандагон дар марҳалаи муайяни таълим гузаронида мешавад.

**Лавҳаи дарсхона** – «тахтаи синф»; лавҳ –ҳар чизи сатҳаш паҳни сангӣ, чӯбӣ, филизӣ ва ғайра, ки ба рӯйи он хат менависанд ё нақшу нигор мекашанд, фаҳмида мешавад;

**Лоиҳа** – кори лоиҳавӣ методи байнифаннӣ, демократии таълимӣ ба амалҳои мушаххас равонашуда мебошад. Дар рафти он хонандагон барои коркарди ягон супориш ё проблема муттаҳид мегарданд, ки ба маъмулияти бештар, фаъолона иштирок намуда, дониш аз худ мекунанд. Хусусияти асосии кори лоиҳавӣ иҷрои мустақилонаи супориш ё масъалаи аз ҷониби гурӯҳ мебошад. Вай аз банақшагирӣ, ташкилу гузаронидан ва то муаррифии натиҷаҳоро дар бар мегирад. Мавзӯи лоиҳаро, одатан гурӯҳи хонандагон худашон интихоб мекунанд. Дар анҷом натиҷаҳое ба даст меоянд, ки аз ҷониби тамоми гурӯҳ арзёбӣ мегардад, ба тарзи оммавӣ муаррифӣ карда мешавад.

**Лоиҳаи эҷодӣ** – кори мустақилонаи ҷамъбастӣ мебошад, ки сифати иҷрояш аз дараҷаи аз худ кардани мундариҷаи қисмҳои гуногуни барнома аз тарафи хонанда то кадом дараҷа мустаҳкам будани донишу малакаю маҳорати онҳо дар дарсҳои технология (таълими меҳнат) вобаста аст.

**Мақсади таълим** – мақсади таълимии дарс дар асоси натиҷаҳои таълими дарс таҳия карда мешавад. Натиҷаҳои таълим ба қисмҳои хурдтар (мақсади таълим) ҷудо мешаванд, ки ҳамчун зина барои расидан ба натиҷаҳои таълим хизмат мекунанд.

**Малака** – қудрат ва тавоноӣ дар иҷрои коре, ки дар натиҷаи машқу тамрин дар табиати инсон пайдо мешавад.

**Манбаъҳои ахборот** – ба манбаъҳои ахборот мулоқот, хат, китоб, рӯзномаву маҷаллаҳо, телефон, радио, телевизион, компютер дохил мешаванд.

**Маҳорат** – фаъолияте, ки дар инсон дар натиҷаи таълим ва такрори бисёркарата ҳосил шуда, баъд ба раванди бошуурона табдил меёбад ва инсон минбаъд ҳар як кори худро дониста иҷро мекунад; моҳирӣ, устодӣ, забардастӣ, ҳунармандӣ ва ғайра маҳорат аст.

**Марҳалаи технологӣ** – фаъолиятест, ки дар раванди технологӣ пешбинӣ карда шудааст. Иҷрои ин кор риояи маданияти технологӣ ва меҳнатиро тақозо мекунад.

**Марҳалаи хотимавӣ** – назорати охирин ва озмоишии объекти лоиҳашударо дарбар мегирад. Ҳимояи лоиҳа дар намуди баромад дар назди тамоми синф бо намоиши маҳсулот гузаронида мешавад.

**Метод** (юн. methodos-роҳ, тарз, усул, восита, назария, таълимот) – усули назариявӣ ва амалии донистани воқеият; маҷмӯи амалиёт; ташкили бонизоми фаъолияти одамон дар ҳалли масъалаҳои гузошташуда аст.

**Методика** – калимаи юнонӣ буда, маънои санъати амалҳо аз рӯйи нақшаро дорад. Предмети таҳқиқотии методҳои таълим, методҳои машғулият, яъне тарзу усулҳои ташкили ҷараёнҳои омӯзиш мебошад. Ҳангоми баррасии системавӣ методика як қисми соҳаи дидактика ба шумор меравад.

**Методи озмоишӣ** – методи маъмул дар соҳаи техника мебошад. Озмоишгар кӯшиш мекунад ҳангоми шароитҳои сунъӣ ташкилшуда омилҳои алоҳидаи таъсиррасон ба ҷараёнро ҷудо намояд. Онҳоро мунтазам иваз мекунад ва ба ҳамин васила нишондиҳандаҳои алоҳидаи ба тамоми системаи таъсиррасонро ошкор кунад.

**Меъёр** – нишонае, ки дар асоси он баҳодиҳӣ, муайянкунӣ ё таснифи чизе анҷом дода мешавад.

**Модел** – инъикоси идеалии воқеият. Модел чунин нишонаҳо дорад: тасвир. Модел ҳамеша инъикоси ягон чиз мебошад. Намунаи аслии табиӣ ё сунъӣ дар навбати худ метавонанд модел бошад; мухтасар. Модел тамоми нишонаҳои аслро дар бар намегирад, балки барои созандаи модел ё истифодабарандаи он муҳимтаринашро фаро мегирад; прагматизм. Модел аз ҷониби созанда ё истифодабарандаи он ба сифати асл дар муҳлати муайян ва барои мақсади муайян ворид карда мешавад.

**Назарияҳои омӯзиш** – моделҳоеро фаро мегиранд, ки шароит ва равандҳои омӯзишро мефаҳмонанд. Ҳамин тариқ, онҳо чаҳорчӯбаро барои гузоштани дидактикаи саволҳо пешниҳод мекунанд. Зери мафҳуми умумии назария ва таълимоти бихевиористӣ, когнитивӣ-конструктивӣ дар назар дошта мешавад.

**Нақшаи таълим** – ҳуҷҷатест, ки омӯзиши фанҳои таълим ва тақсимоти солонаи онҳоро барои тамоми давраи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ муайян менамояд.

**Низоми таълими ба ташаккули шахсияти хонанда нигаронидашуда** – низоми таълиме, ки дар он қобилияти фардӣ ва таҷрибаи қаблии хонанда ҳамчун меҳвар (тири асосӣ) барои омӯзиши минбаъда заминаи асосӣ нигаронида шудааст.

**Нишондиҳанда** –нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд.

**Портфолио** – аз калимаи итолиёӣ, маънояш ҳуҷҷатҳо, ҳуҷҷатҳои мутахассис аст.

**Портфолиои хонанда** – ҷамъоварии мақсадноки корҳои хонанда, ки саъю кӯшиши ӯро ҳангоми иҷрои корҳо, пешрафт ва дастовардҳои (муваффақиятҳо)-и ӯро аз рӯйи як ё якчанд фан нишон медиҳанд.

**Принсип** – қоидаҳои асосии таълим, ки мазмун, шаклҳои ташкилӣ ва усули таълимро дар алоқамандӣ бо мақсадҳои умумии тарбия ва меъёрҳои раванди таълим муайян менамояд.

**Раванди таълим** – раванди мақсаднок ва муташаккилонаи ҳосил намудани дониш, маҳорат ва малакаҳо аст.

**Роҳнамои фаннӣ барои татбиқи стандартҳо** – роҳнамои омӯзгор оид ба татбиқи стандартҳо маводди иловагии методӣ мебошад. Он тавсияҳо ва намунаҳоро оид ба тарзи ташкили ҷараёни таълим фаро гирифта, ба омӯзгор дар самти ташаккули салоҳиятнокии хонандагон ёрӣ мерасонад.

**Салоҳият** – маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳои ба ҳам пайванде, ба мақсади ҳалли масъалаҳои мушаххаси ҳаётӣ (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ), маърифатӣ ва касбӣ равона карда мешаванд.

**Супоришҳои лоиҳакашӣ** – методи маъмули омӯзишӣ дар машғулиятҳои меҳнат ва техника. Принсипи методии он дар баръакс гардонидани объект ва системаҳои техникӣ ба супориш оид ба ихтироъкорӣ ифода меёбад. Мактаббачагон аз рӯйи принсипи ихтироъкорӣ дар ягон ҷараён оид ба ҳалли проблема кор мекунанд. Дар хонандагон қобилияти техникию амалӣ ва техникию лоиҳакашӣ инкишоф меёбад. Онҳо то ҳадди имкон маҳдуд кардани проблема, ҷудо кардани он ба қисматҳои таркибӣ ва ба ҳамин васила мақсаднок тайёр кардани ҳалли умумиро меомӯзанд.

**Стандарти фаннӣ** – санадест, ки дар он меъёри дониш, малака, маҳорати хонандагон, мазмуну муҳтавои фаннӣ, равиши дарси фан, роҳу усули самаранок истифода бурдани вақти ба омӯзиши фан ҷудогардида, ва талабот ба тарзи санҷиши дониш аз фанни мазкур ифода гардидааст.

**Стратегия** – роҳу усули ноил гардидан ба мақсад. Роҳ (усул)-и алтернативӣ (ҷойгузин), интихоб, таҳия ва татбиқи барномаро дар назар дорад.

**Таҳлили маҳсулот** – методи маъмули таълим барои машғулиятҳои доир ба меҳнат ва техника. Предмети/маҳсулоти техникӣ зеҳнӣ ё дастӣ ҷудо ва намоиш дода мешавад. Ба воситаи он дар хонандагон қобилияти фаҳмидани иртиботи техникию амалии ҷараёнҳои саноат ва арзёбии онҳо инкишоф меёбад.

**Таҳсилот** – ҳамчун ҷараёни ва инкишоф додани қобилиятҳои инсон, аз заминаҳои он мебошад, ки воситаи тарбияи ҳавасманд ва идора кардан мебошад.

**Таълим додан** – лотинӣ буда, маънояш муайян кардан омӯзонидан, худро таълим додан ё дониш ҳосил кардан буда, ҳамчун рафтор муайян кардан шуда аст, ки тавассути он мақсаднок таҷриба ва дониш интиқол дода мешавад, омӯзишро бедор мекунад.

**Техника** – техникаро дар бар мегирад: миқдори объектҳои сунъӣ ашёшудаи ба манфиат равонашуда (артефактҳо, системаи ашё); миқдори амалҳои инсонӣ ва иншооте, ки дар он системаи ашё пайдо мешаванд.

**Технология** – илм дар бораи техника. Зери ин мафҳум илм дар бораи ба даст овардан, коркард, сохтан, истеҳсоли маҳсулот, ҳамчунин хизматрасонӣ бо ёрии техникаи дар ихтиёр дошта мебошад.

**Технологияи ахборот** – технологияе, ки дар онҳо масолеҳи коркардшаванда ва натиҷаи фаъолияти ахборот мебошад.

**Дурнамо** – намо ё манзараи дуродур, чашмандоз. Тағйири ашё вобаста ба мавқеи он аз нигоҳи бинанда. Назар ё нигоҳи мо воситаи асосии муайян сохтани дурнамо аст. Ҳар як чиз ҳар қадар аз назари мо дур бошад, ҳамон қадар хурд ба назар мерасад, ҳар қадар ба мо наздик бошад, ҳамон қадар калон менамояд. Навъи дигари дурнамо, дурнамои ранг ё дурнамои тобиши ранг номида мешавад. Вақте ки ашё аз мо дур қарор гирад, ранги он дар назари мо тиратар метобад, ҳар қадар наздик бошад, ранги он равшантар метобад. Вобаста ба ии хосият муайянии тарҳи ашё низ (дар масофаи дур) дигаргун мешавад.

**Таносуб** (пропорсия) – муносибати байниҳамдигарии ҷузъҳои ашё аз рӯйи бузургии он. Дар расмкашӣ риоя намудани (пропорция) таносуб аҳамияти ҳалкунанда дорад, чунки он асоси тасвири ҳақиқатнигорӣ ва таъсирбахширо ташкил медиҳад.

**Тартиб додани нақшаи бадеӣ** (дизайн - зебосозӣ) – намуди фаъолияти бадеӣ буда, маснуоти саноатиро, ки хусусияти эстетикӣ дорад, ба нақша мегирад.

**Таҳлили дидактикӣ** – мақсади он ба сохтор даровардани асоснокии соатҳои таълимӣ мебошад. Бо таҳлили дидактикӣ як қатор қарорҳои пешакии педагогӣ марбутанд, ки ҳар маротиба аз нав иҷро карда мешавад. Маҳаки асосии таҳлили дидактикӣ "тахфифи дидактикӣ" маводди таълимӣ мебошад. Дар ин радиф бояд асоснок инъикос гардад, ки кадом ҷузъҳои маҷмӯи мавод барои гурӯҳи таълимӣ бояд интихоб карда шавад, кадомашро сарфи назар кардан лозим аст. Вобаста ба ин чунин ҷиҳатҳо манфиатноканд: аҳамияти замонавӣ, аҳамияти оянда, сохтори фан, аҳамияти намоишдиҳии намунавӣ, дастрасӣ.

**Дидактика** – илм (таълимот) дар бораи донишандӯзӣ ва умуман таълим мебошад. Вай ба омӯзиши ҳамаи шаклҳо, гирифтани ҳамаи намуди донишҳо, дар ҳамаи зинаҳои таҳсил бе назардошти хусусиятҳои мундариҷаи таълимӣ машғул аст.

**Стандартҳои таҳсилот** – стандартҳо муайян мекунанд, ки хонанда дар охири соли таҳсил ё анҷоми гурӯҳи синнусолӣ кадом натиҷаҳои омӯзишро ба даст меорад. Ин ҷо сухан дар бораи дониш, ақида, эътиқод, майлу рағбат ва қобилиятҳои асосӣ меравад, ки хонандагон бояд аз худ кунанд.

**Эстетика** – калимаи юнонӣ буда, маънояш "эҳсос" мебошад. Илме, ки муносибати қимати эстетикии байни одаму олам ва доираи фаъолияти бадеии одамонро ошкор мекунад, меомӯзонад.

**Эҷодиёт** – фаъолияте, ки чизи сифатан нав ва фарққунандаи беназир, оригиналӣ, нодирро ба вуҷуд меоварад. Эҷодиёт ба инсон хос аст.

### 1.2. ЗАМИНАИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 10.

Стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои хонадагони синфи даҳум дар асоси Конститутсияи (Сарқонун) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва сархати 6, банди 7 Низомномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 - марти соли 2014, №145 тасдиқ шудааст, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф таҳия гардида, минбаъд барои расонидани ёрии таълимию методӣ барои омӯзгорон ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон омода гардидааст.

### 1.3. СОҲАИ ИСТИФОДАИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 10.

Доираи татбиқи стандарти фанни Технология (таълими меҳнат) дар синфи даҳум хеле васеъ аст. Истифодабарандагони бевоситаи стандартҳо омӯзгорони синфҳои 10-ум буда, дар марҳалаи банақшагирӣ, таълим ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагон онро ҳамчун ҳуҷҷати асосӣ истифода мебаранд. Инчунин, мутахассисони зинаи таҳсилоти ибтидоии муассисаҳои дахлдори соҳаи маориф, ки барои расонидани ёрии таълимию методӣ масъуланд, дар банақшагирӣ ва татбиқи чорабиниҳо дар самти расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорони зинаи таҳсилоти миёна стандарти мазкурро истифода мебаранд.

Стандарти мазкур дар донишгоҳ ва коллеҷҳои омӯзгорӣ ҳамчун ҳуҷҷати асосии муайянкунандаи мундариҷаи барномаи таълимии курси равиши дарси фанҳои зинаи таҳсилоти миёна истифода мешавад.

Донишкада ва марказҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони маориф, омӯзиши стандарти мазкурро дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои даҳум ташкил мекунанд.

Минбаъд арзёбии салоҳиятҳо (дониш, малака ва маҳорат)-и хонандагони синфи даҳум дар асоси талаботи стандарти мазкур ба роҳ монда мешавад. Саволу масъалаҳои санҷишии нимсола, солона ва аз синф ба синфгузаронӣ дар асоси салоҳиятҳои дар стандарт ва барномаи таълим муқарраршуда таҳия карда мешаванд.

### 1.4. ПРИНСИПҲОИ АСОСИИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 10

Стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи даҳум дар асоси принсипҳои таълимии зерин таҳия шудааст:

– робитаи назария бо амалия дар таълим;
– илмият дар таълими технология;
– бонизомӣ ва пайдарпайӣ дар таълими технология;
– дастрас будан ва мувофиқи тавон будани меҳнат барои хонандагон;
– шуурнок ва фаъол будани хонандагон дар таълими технология;
– аз худ кардани донишҳои мукаммал, маҳорат ва малака аз тарафи хонандагон;
– айёният дар таълими технология;
– тарбияи хонандагон дар раванди таълими технология;
– ҳамаи шаҳрвандон барои гирифтани таҳсилоти босифат ҳуқуқи баробар доранд;
– риояи қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
–ҳатмӣ будани таълими умумии асосӣ;
–дастрасии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва идомаи таҳсил дар зинаҳои минбаъдаи таҳсилот дар асоси озмун;
–бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс;
–муҳаббат ба Ватан, оила ва муҳити зист;
–ҷанбаи илмӣ, дунявӣ ва башардӯстонаи таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ;
–ягонагии фазои маърифатию фарҳангӣ, рушди фарҳанг ва ҳифзи анъанаҳои миллӣ;
–ҷанбаи инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маориф ва шаффофият дар фаъолияти он;
–раванди муттасили таҳсил;
–ҳавасмандгардонии маърифатнокшавии шахс ва инкишофи истеъдоди ӯ;
–пайдарҳамии раванди таҳсилот, ки иртиботи зинаҳои таҳсилот ва ягонагии таълиму тарбияро таъмин месозад;
–ҳамгироии таҳсилот, илм ва истеҳсолот.
–ба қобилияти фардии хонанда диққат додан. Раванди таълим дар асоси дониш, малака ва маҳорати заминавӣ хонанда ба роҳ монда шуда, бояд талаботи маърифатии ӯро қонеъ намояд. Ба эътибор гирифтани қобилияти хонандагон дар иҷрои фаъолиятҳои таълимӣ ва дар заминаи он такмил додани малакаву маҳорати онҳо. Ҳар як хонанда ба дарс бо дараҷаҳои гуногуни салоҳият меояд. Аз ин лиҳоз, омӯзгор бояд қобилияти муайян кардани сатҳи салоҳиятнокии хонандаро дошта бошад. Омӯзгор барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ низ масъул аст.

Таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар:

❖ хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи заминавиашон таълим гиранд;
❖ хонандагон мақсаду вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд ва онҳоро иҷро карда тавонанд;
❖ раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
❖ барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
❖ ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъуланд;

- ❖ омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
- ❖ ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ дода шавад;
- ❖ раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона гардад, на ба “оид ба чӣ фикр кардан”;
- ❖ ҳама доир ба ҷиҳатҳои суст ва қавии донишу малакаашон ростқавл бошанд;
- ❖ нокомӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад.

–**ба эътибор гирифтани гуногунзеҳнии хонандагон.** Баъзе хонандагон тавассути амалан иҷро намудан кореро аз худ мекунанд ва баъзеи онҳо тавассути мушоҳида дониш мегиранд. Ба баъзеи хонандагон машғулияти серҳаракат, ба дигарон бошад, баръакс, оромӣ барои таълим гирифтан мусоидат мекунад. Омӯзгорон бояд ба ҳама баробар диққат диҳанд, ёрӣ расонанд ва мувофиқи шавқу завқашон фаъолият таҳия намоянд.

–**ҷанбаи башардӯстӣ доштани раванди таълим.** Вазифаи омӯзгор танҳо аз додани дониш ва аз бар кунонидани салоҳиятҳо иборат нест. Ӯ барои фароҳам овардани фазои мусоиди таълим, барои ҳамкорию ҳамдигарфаҳмӣ низ масъул аст.

–**инкишофи арзишҳо.** Стандарти мазкур дар баробари салоҳиятҳои таълимӣ инкишофи арзишҳоро ба роҳ мемонад. Ин арзишҳо на танҳо барои аз худ кардани салоҳиятҳои таълимӣ, балки барои тарбияи шаъну шарафи шаҳрвандӣ низ заруранд.

–**робитаи таълим бо ҳаёт.** Стандартҳои нави ташаккули дониш, малакаву маҳоратҳои барои имрӯз ва ояндаи Тоҷикистон заруриро таъмин намуда, таълимро ҳамчун раванди омӯзиш дар тӯли ҳаёт таъкид мекунанд. Низоми нави таълим низ ба мақсади мутобиқ сохтани натиҷаҳои таълим ба талаботи ҳаёт равона мегардад. Яъне дар натиҷаи таълим хонанда дониш, малака ва маҳорагашро дар амал барои ҳалли масъалаҳои ҳаётӣ истифода мебарад.

–**омӯзиш дар тӯли ҳаёт.** Раванди таълим ва инкишоф беохир аст. Шояд барои пурра аз худ кардани баъзе салоҳиятҳо як умр сарф карда шавад ва баъзеашон мумкин аст тамоман аз худ карда нашаванд. Аз ин лиҳоз, “Низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон” ҷараёни омӯзишро дар тӯли ҳаёт тақозо мекунад.

–**арзёбӣ ба мақсади таълим.** Мо бояд мунтазам натиҷаҳои таълимии хонандагонро арзёбӣ намоем, то тавонем усули таълимро тағйир дода, раванди таълимро самараноктар гардонем.

## 1.5. МАҚСАД ВА ВАЗИФАҲОИ СТАНДАРТИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 10.

Стандарти мазкур ба мақсади татбиқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020 таҳия шудааст.

Таълими технология (таълими меҳнат) дар синфҳои даҳум хусусияти амалӣ ва назариявӣ дошта, дар талабагон донишҳои назариявӣ оид ба асосҳои истеҳсолот, асосҳои соҳибкорӣ, системаи касбинтихобкунӣ ва худмуайянкунии касбии шахсият ташаккул ёфта, ба корҳои амалӣ, ба ҳаёт омода мешаванд.

Мақсади асосии таълими фанни технология (таълими меҳнат) аз инҳо иборат аст:

–муайян ва муқаррар кардани маҷмӯи салоҳият (меъёри дониш, малака ва маҳорат) дар байни хонандагони синфи даҳум аз фанни технология (таълими меҳнат);

–ба низом даровардани мазмун, мундариҷа ва раванди банақшагирӣ, таълим ва арзёбии фанни технология (таълими меҳнат) дар синфи даҳум;

–муқаррар намудани доираи мавзӯъҳои бобҳои таълими фанни технология (таълими меҳнат) мувофиқи талаботи забономӯзӣ ва мувофиқат ба инкишофи синну солии хонандагони синфи даҳум.

–мазмун, мундариҷа ва фаъолиятҳои таълим барои ба ташаккули салоҳиятнокӣ равона шуда, байни онҳо робитаи қавӣ барқарор карда шавад;

–бояд малакаҳои гуногуни фаннӣ ба таври мушаххас ва фарогир пешниҳод гардад. Нишондиҳандаҳои азхудкунии ҳар як салоҳият оварда мешаванд;

–мазмуну мундариҷа ва миқдори салоҳиятҳо бояд мувофиқи сарбории фан, ки нақшаи таълим муқаррар кардааст, пешниҳод гарданд;

– мунтазам инкишоф додани донишҳои назариявӣ оид ба асосҳои истеҳсолот, асосҳои соҳибкорӣ, системаи касбинтихобкунӣ ва худмуайянкунии касбии шахсият ва ташаккули эҷодӣ ҳангоми таълими ҳаёти рӯзмарра;

– тарбияи меҳнатӣ, донишҳои асосҳои соҳибкорӣ ва касбинтихобкунии хонандагон;

– шиносоӣ бо маълумотҳои назариявӣ оид ба асосҳои истеҳсолот, асосҳои соҳибкорӣ, системаи касбинтихобкунӣ ва худмуайянкунии касбии шахсият;

– дар хонандагон бедор намудани кӯшишу ғайрат, меҳнатдӯстӣ, ҳисси эҳтиром ба меҳнати худ ва дигарон;

– омода намудани хонандагон ба иҷрои корҳои мухталиф ба худхизматрасонӣ;

– инкишофи қобилияти амалӣ, фикрӣ ва эҷодӣ.

Вазифаи асосии таълиму омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) ба меҳнат омода кардани хонандагон мебошад, аз тадбирҳои аввалини таълими политехникӣ дар ин синну сол ба ҳисоб меравад. Дар натиҷаи мақсаднок ва бошуурона омӯхтани ин фан хонандагон ба машғулиятҳои амалии синфҳои минбаъда тайёр мешаванд. Ҳамзамон дар таҳкиму ҳамбастагии меҳнати фикрию ҷисмонӣ нақши хоса гузошта, имконоти васеъ фароҳам меорад, ки хонандагон малакаю маҳорати меҳнатӣ пайдо намуда, ба корҳои амалӣ ва ба ҳаёт омода гарданд

- Шиносоии хонандагон бо донишҳои назариявӣ оид ба асосҳои истеҳсолот, асосҳои соҳибкорӣ, системаи касбинтихобкунӣ ва худмуайянкунии касбии шахсият;
- Мусаллаҳ гардонидани хонандагон бо дониш ва маҳорати аввалия дар соҳаи асосҳои истеҳсолот ва асосҳои соҳибкорӣ;
- Дар хонандагон ташаккул додани тафаккури эҷодӣ;
- Муносибати эҷодкорона ба меҳнат ва шавқ ба намудҳои гуногуни фаъолияти меҳнатӣ;
- Тарбияи меҳнатӣ ва маданияти меҳнат, ташаккули маънавиёт;
- Шиносоии хонандагон бо касбҳои гуногун ва ёрӣ расонидан дар муайян намудани роҳи ҳаётии худ;

Вазифаи ниҳоӣ ва муҳимтарини ин фан ба шогирдон додани донишҳои назариявӣ оид ба асосҳои истеҳсолот, асосҳои соҳибкорӣ, системаи касбинтихобкунӣ ва худмуайянкунии касбии шахсият ва монанди инҳо мебошад.

- вазифаҳои асосии таълими фанни технология (таълими меҳнат) инкишофи қобилияти фардии хонандагон;
- дарки зарурати меҳнат дар ҳаёти инсон;
- ташаккули қобилияти эҷодию техникии талабагон;
- шинос намудани хонандагон бо амалиёти марбут ба касбу корҳои меҳнати дастӣ;
- омӯзонидани амалҳо бо унсурҳои фаъолияти меҳнат;
- дар хонандагон ҳосил намудани меҳру муҳаббат ба меҳнат ва меҳнатпарастӣ;
- тарбияи хонандагон дар рӯҳияи эҳтироми меҳнати худ ва меҳнати калонсолон ва умуман аҳли заҳмат;

- тарбияи сарфаю сариштакорӣ ва ҳифзи сарватҳои табиӣ дар шогирдон.

Таълими технология (таълими меҳнат) дар синфҳои 10 хусусияти амалӣ дошта, дар талабагон малакаю маҳорати меҳнатӣ ва эҷодкорӣ ташаккул ёфта, ба корҳои амалӣ, ба ҳаёт омода мешаванд.

**Мавқеи фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи 10 дар нақшаи таълим**

Фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи 10 дар нақшаи таълими такягоҳ ҳамчун фанни ҳатмии таълим дар таркиби соҳаи технология (таълими меҳнат) ҷойгир шуда, ҳаҷми сарбории хонандагон дар давоми соли таҳсил 34 соатро ташкил медиҳад.

| синф | Миқдори соатҳои ҳафтаина | Миқдори ҳафтаҳо дар давоми соли таҳсил | Миқдори соатҳо дар давоми соли таҳсил |
|---|---|---|---|
| **10** | 1 | 34 | 34 |

Технология (таълими меҳнат) ҳамчун ҷузъи меҳнатпарастӣ ба талабагон бояд меҳнати эҷодкоронаро омӯзад, ба дарки нозукиҳои фаъолияти эҷодӣ водор созад ва меҳри бачагонро нисбат ба донишҳои назариявӣ оид ба асосҳои истеҳсолот, асосҳои соҳибкорӣ, системаи касбинтихобкунӣ ва худмуайянкунии касбии шахсиятро бедор намояд. Ҳангоми дарси технология (таълими меҳнат) хонандагон инчунин бояд қобилияти эҷодкории худро ошкор созанд ва такмил диҳанд, хоҳиш пайдо кунанд, ки дар машғулиятҳои эҷодӣ – маҳфилҳои “Соҳибкорон”, “Касби ман – ифтихори ман”(вобаста имкону шароити мактаб) иштирок намоянд.

Меҳнат маҷмӯи амалҳоест, ки тавассути он натиҷаҳо, маҳсуле ба даст оварда мешавад ва барои зисту зиндагонӣ шароит фароҳам меояд. Меҳнат инсонро «офаридааст». Пас, ҳар як фард бояд малакаю маҳорати меҳнатро омӯзад, ба меҳнат омода шавад ва меҳнатро дӯст дорад, зеро ба ин васила ҳам ҷисман ва ҳам рӯҳан ташаккул меёбад.

## II. САЛОҲИЯТҲОИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 10

Фасли мазкури стандарти фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи даҳум хеле муҳим аст. Дар фасли мазкур салоҳиятҳои фанни технология (таълими меҳнат) мувофиқи самтҳои таълим оварда мешаванд. Салоҳиятҳои ҳамаи фанҳо дорои хусусиятҳои зеринанд:

- аз рӯйи принсипи аз сода ба мураккаб тартиб дода шудаанд. Омӯзгорон метавонанд салоҳиятҳои синфи пешина ва баъдинаро мушоҳида карда, мутаносибан раванди таълимро аз оғоз то анҷом ба нақша гиранд. Ин муносибати спиралии татбиқи барномаи таълим мебошад, яъне салоҳиятҳое, ки дар як синф муаррифӣ шудаанд, дар синфҳои минбаъда такмил дода мешаванд. Дар сатҳи ҳар як синф талабот ба салоҳиятнокӣ мураккабтар мегардад.
- мувофиқи самтҳои асосии таълимии фанҳо гурӯҳбандӣ шудаанд. Аз ин лиҳоз, тартиби пешниҳоди салоҳиятҳо (малака ва маҳоратҳо) ба тартиби маводди китобҳои дарсӣ мувофиқат мекунад.
- хусусияти арзёбӣ дошта, мушоҳида мешаванд ва азхудкунии салоҳиятҳо тавассути нишондиҳандаҳо муайян мегарданд.
- дар таҳияи салоҳиятҳо усули спиралӣ истифода шудааст, яъне омӯзгор барои хонандагон имконияти салоҳиятнок шуданро фароҳам оварда, дар сатҳи синфҳои минбаъда ба хонанда имконияти ташаккули бештар дода мешавад. Ҳамин тавр, хонанда дараҷаи баландтари салоҳиятнокиро аз худ карда, ташаккул медиҳад.

## 2.1. САЛОҲИЯТҲОИ ФАННӢ

**Салоҳияти асосҳои истеҳсолот:**

10.1.1. Дар бораи технологияи таъсиси корхона ва мазмуну хусусиятҳои меҳнат дар истеҳсолот маълумот дода метавонад.

**Салоҳияти асосҳои соҳибкорӣ:**

10.2.1. Дар бораи асосҳои соҳибкорӣ маълумоти пурра дода метавонад.

**Салоҳияти муносибати эҷодкорона дар меҳнат:**

10.3.1. Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад.

**Салоҳияти интихоби касб:**

10.4.1. Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад.

**Салоҳияти худмуайянкунии касбии шахсият:**

10.5.1. Моҳияти худмуайянкунии касбии шахсиятро муайян сохта, таҳлил карда метавонад.

**Салоҳияти асосҳои тарбияв**ӣ:

10.6.1. Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

## 2.2. БАҲОДИҲИИ САЛОҲИЯТҲОИ ФАННӢ

Дар фасли мазкур мо тартиб ва воситаҳои арзёбии салоҳиятҳои иҷрои амалҳоро пешниҳод мекунем.

| **Самти асосҳои истеҳсолот:** |
|---|
| 10.1.1. Дар бораи технологияи таъсиси корхона ва моҳияту хусусияти кор дар истеҳсолот маълумот дода метавонад.<br>*<u>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:</u>*<br>• Дар бораи шаклу намуди корхона, иттиҳодия ва ширкатҳо маълумоти пурра дода тавонад;<br>• Дар бораи моҳияту хусусияти кор дар истеҳсолот маълумот дода тавонад;<br>• Дар бораи равандҳои технологӣ ва намудҳои он маълумот дода тавонад;<br>• Дар бораи мафҳуми фаъолияти касбӣ, тақсим ва махсусгардонии меҳнат маълумоти пурра дода тавонад;<br>• Оид ба ришта, соҳа, ҳадафҳои меҳнат маълумоти васеъ дода тавонад;<br>• Дар бораи мафҳуми фарҳанги меҳнат маълумоти васеъ дода тавонад;<br>• Дар бораи технологияи таъсиси корхона ва манбаъҳои маблағгузории он маълумоти васеъ дода тавонад;<br>• Дар бораи захираҳои табиӣ, моддӣ ва меҳнати корӣ, қувваи корӣ маълумоти васеъ дода тавонад;<br>• Дар бораи нақшаи корхонаи истеҳсолии мактабӣ маълумоти васеъ дода тавонад. |
| **Самти асосҳои соҳибкорӣ:** |
| 10.2.1. Дар бораи асосҳои соҳибкорӣ маълумоти пурра дода метавонад.<br>*<u>Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:</u>*<br>• Дар шароити муосир корхонаҳои амалкунандаро аз рӯйи тафаккури соҳибкорӣ таҳлил карда тавонад;<br>• Мазмуни меҳнати коргарро ҳамчун соҳибкор қадр карда тавонад;<br>• Дар бораи субъектҳои соҳибкорӣ, моҳият, мақсадҳо ва вазифаҳои он маълумоти васеъ дода тавонад;<br>• Доир ба ҷамъияти меҳнатӣ, пардохти музди меҳнат, арзиши аслии маҳсулот, стратегияҳои ташаккули нарх, мафҳуми андоз ва андозбандӣ маълумоти пурра дода тавонад;<br>• Дар бораи менеҷмент ва маркетинги фаъолияти корхона маълумоти мушаххас дода тавонад;<br>• Дар бораи фурӯши мол ва хизмат расони маълумоти кофӣ дода тавонад;<br>• Дар бораи реклама дар системаи соҳибкорӣ маълумоти пурра дода тавонад; |

| |
|---|
| • Оид ба банақшагирии фаъолияти соҳибкорӣ маълумоти пурра дода тавонад;<br>• Дар бораи бизнесс – нақшаи худ маълумоти пурра дода тавонад. |
| **Самти муносибати эҷодкорона дар меҳнат:** |
| 10.3.1. Дар доираи муаммои васеъ ғояи навро пайдо карда метавонад.<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>• Фаъолияти корхонаҳои давлатиро таҳлил карда тавонад;<br>• Хусусияти эҷодии меҳнатро дарк карда тавонад;<br>• Усулҳои равандҳои технологиро тасниф ё шарҳу эзоҳ дода тавонад;<br>• Тақсимоти меҳнатро таҳлил карда тавонад;<br>• Дар бораи раванди фаъолияти тахассусии касбҳои гуногун маълумоти пурра дода тавонад;<br>• Моҳияти ҷузъиёти асосии раванди фаъолияти касбии ояндаи худро мустақилона муайян карда тавонад;<br>• Тақсимоти меҳнатро таҳлил карда тавонад;<br>• Манбаъҳои дохилии ширкат ва фоидаи онро ҳисоб карда тавонад;<br>• Фарқи захираҳои моддӣ ва меҳнатиро шарҳ дода тавонад;<br>• Нақшаи корхонаи истеҳсолии мактабиро тартиб дода тавонад;<br>• Дар бораи фарқи шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ мустақилона шарҳ дода тавонад;<br>• Арзиши аслии маҳсулотро дар шакли формула ҳал карда тавонад;<br>• Нархи яклухт, чакана ва фурӯши маснуотро муайян карда тавонад;<br>• Андозбандии моддаҳои фаъолияти корхонаро бояд донад;<br>• Нақшаи фурӯши молро тартиб дода тавонад;<br>• Мустақилона бизнесс - нақшаи худро таҳия карда тавонад;<br>• Мустақилона лоиҳаи эҷодии худро таҳия карда тавонад.<br>• Аз усулҳои омӯзиши шахсият бо мақсади касбинтихобкунӣ истифода бурда, тасниф карда тавонад;<br>• Марҳалаҳои дар коллектив мутобиқшавиро ҷудо карда тавонад;<br>• Ташаккули касбии шахсиятро ҷамъбаст намуда, лаҳзаҳои асосии ин равандро ҷудо карда тавонад;<br>• Сабаби ихтилофоти худмуайянкунии касбиро пурра таҳлил намуда, шарҳ дода тавонад;<br>• Вобастагии маҳорати касбӣ бо эҷодкории касбиро ба таври возеҳу равшан шарҳ дода тавонад;<br>• Омилҳоеро, ки ба карйераи касбӣ таъсир мерасонад, муайян карда тавонад. |
| **Самти интихоби касб:** |
| 10.4.1. Системаи касбинтихобкунӣ ва худмуайянкунии касбии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад.<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>• Оид ба касбҳои корхонаҳои шаклашон гуногун маълумоти пурра дода тавонад;<br>• Оид ба касбҳои гуногуни соҳаи истеҳсолот маълумоти пурра дода тавонад;<br>• Дар бораи касбҳои равандҳои технологӣ маълумоти пурра дода тавонад;<br>• Оид ба касбҳое, ки доир ба тақсимоти меҳнат вазифадоранд, маълумоти пурра дода тавонад;<br>• Вобаста ба рушди техника шумораи объектҳои меҳнат ва касбҳои муосирро муайян карда тавонад;<br>• Оид ба касби соҳибкор маълумоти кофӣ дошта бошад;<br>• Дар бораи ихтисосҳои корхонаи истеҳсолии мактабӣ маълумоти пурра дода тавонад;<br>• Дар бораи касбҳои соҳибкор, муҳосиб, иқтисодчӣ, тоҷир, корманди андоз маълумоти васеъ дода тавонад. |

| |
|---|
| • Дар бораи касбҳои менеҷер, менеҷери реклама, равоншинос, фурӯшанда маълумоти васеъ дода тавонад.<br>• Дар бораи маърифати касбӣ ва гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ маълумот дода тавонад;<br>• Дар бораи ташхиси касбӣ ва хусусияти инсон маълумот дода тавонад;<br>• Дар бораи машварати касбӣ, мутобиқгардонии равонӣ – физиологии касбӣ ва яккачинкунии касбӣ ва қобилияти махсус, ки ба баъзе касбҳо заруранд, маълумоти пурра дода тавонад. |
| **Самти худмуайянкунии касбии шахсият**: |
| 10.5.1. Моҳияти худмуайянкунии касбии шахсиятро муайян карда, таҳлил карда метавонад.<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>• Дар бораи моҳияти худмуайянкунии касбӣ ва интихоби касби худ маълумот дода тавонад;<br>• Дар бораи худмуайянкунии касбӣ дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули шахсият маълумоти пурра дода тавонад;<br>• Дар бораи ихтилофоти худмуайянкунии касбӣ маълумоти пурра дода тавонад;<br>• Дар бораи марҳалаҳои раванди ташаккули касбии шахсият маълумоти пурра дода тавонад;<br>• Дар бораи мафҳуми карйера ва карйераи касбӣ маълумот дода тавонад;<br>• Дар бораи системаи тайёрии касбии кадрҳо дар ҶТ маълумоти васеъ дода тавонад. |
| **Самти асосҳои тарбиявӣ**: |
| 10.6.1. Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.<br>*Нишондиҳандаҳои салоҳиятнокӣ:*<br>• Ҳангоми гурӯҳбандии корхонаҳо диққатнокии худро инкишоф дода тавонад;<br>• Ҳангоми таҳлил кардани равандҳои технологӣ қобилияти таваҷҷуҳии худро такмил дода тавонад;<br>• Хусусиятҳои тақсими меҳнатро таҳлил намуда, тафаккури худро инкишоф дода тавонад;<br>• Раванди фаъолияти касбии инсонро таҳлил намуда, дониши худро ташаккул дода тавонад;<br>• Манбаъҳои маблағгузории корхонаро таҳлил намуда, манфиатҳои иқтисодии худро инкишоф дода тавонад;<br>• Раванди корхонаи истеҳсолии мактабиро таҳлил намуда, ҳангоми ороишу пардоз қобилияти зебоипарастии худро такмил дода тавонад;<br>• Ғояҳои экологӣ ва маҳсулоти тозаи экологиро таҳлил намуда, тарбияи экологии худро инкишоф дода тавонад;<br>• Қобилтяти сарфакорӣ ва зиракии худро рушд дода тавонад;<br>• Қобилияти худидоракунӣ ва муносибати оқилонаро дар худ инкишоф дода тавонад;<br>• Қобилияти андешаронӣ ва тафаккури мантиқии худро ташаккул дода тавонад;<br>• Ҳангоми таҳияи бизнесс-нақша мутамарказонии таваҷҷуҳ ва дурандешии худро инкишоф дода тавонад;<br>• Ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ қобилияти ташклотчигии худро такмил дода тавонад;<br>• Хусусиятҳои характери шахсиятро тарбия карда, дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ татбиқ карда тавонад;<br>• Хусусиятҳои марҳалаҳои машваратии касбиро омӯхта, қобилияти ташкилотчигии худро тақвият дода тавонад; |

- Қобилияти махсусе, ки ба баъзе касбҳо заруранд, таҳлил намуда қобилияти шахсии худро инкишоф дода тавонад;
- Дар бораи тарбияи касбӣ ва раванди ташаккули касбии коргари соҳибихтисос маълумоти васеъ дода тавонад;
- Ҳангоми тарбияи касбӣ хислатҳои шахсии худро ба монанди мақсаднокӣ серталабӣ нисбат ба худ инкишоф дода тавонад;
- Қобилияти муносибати эҷодӣ ба меҳнатиро дар худ ташаккул дода тавонад;
- Сабабҳои ихтилофоти худмуайянкунии касбиро таҳлил намуда, образи идеалии худро тасвир карда тавонад;
- Ҳисси масъулияттшиносиро дар худ инкишоф дода тавонад;
- Самтҳои тайёрии ибтидоии касбиро таҳлил намуда, сифатҳои муҳимми касбии худро ташаккул дода тавонад;
- Қобилияту завқу мароқи худ ва дар касби оянда баҳамоии мусоиди онҳоро ошкор карда тавонад.

## 2.3. САЛОҲИЯТҲОИ ТАРБИЯВӢ-АХЛОҚӢ

Таълиму тарбия дар зинаи таҳсилоти миёна. Азбаски хонандагон қобилиятҳои гуногун доранд, мо бояд пешрафти хонандаро берун аз салоҳиятҳои фаннӣ низ эътироф намоем. Дар намунаи ҳисоботи дар боло омада сутуне барои нишон додани кӯшишу ғайрати хонанда омадааст. Кӯшишу ғайрат ҳам бо низоми 6 (10, 20, 100) балла баҳогузорӣ карда мешавад.

Барои қайди муносибати хонанда ба омӯзиш корти ҳисоботи хонанда истифода карда мешавад, ки қисмҳои зеринро дарбар мегирад.

Дар омӯзиши ҳар фан хислатҳои зерин нақши асосиро мебозанд.

| **Худро идора карда тавонистан** | мунтазам | одатан | баъзан |
|---|---|---|---|
| Мустақилият нишон медиҳад | □ | | |
| Интизориҳои баланд дорад | | □ | |
| Барои таваккал (риск) кардан омода аст | □ | | |
| Тобовар аст | | □ | |
| **Муносибат бо дигарон** | | | |
| Аҳамият медиҳад | | □ | |
| Таҳаммулпазир аст | | □ | |
| Ҳамкорӣ менамояд | | □ | |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | | | |
| Эътимод нишон медиҳад | □ | | |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | | □ | |
| Фаъол аст | | □ | |
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад | □ | | |
| **Андешаронӣ** | | | |
| Қобилияти фикрии баланд дорад | | □ | |
| Эҷодкорӣ | | □ | |

## 2.4. НИШОНДИҲАНДАҲОИ ХИСЛАТҲО

Дар ҷадвали зер нишондиҳандаҳое оварда шудаанд, ки хонандагони болаёқатро тавсиф менамояд. Ин нишондиҳандаҳо то андозаи муайяне хусусияти инфиродӣ доранд. Ҳангоми арзёбӣ омӯзгор нишондиҳандаҳои зеринро ба эътибор мегирад.

| Хислат | **Нишондиҳанда (ё муайянкунанда)** – Хонанда |
|---|---|
| **Худро идора намудан** | |
| Мустақилият нишон додан | Бе ёрии дигарон кор мекунад ва агар ёрӣ лозим шавад, пеш аз мадад пурсидан барои ҳалли ҳама гуна мушкилӣ аввал худ кӯшиш ба харҷ медиҳад. |
| Интизориҳои баланд дорад. | Ҳангоми иҷрои супорише ҳадаф мегузорад, ки натиҷааш босифат бошад бо интизории он, ки меъёрҳои баҳодиҳиро аз худ менамояд ва аз он ҳама болотар ноил мешавад. Агар вазифа ё супориш аз тарафи омӯзгор арзёбӣ нашавад ҳам, хонанда дар пеши худ меъёрҳои баланд мегузорад, то кори ӯ ҳамчун як муваффақият арзёбӣ шавад. |
| Ба таваккал (дар омӯзиш) кардан омода аст. | Зарурати таҷриба намудани ашёро эътироф менамояд, ҳарчанд он қисман ба нокомӣ ё танқид мебарад. Аммо ин хавфҳои асосноке мебошанд, ки ба бехатарии шахсӣ мушкилӣ эҷод накунанд. |
| Тобовар аст | Бо вуҷуди мушкилот, ноумед намешавад ва кӯшиш мекунад, ки вазифаҳоро ба анҷом расонад. |
| Бовиҷдон аст | Арзишҳои худро ҳамеша, новобаста аз вазъият ҳифз менамояд. Арзишҳо инҳоянд:<br>–дар амалҳояш ростқавл аст;<br>–меҳрубонӣ зоҳир мекунад;<br>–адолатро риоя мекунад;<br>–ҳақгӯ аст;<br>–дар рафтору амал масъулиятшинос аст;<br>–дар амалҳояш шаффофиро риоя мекунад (ба истиснои ҳолатҳои номутобиқ);<br>–дар сахтиҳо қатъият нишон медиҳад;<br>–фарҳанги худ ва дигаронро эҳтиром мекунад. |
| **Муносибат бо дигарон** | |
| Аҳамият медиҳад | Вақте бо дигарон кор мекунад, ба ниёзҳои онҳо аҳамият медиҳад (масалан дигаронро гӯш мекунад, сухани онҳоро намебурад). |
| Таҳаммулпазир аст | Ақида ва фарҳанги шахсони гуногунро қабул мекунад (ин маънои онро надорад, ки мо аз ин сӯиистифода кунем). |
| Ҳамкорӣ менамояд | Хамкорӣ мекунад, ба дигарон барои саҳм гузоштан дар иҷрои супоришҳо имкон медиҳад. |
| **Иштирок ва саҳмгузорӣ** | |
| Эътимод нишон медиҳад | Ҳангоми пурсиш ақидаашро иброз медорад ва барои иҷрои супориш на ҳамеша аз дигарон мадад меҷӯяд. |
| Масъулиятро ба дӯш мегирад | Ҳангоми иҷрои фаъолиятҳо оқибатҳои онро ба зима мегирад. Агар аз ӯ хоҳиш кунанд, масъулиятро ба дӯш мегирад. |
| Фаъол аст | Ғайрифаъол нест, баръакс, кӯшиш мекунад саҳми худро гузорад. |

| | |
|---|---|
| Мақсаднок ба коре ҷалб мегардад | Пеш аз ҳар гуна фаъолият мақсаде мегузорад, ки ба ҳалли вазифаи додашуда марбут аст. |
| **Андешаронӣ** | |
| Фикрронии дараҷаи баланд | Барои анҷом додани вазифаҳо малакаҳои фикрронии баландро истифода мебарад. |
| Эҷодкорӣ | Фикрҳои тоза пешниҳод мекунад. |

## 2.5. САЛОҲИЯТНОКИИ ОМӮЗГОРОН

Барои татбиқи стандарт ва барномаи нави фанни технология (таълими меҳнат) омӯзгори синфҳои даҳум бояд дониш, малака ва маҳорати зеринро дошта бошад:

– назария ва принсипҳои низоми таълими салоҳиятнокиро донад ва ҷанбаҳои татбиқи амалии онро дар рафти таълим шарҳ дода тавонад;

– тарзи банақшагирӣ ва арзёбии салоҳиятнокии хонандагонро донад ва ҳангоми рафти таълим истифода барад;

– усулҳои таълимие, ки барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда мусоидат мекунанд, донад ва усули мувофиқро интихоб карда тавонад;

– усул ва воситаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро барои муайян кардани сатҳи азхудкунии салоҳиятҳо истифода бурда тавонад;

– натиҷаҳои арзёбии ташаккулдиҳандаро ба мақсади қабули қарори мувофиқ истифода бурда тавонад;

– роҳу воситаҳои самараноки ба хонандагон барои салоҳиятнок шудан ёрӣ расониданро донад ва дар раванди таълим истифода барад;

– барои ташаккули салоҳиятнокии хонанда аз методҳои интерактивӣ (усулҳои фаъоли таълим) ва бозиҳои дидактикӣ истифода бурда тавонад;

– ҳар як мавзӯи барнома бо методҳои интерактивӣ (усулҳои фаъоли таълим) ё бозиҳои дидактикӣ гузаронида шавад.



## III. ТАШКИЛИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ САЛОҲИЯТНОКӢ АЗ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) БАРОИ СИНФИ 10

Аксари низомҳои таълими анъанавӣ ба азхудкунии мавзӯъ нигаронида шудаанд, яъне омӯзгорон хонандагонро ба аз худ кардани мавзӯъ ва аз ёд кардани маълумот водор менамоянд. Чунин муносибат ба таълим дар гузашта мутобиқ буд, аммо дар замони ҳозира, ки андозаи дониш босуръат зиёд мегардад, дар ҷараёни таълим диққати асосӣ бояд ба ташаккули малакаҳои омӯзишии хонандагон равона гардад, то онҳо тавонанд дониши зарурӣ ва маълумоти мушаххасро интихоб ва истифода баранд.

Акнун барои омӯзгорон "хонандагон чиро меомӯзанд?" ва "чӣ тавр меомӯзанд?" аз "ба хонандагон чиҳоро меомӯзонанд?" муҳимтар аст. Барои баъзеҳо омӯзондан ва омӯхтан (аз худ кардан) як маъно дорад, аммо бояд дар хотир дошт, ки агар омӯзгор нодуруст дарс диҳад, ҳатто дар ҳолати дарси зиёд додан ҳам, азхудкунӣ наметавонад самарабахш бошад.

Дар низоми таълим ва арзёбии салоҳиятнокӣ ба дониш, малака ва маҳоратҳои воқеии хонандагон диққати махсус дода мешавад. Салоҳиятҳо фаъолиятҳоеро, ки хонандагон дар натиҷаи омӯхтан аз худ мекунанд, нишон медиҳанд.

Барои муайян кардани он ки оё хонанда салоҳиятҳоро аз худ кардааст ё не, барои ҳар салоҳият нишондиҳандаҳои он оварда мешавад. Нишодиҳандаҳо маҷмӯи дониш, малака ва маҳоратҳое мебошанд, ки аз ноил шудан ба салоҳиятҳо дарак медиҳанд. Онҳо ба Шумо имкони мушоҳида ва арзёбӣ карданро фароҳам оварда, нишон медиҳанд, ки то кадом андоза хонанда салоҳиятро аз худ кардааст. Тартиб додани рӯйхати пурраи нишондиҳандаҳо барои баъзе салоҳиятҳо имконнопазир аст, шояд шумораи онҳо ба садҳо нишондиҳанда расад ва микдори онҳо вобаста ба нуқтаи оғози инкишофи салоҳиятнокӣ ва вобаста ба сатҳи синф фарқ кунад.

Дар гузашта самтҳои гуногуни раванди таълим (таҳия ва татбиқи нақшаи тақвим) бештар назорат ва мушоҳида карда мешуд. Акнун натиҷаҳои таълимии хонандагон ва раванди омӯзиши онҳо бештар назорат карда мешаванд. Аз байн бурдани навъҳои дигари назорат дар ҳолате амалӣ мегардад, ки агар:

1) муассисаи таълимӣ ва омӯзгорон самаранок ба низоми таълими салоҳиятнокии хонандагон гузаранд.

2) тартиби ҷамъоварии маълумоти дуруст, ки дараҷаи азхудкунии салоҳиятҳоро нишон медиҳад, ба роҳ монда шавад.

Ба омӯзгорон озодии бештар дода, ҳамзамон масъулияти онҳо барои беҳтар шудани дастовардҳои таълимии хонандагон зиёд мегардад. Ин чунин маъно дорад, ки арзёбии салоҳиятҳо қисми асосии ислоҳот маҳсуб меёбад.

Акнун барои омӯзгор танҳо донистани мундариҷаи фан кифоя нест. Омӯзгорон бояд дар асоси таҷриба, омӯзиши равиши дарс, азхудкунии назарияи таълим ва маълумот оид ба ҳар як хонандаи синф барои инкишоф додани салоҳиятҳои онҳо ва таъмини пешравӣ ҷараёни таълимро ба роҳ монанд.

### 3.1.БА ХУСУСИЯТҲОИ ФАРДИИ ХОНАНДА ДИҚҚАТ ДОДАН

Стандарту барномаҳои нави таълим ташаккули натиҷаҳои таълимии ҳамаи хонандагонро новобаста аз қобилият ба вазъи иҷтимоӣ дастгирӣ менамоянд. Стандарт ва барномаи мазкур ақидае, ки тибқи он ба ҳамаи хонандагон талаботи ягона гузошташавандаро дастгирӣ намекунад. Он ақидаеро дастгирӣ менамояд, ки дар он ҳар як хонанда дорои маҷмӯи таҷрибаи мушаххас, инчунин дараҷаҳои гуногуни салоҳият аст.

Омӯзгорон барои ташаккули натиҷаҳои таълими ҳар як хонанда аз лиҳози касбӣ ва ахлоқӣ масъуланд.

Самаранокии таълим тавассути ташаккули натиҷаҳои таълимии тамоми аҳли синф муайян карда мешавад, на дастовардҳои таълимии якчанд хонанда. Барои амалӣ сохтани мақсади мазкур омӯзгорон бояд тарзи муайян намудани сатҳи дониши мавҷудаи хонанда ва сатҳи ниҳоии азхудкунии салоҳиятҳои ҳар як хонандаро истифода бурда тавонанд.

## 3.2. ПРИНСИПҲОИ ТАЪЛИМИ САМАРАНОК

Таълим ҳамеша самаранок мегардад, агар:

- хонандагон дар заминаи дониш ва малакаи заминавиашон инкишоф ёбанд;
- хонандагон мақсади вазифаҳои таълимии гузошташударо дарк кунанд;
- мақсади таълим барои хонандагон фаҳмо бошад;
- вазифаҳои таълим мувофиқи қобилияти хонандагон таҳия шаванд;
- раванди азхудкунии маводди таълим барои хонандагон шавқовар ва ҷолиб бошад;
- барои азхудкунии маводди нави таълим ё малакаи нав ба хонандагон имконияти мувофиқи машқ кардан дода шавад;
- омӯзгорон усулҳои гуногуни таълимро ба мақсади таҳким ва мустаҳкам гардонидани донишу малакаи нав истифода баранд;
- ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда барои таълим масъулият дошта бошанд;
- омӯзгорон усулҳои гуногунро ба мақсади такрор ва дар хотир нигоҳ доштани донишу малака истифода баранд;
- ба хонандагон ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва ташаккули малака имконияти ҳамкорӣ кардан диҳанд;
- раванди таълим ба “чӣ тавр фикр кардан” равона гардад, на ба “оид ба чӣ фикр кардан”;
- ҳама оид ба ҳаҷми донишу малакаашон ростқавл бошанд;
- ноумедӣ дар ҷараёни таълим ҳамчун қисми таркибии он шинохта шавад;
- омӯзгор раванди омӯзишро дарк кунад ва донад, ки таълим чӣ тавр бояд ба роҳ монда шавад ва онро доимо назорат кунад.

## 3.3. ТАЙЁРИИ ОМӮЗГОР БА ДАРС ВА РОБИТАИ ТАЪЛИМИ ТЕХНОЛОГИЯ БО ДИГАР ФАНҲО

Дар тайёрӣ ба машғулият ҷойи марказиро банақшагирии раванди таълим ишғол мекунад. Ба туфайли банақшагирӣ амалҳои омӯзгор ва хонанда дар машғулиятҳое, ки дар устохона баргузор мегардад вобаста бо мақсад ва масъалаҳои таълими технология, принсипҳои он ва ва дигар талаботҳое, ки бо хонандагон дар кор муқаррар карда шудааст, имконпазир мешавад. Дар рафти банақшагирии раванди таълим чунин масъалаҳои дидактикӣ ҳал мешавад:

1. Барои таъмини раванди таълим бо маводди ҳозиразамон замина ба вуҷуд меорад. Инчунин, қаблан муҳлати таъмини устохонаи таълимӣ бо ин ё мавод ва асбобҳо маълум мегардад.

2. Робитаи байни мазмуни машғулиятҳои таълими технология (таълими меҳнат) бо дигар фанҳои таълимӣ кушода мешавад. Маводди таълимиро тақсим карда, омӯзгор муайян мекунад, ки хонандагон кадом донишҳоро аз дарсҳои асосҳои соҳибкорӣ ва асосҳои истеҳсолот, физика, химия, риёзиёт, накшакашӣ ва ғайра гирифтаанд дар он вақт, ки онҳо мавзӯи мушаххасро аз таълими технология (таълими меҳнат) меомӯзанд; вобаста ба ин таъмини алоқаи дидактикиро байни таълими технология (таълими меҳнат) ва асосҳои илм ба роҳ мондан мумкин аст.

3. Дар раванди машғулият дар синфхона хусусан ҳангоми таҳияи лоиҳаи эҷодӣ, бизнесс-нақша, мумкин аст иҷро карда шавад. Дар ин ҳолат кори хонандагон дар кадом вақт мувофиқа карда мешавад, ки дар рафти банақшагирӣ ҳаллу фасли худро меёбад.

4. Ҳангоми натиҷабардорӣ санҷидани иҷрои барномаи таълимӣ ба омӯзгор осон мегардад. Барои ин ба нақша гирифтани иҷрои корро бо ҳаҷми воқеан иҷро шуда муқоиса кардан лозим аст.

5. Аз тарафи қисми таълим ва маориф назорат аз болои раванди таълим осон мешавад.

**2. Тайёрии муаллим ба соли хониш.** Тайёрии омӯзгор ба соли таълимии навбатӣ аз охири соли ҷорӣ сар мешавад.

Мувофиқи талаботи методикаи таълими технология бояд дарсҳо 75-80 фоиз тариқи амалӣ ва 20-25 фоиз назариявӣ ҷараён гиранд. Омӯзгор кӯшиш ба харҷ диҳад, ки мувофиқи талаботи мазкур раванди таълимро ташкил намояд.

Банақшагирии кори таълим аз омӯхтани барномаи мактабӣ ва навиштаҷоти фаҳмонидадиҳии он оғоз меёбад. Барномаро бояд омӯхта, бодиққат таҳлил намуда, вазифаи таълимро муайян кард. Инчунин, бо мазмуни барнома, ки дар ҳаҷми дониш, маҳорат ва малака, ки хонандагони ҳар як синф бояд соҳиб шаванд, бо нишондоди ин ё он мавзӯъ, шумораи соат, номгӯйи объектҳои меҳнат бодиққат шинос шудан лозим аст.

Интихоби маҳсулот, яъне объекти меҳнат давраи масъулиятноки тайёрии омӯзгор ба гузаронидани машғулият ба ҳисоб меравад. Ба ғайр аз он, маҳсулот бояд аз рӯйи таъйиноти ҷамъиятӣ- фоиданокӣ бошад, ки ба он як қатор талаботҳо муайян карда шудааст:

1. Коркарди лоиҳаи эҷодӣ ва бизнесс-нақша, бояд аз амалиёти меҳнатии дар барномаи таълими дида баромада шуда иборат бошад.

2. Кори таҳияи лоиҳаи эҷодӣ ба бизнесс-нақша вобаста буда, бояд барои хонанда, чун дар дақиқӣ ва меъёри вақти банақшагирифта мувофиқи қувваи онҳо бошад.

3. Аз рӯйи таъйинот ва таҳияи лоиҳаи эҷодӣ ва бизнесс-нақша ба фаҳмиши хонандагон дастрас бошад. Ин талабот хусусан барои он лаҳза, ки хонандагон лоиҳаҳои гуногун тартиб медиҳанд.

**3. Тайёрии омӯзгор ба машғулиятҳои мавзӯи навбатӣ.** Тайёрии муаллим ба машғулият аз рӯйи мавзӯъ аз тартиб додани нақшаи тақвимӣ оғоз меёбад.

Вобаста аз шароит нақшаи тақвимӣ якбора ба тамоми соли таҳсил, нимсола ё як чоряк тартиб дода мешавад. Агар мактаб устохона ва пойгоҳи хуби моддӣ дошта бошад, нақша ба тамоми соли таҳсил тартиб дода мешавад

Барои он мактабҳо, ки ба омӯзиши фронталии ҳамаи гурӯҳ қудрат надорад, ҷадвали (график) алоҳида тартиб медиҳанд. Масалан, агар мактаб шумораи лозимии таҷҳизот ва асбобҳо надошта бошад ё шумораи хонандагон зиёд бошад, ҷадвал тартиб медиҳанд, ки хонандагон бо навбат кори дар барнома муқаррар шударо иҷро намоянд.

Ҳамаи маводди таълимие, ки мазмуни мавзӯи таълимиро ифода мекунад, омӯзгор ба машғулият (дарс) тақсим мекунад, намуди дарс ва алоқаи байни онро муайян мекунад, методҳои таълимиро қайд менамояд, объекти кори хонандаро интихоб мекунад.

Таҳлили кори омӯзгорони пешқадам нишон медиҳад, ки системаи дарсро оид ба ин ё он мавзӯъ тартиб дода, аз рӯйи чунин дастур кор кардан лозим аст:

1) ҷойи мавзӯъ дар фанни таълимӣ ва доираи дониш, маҳорат ва малака, ки хонандагон бояд соҳиб шаванд;

2) робитаи назария бо амалия;

3) аҳамияти маводди мавзӯъ барои имконияти инкишофи дониши хонандагон;

4) тайёрии хонандагон оид ба аз худ кардани мавзӯи нав;

5) аз рӯйи мантиқ баён кардани маводди таълимӣ;

6) имконияти эҷодии кори хонандагон;

7) натиҷаҳои дар назар доштташуда баъди омӯзиши мавзӯъ;

8) робитаи дарс бо корҳои беруназсинфии хонандагон.

Мазмуни ҳар як дарсро пешакӣ дониста, омӯзгор имконияти муайян кардани тайёрии хонандагонро дорад ва дар назди онҳо вазифа оид ба такрор намудани маводди гузаштаро гузорад. Дар натиҷаи ҳамаи корҳои дар боло нишон додашуда нақшаи тақвими омӯзиши мавзӯъҳои дар пеш истодаро мумкин аст, тартиб диҳад.

Омӯзгорони метавонанд, аз нақшаи тақвимии шуъбаи маориф, ки аз тарафи омӯзгорони пешқадам тартиб дода шудааст ё аз рӯзномаю маҷалла, ки пешниҳод мешавад, истифода баранд.

**4.Тайёрии омӯзгор ба дарс.** Дар тайёрии омӯзгор ба дарс чунин чорабиниҳои характери ташкилӣ, методӣ, инчунин чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани ихтисосро ҷудо кардан мумкин аст.

Маълум аст, ки дониши омӯзгор бояд васеъ ва амиқ бошад, назар ба талаботҳое, ки аз хонандагон талаб карда мешавад. Омӯзгор бояд ба ҳамаи саволҳои берун аз барномаи хонандагон тайёр бошад. Вай бояд ба малакаҳои касбӣ вобаста бо самтҳои таълими технология (таълими меҳнат) соҳиб бошад. Аз ин лиҳоз, сарчашма барои ба шахсан тайёр шудани омӯзгор китоб ё устои таълим хизмат мекунад.

Тайёрии методии омӯзгор ба дарс аз кор бо адабиёти методӣ сар мешавад. Омӯзгор китоби дарсӣ барои хонандагонро дида мебарояд, то ки ҳангоми баёни маълумоти нав ин маводро ба назар гирад. Омӯзгор, инчунин ба адабиёти таълимӣ оид ба асосҳои илм шинос мешавад. Чунин раҳнамоӣ аз рӯйи ду сабабҳои асосӣ зарур аст. Якум, дар китоби дарсӣ маводди минималӣ барои иҷрои барномаи таълимӣ ба қадри кифоя ифода ёфтааст. Дуюм, мазмуни дар китоби дарсӣ ифодаёфтаи маводди таълимӣ ба дараҷаи инкишофи умумии хонандагон ва дониши онҳо оид ба асосҳои илм, ки ба муаллим барои тайёр шудан ба баёни мавзӯъ барои хонандагон дастрас бошад, ёрӣ мерасонад, мувофиқ мебошад.

Барои тайёрии омӯзгор ба дарс шиносоӣ бо адабиёти методӣ, ки таҷрибаи кории муаллимон ва мактабҳои беҳтарин ҷамъбаст шудааст, аҳамияти калон дорад. Дар адабиёти методӣ тавсияҳо оид ба сохтани раванди таълим, интихоби объекти меҳнат ва оид ба дигар саволҳо, ки бо иҷрои масъалаҳои таълимӣ дар дарсҳои таълими технология (таълими меҳнат) марбут аст, дида мешавад. Омӯхтани таҷрибаи дигар омӯзгорон зарур аст. Иштирок дар дарсҳои кушод, дарсҳои намунавӣ, ки барномаро камтар пешгузарӣ мекунад, барои муаллим ҳатмӣ мебошад.

То саршавии машғулият ба омӯзгорон тавсия дода мешавад, ки мустақилона объекти меҳнатро, ки барои хонандагон ба сифати вазифаи меҳнатӣ қайд шудааст, тайёр кунанд. Аз нуқтаи назари методӣ аз рӯйи чунин сабабҳо зарур мебошад: якум, обрӯю эътибори омӯзгор баланд шавад, агар хонандагон бинанд, ки омӯзгор бо пуррагӣ ба тарзҳои меҳнатӣ соҳиб мешавад ва ӯ чун намунаи шахсӣ хизмат карданаш мумкин аст. Дуюм, объекти меҳнате, ки муаллим месозад, чун намуна барои хонандагон хизмат мекунад. Сеюм, раванди меҳнатиро мустақилона иҷро намуда, омӯзгор аниқ тасаввур мекунад, ки дар хонандагон чӣ гуна мушкилӣ пеш меояд ва ҳангоми иҷрои кор ба кадом хатогиҳо роҳ медиҳад.

Дар тайёрии омӯзгор ба дарс таҳлили хатогии хонандагон ҷойи асосиро ишғол мекунад. Таҷриба нишон медиҳад, ки 10% вақти таълимӣ ба ислоҳи хатогиҳо сарф

мешавад. Хатогиҳои хонандагон аз сабабҳои гуногун ба амал меоянд. Баъзан аз гуноҳи муаллим, агар ӯ маводди навро пурра баён карда наметавонад.

Баъзан аз гуноҳи хонандагон, агар онҳо бодиққат баёни муаллимро гӯш накарданд. Хатогӣ баъзан объективӣ (воқеӣ) ба амал омаданаш мумкин аст (инкишофи ҷисмонии хонандагон).

Сифати гузаронидани дарс аз коркарди пешакии саволҳои ташкилӣ вобастагии калон дорад. Ҳар як хонанда бояд бо маводди лозимӣ таъмин бошад. Аз муаллим тайёр намудани айёният (ҳуҷҷатҳои лозимӣ оид ба лоиҳаи эҷодӣ ва бизнесс-нақшаҳо ва ғайра) талаб карда мешавад.

Тайёрии омӯзгор ба дарс бо тартиб додани нақшаи дарс ба охир мерасад.

Чӣ қадаре, ки нақшаи дарс пурра, муфассал бошад, ҳамон қадар ба омӯзгор ҳангоми гузаронидани дарс ёрӣ мерасонад.

Нақшаи дарс аз рӯйи чунин шакли намунавӣ тартиб дода мешавад:

**Мавзӯъ: Худмуайянкунии касбӣ дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули шахсият**

**Барнома**: Худмуайянкунии касбӣ дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули шахсият: синни томактабӣ, синни хурди мактабӣ, синни наврасӣ, аввали навҷавонӣ, навҷавонӣ, ҷавонӣ, камолот, миёнсолӣ.

**Салоҳиятҳо**:

- Моҳияти худмуайянкунии шахсиятро муайян карда, таҳлил намуда метавонад;
- Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи худмуайянкунии касбӣ дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули шахсият маълумоти пурра дода тавонад.
- Марҳалаҳои ташаккули шахсиятро таҳлил намуда, шарҳ дода тавонад.
- Қобилияти меҳнатдӯстиро дар худ сайқал дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2). Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Моҳияти худмуайянкунии касбиро фаҳмонед.
2. Шедровский худмуайянкунии касбиро чӣ тавр баррасӣ кардааст?
3. Климов Е.А. худмуайянкунии касбиро чӣ тавр шарҳ медиҳад?
4. Лаҳзаҳои асосии ташаккули касбии шахсиятро номбар кунед.

1. Модели худмуайянкунии касбии Н.С.Пряжниковро шарҳ диҳед.
2. Н.С. Пряжников чанд намуди худмуайянкунии касбиро пешниҳод кардааст?
3. Чанд сатҳи худсобиткунии инсонро ҷудо мекунанд?

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор дар бораи худмуайянкунии касбӣ дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули шахсият маълумот медиҳад.

**Синни томактабӣ.** Ҳангоми бозӣ бо калонсолон тақлид кардани кӯдакон ва амалу фаъолияти калонсолонро такрор намудани онҳо ба ҳама маълум аст. Дар синни

томактабӣ бозиҳои сюжету нақшдор ба таври васеъ паҳн мешаванд, ки ба як қисми онҳо тавачуҳи касбӣ хос аст. Кӯдакон бозикунон, ба худ нақши пизишк, ошпаз ва ғайраро мегиранд.

**Синни хурди мактабӣ.** Вижагии психологии мактабиёни хурдсол тақлид кардан ба калонсолон мебошад. Маҳз барои ҳамин онҳо ба касби калонсолони барояшон обрӯю эътибордор, аз қабили муаллимон, падару модарон, хешону наздикони оила мароқи бештар зоҳир мекунанд. Индуксияи ба худ хоси касбӣ ба назар мерасад.

**Синни наврасӣ** ин давраи оптатсияи (интихоби) аввалия, амбивалентӣ аст.

**Наврасӣ** яке аз марҳалаҳои аз ҳама пурмасъулияти ташаккули шахсият мебошад. Дар ин синну сол ба муносибати ахлоқӣ нисбати намудҳои гуногуни меҳнат асос гузошта мешавад, ташаккули системаи арзишҳои шахсиятӣ, ки интихобӣ будани муносибати наврасонро бо касбҳои гуногун муайян мекунад, ба вуҷуд меояд.

**Аввали навҷавонӣ**. Вазифаи муҳимтарин дар ин синну сол интихоби касб аст. Ин давраи интихоби воқеӣ аст. Нақшаҳои касбии наврас хеле хира, норӯшан буда, бештар бо орзу шабеҳанд. Ӯ аксаран худро дар нақшҳои касбии гуногуни аз ҷиҳати эҳсосотӣ ҷаззоб тасаввур мекунад. Вале аз уҳдаи интихоби асосноки психологии ниҳоии касб баромада наметавонад. Дар аввали синни навҷавонӣ ин масъала дар назди писару духтароне ба миён меояд, ки маҷбуранд муассисаи асосии таҳсилоти умумиро тарк кунанд.

**Навҷавонӣ**. Дар синни 16 – 23-солагӣ аксарияти писарону духтарон маълумоти касбиро дар муассисаҳои таълимӣ ё омодагии касбиро дар корхона ё муассиса мегиранд. Мактаби миёна бо ниятҳои романтикӣ ва орзую омол роҷеъ ба касб паси сар шудаанд. Ояндаи матлуб ба ҳозира табдил ёфтааст. Вале бисёриҳо аз интихоби арсаи таълимию касбӣ (бошууронаю бо хоҳиши худ ё маҷбурӣ) қаноатманд нестанд.

**Ҷавонӣ** (то 27-солагӣ). Ин синни фаъолнокии иҷтимоию касбӣ мебошад. Шакку шубҳа оид ба дурустии интихоби касб сипарӣ шудааст. Маъмулан, дар ин син таҷрибаи муайяни касбӣ андӯхта шудааст ва ҷойи кор вуҷуд дорад.

**Камолот**. Ин синни аз ҳама сермаҳсул – давраи амалӣ гардонидани худ чун шахсият, истифодаи иқтидори касбию психологии худ мебошад. Маҳз дар ин синну сол нақшаҳои ҳаётию касбӣ амалӣ мегарданд, маънои ҳастии инсон возеҳу равшан мешавад.

**Миёнсолӣ**. Расидан ба синни нафақа маънои тарк кардани ҳаёти касбиро дорад. Дар 55-60-солагӣ шахсият иқтидори касбии худро то ба охир масраф намекунад. Бо вуҷуди хастагии касбӣ, дар ин синну сол инсон аз касбияти олӣ бархурдор аст, бино бар ин асоснокии ба нафақабароӣ мавриди шубҳаю тардид қарор мегирад. Замони пуризтироб фаро мерасад, якбора дар як лаҳза қолабҳои дар тӯли даҳсолаҳо ба миён омада, тарзи ҳаёти муқаррарӣ тағйир меёбад.

**4) Усули “Занҷирҳои сарбастаи мантиқӣ”**

Усул барои муайян кардани пардарпайии мантиқии калимаҳо, мафҳумҳо, амалҳо ва қисмҳои гунаи матнро дар бар мегирад.

**Мақсадҳо:**

- ✓ ҳавасмандӣ ба хондан ва мушоҳидакорӣ;
- ✓ ҳавасмандӣ ба кори амалӣ;
- ✓ ҷобаҷогузории мантиқии амалҳои асосӣ.

**Инро чӣ тавр иҷро кардан мумкин аст?**

Қадамҳо ва қоидаҳои усул.

Усули мазкур ду гуна аст:

**Гунаи 1.**

Дар лавҳаи синф амалҳои асосие, ки ба мавзӯи дарс алоқаманд аст, нависед (ё дар варақи сафеди калон навишта , овезед).

1. Амалҳо омехта пешниҳод мешаванд.
2. Ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки пайдарпайии амалҳои асосиро мантиқан муайян карда, матнҳоро бо тартиби муайян ҳамчун харитаи технологӣ ҷо ба ҷо гузоранд.
3. Хонандагон пас аз иҷрои ин амал бо нусхаи аслии харитаи технологӣ шинос мешаванд.
4. Пайдарпайии тартибдодаи амалҳои худро бо нусхаи аслӣ муқоиса мекунанд.

**Гунаи 2.**

1. Аз матни мавзӯи нав 5-6 ҷумла ҷудо кунед ва дар лавҳаи синф (ё дар варақи калон) нависед.
2. Ҷумлаҳо омехта навишта мешаванд.
3. Хонандагонро ба гурӯҳҳои баробар тақсим мекунанд.
4. Ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки пайдарпайии ҷумлаҳоро мантиқан муайян карда, ба онҳо рақам (1,2,3,4,5,..) гузоред.
5. Ҳар як гурӯҳ кори худро муаррифӣ мекунад.
6. Ҳангоми муаррифӣ муаллим метавонад мубоҳиса ташкил кунад («Чаро шумо ҷумлаи .. дар ҷойи чорум гузоштед?» ва монанди ин.)
7. Пас аз муҳокима ва муаррифии гурӯҳҳо омӯзгор матни дурусти аслиро ба хонандагон медиҳад.
8. Хонандагон бо матни аслӣ шинос шуда, ғалатҳои худро ислоҳ мекунанд (агар ҷой дошта бошанд).

**Намуна:** Омӯзгор мафҳумҳоро ба тарзи омехта ба хонандагон пешниҳод мекунад:

*Миёнсолӣ, синни хурди мактабӣ, синни томактабӣ, навҷавонӣ, камолот, синни наврасӣ, аввали навҷавонӣ, ҷавонӣ, миёнсолӣ.*

Хонандагон тарзи дурусти пайдарпайии мафҳумҳоро бояд муайян намоянд:




**Дар натиҷа хонандагон:**

1. Мустақилона фикр меронад;
2. Тафаккури мантиқии онҳо қавӣ мегардад;
3. Матнро хуб таҳлил карда, аз худ мекунанд;
4. Барои бо гурӯҳ кор кардан омода мегарданд.

**Тавсия ба омӯзгор:** Барои истифодаи ин усул матн ва ё пайдарпайии амалиётҳоро пешакӣ хуб аз назар гузаронед, дар он занҷираи сарбастаи мантиқӣ мавҷуд бошад. Кӯшиш

кунед, ки матн ва ё амалиёти интихобкардаатон шавқовар бошад ва ба мақсади таълими дарсатон мувофиқ ояд.

**5) Мустаҳкамкунӣ.**

1. Худмуайянкунии касбиро дар марҳалаҳои синни томактабӣ ва синни хурди мактабӣ шарҳ диҳед.
2. Худмуайянкунии касбиро дар марҳалаҳои синни наврасӣ ва аввали ҷавонӣ шарҳ диҳед.
3. Худмуайянкунии касбиро дар марҳалаҳои навҷавонӣ ва ҷавонӣ шарҳ диҳед.
4. Худмуайянкунии касбиро дар марҳалаҳои камолот ва миёнсолӣ шарҳ диҳед.

**Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**6) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад)*.

| Фаъолият | Метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи худмуайянкунии касбӣ дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули шахсият маълумоти пурра дода метавонад? | | | |
| Марҳалаҳои ташаккули шахси-ятро таҳлил намуда, шарҳ дода метавонад? | | | |
| Тарбияи муносибати эҷодкорона ба меҳнатро дар худ ташаккул дода метавонад? | | | |

## IV. РАВИШИ ДАРСИ ФАННИ ТЕХНОЛОГИЯ (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ) ДАР СИНФИ 10

Фанни технология (таълими меҳнат) дар синфҳои даҳум таълим дода шуда, таълими якҷояи фанни пештараи «таълими меҳнат»-ро дар бар мегирад.

Дар равиши дарси мазкур хонандагон ҳам расм мекашанд ва ҳам дар заминаи ҳамон ашё таълими меҳнатро иҷро менамоянд. Яъне ҳар як дарс тахминан ба ду қисм тақсим мешавад: қисми аввал – маълумоти назариявӣ ва қисмати дуюм кори амалӣ ё баръакс. Вале мазмуни дарс ва тарзи ташкили он ба мавзӯъ вобаста аст. Яке аз вазифаҳои асосии омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) ин инкишоф додани образҳои бадеии хонандагон, ба меҳнат ва зебоиофарию зебопарастӣ ва ба эҷодкорӣ ҳидоят намудани онҳо мебошад. Фароҳам овардани шароити мувофиқ, муҳайё намудани асбобу маводди кор, дуруст, максаднок ва мунтазаму ботадриҷ ба роҳ мондани омӯзиши фанни технология (таълими меҳнат) хонандагонро ба машғулиятҳои амалии синфҳои минбаъда тайёр намуда, аз тадбирҳои аввалини таълими технология дар доираи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар хонандагон одитарин малакаю маҳорати меҳнатӣ ва эҷодӣ ташаккул ёфта, ба корҳои амалӣ ба ҳаёт

омода мешаванд. Вобаста ба малакаҳои меҳнативу эҷодӣ фанни мазкур ба чаҳор самти зерин таксим карда шудааст:

–Асосҳои истеҳсолот;

–Асосҳои соҳибкорӣ;

–Системаи касбинтихобкунӣ;

–Худмуайянкунии касбии шахсият.

## V. АРЗЁБӢ

Арзёбӣ раванди бонизомест дар таълим, ки барои муайян, таҳлил ва гирдоварии маълумот ва барои ноил гаштан ба мақсадҳои таълими дар барномаи фаннӣ зикршуда пешбинӣ шудааст.

Чунин хусусиятҳо арзёбӣ ва ҳисоботдиҳиро самаранок мегардонанд:

- бояд ба мақсади ташаккул ва ҷамъбаст истифода шавад;
- бояд доимӣ бошад (яъне мо набояд то охири мавзӯъ ё соли хониш интизор шавем, дар ин ҳолат барои тағйир ва такмил додани раванди таълим вақт намемонад);
- бояд ба мақсади таълимии дарс, ки дар асоси натиҷаҳои таълими стандарт ва барномаи таълим таҳия шудаанд, алоқаи мушаххас дошта бошад;
- мувофиқ бошад (яъне супориши санҷишӣ бояд дониш ва малакаи мушаххасро арзёбӣ кунад. Масалан, мо барои санҷидани малакаи хониши хонанда аз ӯ хоҳиш намоем, ки матнро бо овози баланд хонад. Ин санҷиши мувофиқ нест, зеро он доир ба малакаи хондан ва муайян кардани ғояи асосии матн маълумоти кофӣ дода наметавонад. Ин нукта хеле муҳим аст, зеро мақсади хондан муайян намудани ғояи асосии матн аст) ;
- воқеӣ бошад (ин маънои онро дорад, ки мо тест ё санҷишро бо якчанд хонандаи дорои қобилияти якхела гузаронем, натиҷаи якхела ба даст меорем);
- дубора санҷида шавад (яъне, натиҷаи онро каси дигар низ санҷида тавонад. Масалан, агар санҷиши шифоҳӣ гузаронем ва ба хонанда баҳо гузорем. Агар ҳамон хонандаро шахси дигар санҷад, он гоҳ шояд хонанда баҳои дигар гирад);
- дар асоси меъёрҳо ба роҳ монда шавад, ин метавонад дурустии онро таъмин созад;
- методҳои гуногуни арзёбӣ истифода шаванд (мо набояд танҳо ба санҷиши шифоҳӣ қонеъ шавем);
- қобилияти аксари хонандагонро ба эътибор гирад (тестҳо тарзе таҳия шаванд, ки барои хонандаи сустхон ва аълохон маълумоти кофӣ пешниҳод намоянд);
- принсипҳои баробариро риоя кунад (воситаҳои арзёбӣ бояд хоҳиши гурӯҳи алоҳидаро инъикос накунад).

Барои таъмини пайдарпай ва истифодаи самараноки вақт омӯзгор бояд арзёбии умумиро ба роҳ монад. Ин чунин маъно дорад:

- роҳбарони иттиҳодияҳои методии фаннӣ якҷоя бо омӯзгорон бонки воситаҳои арзёбиро таҳия карда, аз он дар мавриди зарурӣ истифода бурда метавонанд;
- дурустӣ ва мутобиқ будани воситаҳоро омӯзгорон метавонанд, якҷоя санҷанд ва натиҷаҳои санҷишҳоро муқоиса намоянд;
- натиҷаи санҷиши ҷамъбастиро роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ ва муовини директор ҷамъ оварда, таҳлил мекунанд ва инкишофи тамоми мактабро нисбат ба натиҷаҳои таълими барномаи мазкур муқоиса менамоянд.

Аслан роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ бояд маълумотро доир ба ноил гаштани хонандагон ба натиҷаҳои таълим таҳлил карда, дар асоси таҳлилҳои мазкур муайян

намоянд, ки кадом натиҷаҳои таълим ба даст оварда нашудаанд ва ба кадом омӯзгор ёрии методӣ ва маводди иловагии таълим зарур аст.

Комёбиҳои дониш, малакаю маҳоратҳои талабагон оид ба фанни технология (таълими меҳнат) тавассути тестҳо ва таҳлили фаъолияти мустақилонаи онҳо, сифати кори иҷрокарда арзёбӣ карда мешаванд.

1. Тест (саволнома). Талабот ба гузарондани санҷиш:

саволҳои пурсишнома дар доираи маводди барномаи таълим бошад;

супоришҳо танҳо маводди омӯхтаи фанро фаро гиранд;

тарзи ифодаи саволҳо ба хонандагон фаҳмо ва дастрас бошад;

пурсишнома мунтазам гузаронида шавад, то ки хонандагон ба талаботи он одат кунанд.

2. Фаъолияти кори мустақилонаи хонандагон бояд ба талаботи зерин ҷавоб диҳанд:

маҳорати истифодаи воситаҳои меҳнат;

ба назар гирифтани ороиш, рӯшноӣ, тобишу шинамии рангҳо;

муҳайё намудани асбобу маводди кор;

риояи қоидаи бехатарӣ;

сарфаю сариштакорона истифода бурдани маводди зарурӣ;

муайян намудани ченаки маснуоти сохташаванда ва ашёи тасвиршаванда;

коршоямии маснуоти сохташаванда;

дуруст баҳо додан ба натиҷаи меҳнати худ ва дигарон.

Барои муайян намудани дараҷаи ба даст овардаи салоҳияти хонанда аз фанни технология (таълими меҳнат) дар давоми сол (дар аввали сол, рейтингҳои 2,3,4; нимсолаи 1; нимсолаи 2; ҷамъбасти сол) санҷишҳо гузаронида мешаванд. Санҷишҳоро дар шаклҳои гуногун гузаронидан мумкин аст: шифоҳӣ, тест, хаттӣ ва амалӣ (эҷод ё иҷро намудани ягон амал) ва ғайра. Воситаҳои арзёбӣ бояд мақсадҳои таълимии ба нақша гирифташудаӯро инъикос кунанд.

Дар арзёбӣ намудани салоҳияти хонанда "Портфолио"- и ӯ нақши хеле калонро дорад. Дар вақтҳои охир дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурии мо чунин таҷриба анъана шуда истодааст, ки бунёди ҷузви (портфель) комёбиҳои таълимии шахсии хонандагонро пешниҳод мекунад. Ҳар сол шумораи муассисаҳое, ки фаъолона ба ҷамъоварии комёбиҳо барои бунёди чунин портфолио зиёд шуда истодааст. Дар анъанаҳои таҳсилоти ғарб чунин таҷриба кайҳо истифода мешавад ва мафҳуми "портфолио" ин равандро инъикос мекунад. Портфолио яке аз ғояҳои асосии таҳсилоти даҳсолаи охир қабул шудааст. Чунин қарор мавҷуд аст, ки мактаби асри XXI - ин "мактаби портфолио" мебошад. Аз ин лиҳоз, ғояи портфолио ҳамчун унсури азнавсозии (модернизатсия)-и таҳсилоти мактаб ва умуман таҳсилот, ки дар тамоми ҷаҳон паҳн шудааст, баромад мекунад. Мафҳуми азнавсозӣ (модернизатсияи таҳсилот чиро дарбар мегирад ва бо кадом роҳ амалӣ мешавад? Низоми таҳсилот дар ин ҳолат дар намуди низоми таҳсилоти яклухт, ки дар якҷояги бо ҳамаи низоми тағйирёбанда ба тамаддуни муосир тамоми ҷанбаҳои ҳаётро дарбар мегирад, инкишоф меёбад. Бунёди ҷаҳони меҳнат вобаста ба шароитҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ. Симои зоҳирии портфолио аз тахайюлот ва қобилиятҳои эҷодӣ ва маҳорати хонандагон вобастагӣ дорад. Портфолио мумкин аст дар намуди ҷузвдон, карточка, қуттӣ ё чизи дигар ороиш дода шавад. Дар ин ҷо, хонандагон озодона худашон метавонанд бо захираҳои зеҳнӣ ва эҷодии худ идора кунанд ва ташаббуси мустақилона зоҳир кунанд, ки дар ин кор фақат маъқул диниста мешавад. Фақат ба як талабот диққат додан лозим аст - ин мувофиқ будани нигоҳдорӣ ҳангоми бунёди чунин портфолио. Мазмуни асосии портфолио аз чӣ иборат мебошад? Дар он, ки мақсади портфолио

“нишон додани ту чӣ қобилият дорӣ” ин чунин шиор мебошад, ки хонанда ҳангоми бунёди портфолио ташаббускор бояд бошад. Мафҳуми “портфолио” муайянкунандаи гуногуни дорад, ки зиёд раҳнамои муайяни гузариш ба ин мавқеи муайянкунанда дорад.

1. Портфолио ҳамчун тарз, ки комёбиҳои шахсии хонандаро дар ин ё дигар давраи таълими ӯ қайд карда мешавад, ҷамъ карда мешавад ва баҳогузорӣ карда мешавад. Портфолио ба дараҷаҳои “аутентӣ” (саҳеҳ), яъне ҳақиқӣ, ки ба баҳогузорӣ наздик мебошад. Дар ин ҷо баҳо фардӣ кунонида мешавад. Портфолио ба баҳогузорӣ аз рӯйи нуқтаи назари аслии баҳо ва худбаҳодиҳии хонандагон муайян карда мешавад.

2. Портфолио ҳамчун папкаи файлии корӣ, ки маълумоти гуногуни малака ва қомёбиҳои хонандагонро гирд овардааст, ҳуҷҷат карда шудааст.

3. Мақсади портфолио ба ҳисоби аз тарафи хонандагон дар фаъолияти такмилӣ, иҷтимоӣ, коммуникативӣ, эҷодӣ натиҷа мегирад, нигаронида шудааст. Он унсури асосии муносибат ба раванди таҳсилот ба ҳисоб меравад. Аз ҳама асосӣ инъикоси комёби□ои шахсӣ бидуни фаъолияти таҳсилотӣ барои хонандагони зирак, боистеъдод, ки вазъияти фаъолро ишғол мекунанд”.

Мафҳуми “портфолио” модели баҳогузории саҳеҳӣ (аутентичный) мебошад, ки дар дараҷаи калон, назар ба баҳогузории анъанавӣ барои зоҳир намудан: (расми 1)




Гуфтаҳои дар боло қайдкардашударо ба назар гирифта, чунин хулоса кардан мумкин аст, ки портфолио на фақат шакли баҳодиҳии муосир, балки чунин вазифаҳои асосиро ҳал мекунад:

***Вазифаҳои портфолио***

**Эътироф намудани сабабнокии таълими хонандагон.**

**Баланд бардоштани мақоми кӯдак дар оила;**

**Ташаккули маҳорати умумӣ, таълимӣ ва малака ҳамчун воситаи баланд бардоштани маданияти меҳнати фикрӣ;**

**Барои фаъол будан ва мустақилият нишондодан ҳавасманд кардан.;**

**Васеъ гардонидани имкониятҳои таълим ва худтаълим;**

**Инкишофи малакаи фаъолияти рефлексивӣ ва баҳодиҳии (худбаҳодиҳӣ) хонандагон;**

**Дар фардикунонӣ ва касбикунонии таҳсилнокии хонандагон ёрӣ мерасад;**

**Ташаккули маҳорати хонандагон: гузоштани мақсад, банақшагирӣ ва ташкили фаъолияти таълимии инфиродӣ;**

**Тарбия намудани чунин сифатҳои шахсӣ: ростқавлӣ, бомақсад будан, устуворӣ дар комёбӣ ва ғайра;**

**Барои бомуваффақият худамалигардонӣ имконият медиҳад.**

Портфолио ба тарви анъанавӣ интихоби маҷмӯи корҳо бо мақсади намоиши комёбиҳои хонандагон ба ҳисоб меравад. Портфолио тарзи имконпазири баҳодиҳӣ нисбат шакли имконпазири баҳодиҳии анъанавӣ ба ҳисоб меравад, ба монанди тест ё имтиҳон.

| **Портфолио аз ҳисоби васеъ гардидани иқтидори функсияҳои таълимии мониторинги педагогӣ ба он чунин имкониятҳо пешниҳод мекунад:** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 1) зоҳир намудани камбудӣ; фарқи донистан аз надонистан дар раванди ҳимояи портфолио, ки аз рӯйи чунин меъёрҳо ба амал меояд; | | | | | |
| а) | б) | в) | г) | ғ) | д) |
| дақиқӣ | мантиқи баёни мавод дар портфолио | мавҷуд будани ҳамаи корҳо, ки аз рӯйи бахш ба нақша гирифта шудааст | инъикоси ҷойи шахсии хонанда (худтаҳлилкунӣ аз рӯйи мавзӯъ) | ҳақиқӣ будани корҳои эҷодӣ ва муносибати креативӣ ба раванди ҳалли муаммо | ҷавоби салоҳият-нок додан ба саволҳои рафи қон аз рӯйи мавзӯи омӯзиш |

2) таъминот ҳангоми ба вуҷуд омадани мушкилиҳо дар баҳодиҳӣ ба комёбиҳои фардии хонандагон дар чунин методи корҳои коллективӣ, чун лоиҳакашӣ ва ҳамкории алоқаи баръакс (аз хонанда ба омӯзгор)

3) сабабият, ки ба зарурият ва фоиданок будани мониторинг меоварад, ба худи хонанда, чунон, ки дар натиҷаи худбаҳодиҳии доимӣ ва худназораткунии хонандагон дониши худро такмил медиҳанд, онҳо ба як системаи муайян мубаддал мешаванд ва б инкишофи тафаккур ва хотира мусоидат мекунанд.

4) мониторинги шахсӣ ба раванди таълим дар ташкили машғулият ва азхудкунии мавод маҳсулнок мешавад.




Хулоса, вазифаҳои асосии портфолио ин баҳодиҳии комёбиҳо - таҳсилоти он ва пурра намудани (ё иваз кардан) натиҷаҳои тестӣ ва дигар мониторингҳои шакли анъанавӣ; ҳуҷҷати ҷамъбастии портфолио монанди (аналог -муодил) аттестат монанди шаҳодатнома дар бораи натиҷаи тест; назорати инкишофи фардии хонандагон дар раванди гирифтани таҳсилот, ки бо комёбиҳои дигар хонандагон муқоиса карда нашудааст.

Дар таълими салоҳиятнокӣ арзёбӣ - мақсад, принсип ва хусусиятҳои хос дорад. Дар муқоиса бо низоми ба дониш асосёфта дар таълими салоҳиятнокӣ диққати асосӣ ба сатҳи ташаккули малакаҳо равона мегардад. Дар низоми нав муносибат, усул ва воситаҳои арзёбӣ мураккаб буда, аз омӯзгор малакаву маҳорати хуби банақшагириро талаб мекунанд.

Арзёбии натиҷаҳои таълим дар таълими салоҳиятнокӣ ба мақсади (1) муайян кардани дониш, малака ва маҳорати заминавии хонандагон; (2) муайян кардани раванди азхудкунии малака ва маҳорати нав; (3) муайян кардани сатҳи ниҳоии натиҷаҳои таълим гузаронда мешавад.

Мафҳуми «арзёбӣ» дар фарҳанг[1] чунин ифода ёфтааст: 1. Баррасии ҷанбаҳои мусбат ва манфии чизе; 2. Муайян кардани арзиши чизе, баҳодиҳӣ; арзёбӣ кардан – баҳо додан; дар бораи арзишу аҳамияти чизе изҳори ақида кардан.

---

[1] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди I. Душанбе. 2008. саҳ. 76

Ҳангоми арзёбӣ омӯзгор бояд ба хонанда ёрӣ расонад (Грин/ 1998).

Арзёбӣ бояд хусусиятҳои зеринро дошта бошад:

- Мутобиқшаванда;
- Воситаҳои гуногун дошта бошад;
- Фаҳмо бошад;
- Аз ҷиҳати равонӣ мувофиқ бошад;
- Гуногунсохтор бошад;
- Навъҳои гуногуни арзёбиро фаро гирад: ташхисӣ, ҷамъбастӣ ва ташаккулдиҳанда.

*Таълим – омодагӣ ба ҳаёт.*

*Арзёбӣ – чӣ тавр омодагӣ ба ҳаёт рафта истодааст!*

## НАВЪҲОИ АРЗЁБӢ

**1. Арзёбии ташхисӣ** – раванди таълимро барои муайян намудани тарзи дастгирии хонандагоне, ки дар таълим гирифтан мушкилӣ мекашанд, таҳқиқ мекунад (муносибати тафриқавӣ ба таълим).

**2. Арзёбии ҷамъбастӣ** барои муайян намудани сатҳи ташаккули дониш, малакаву маҳорати хонанда пас аз омӯхтани мавзӯъ, боб ва ё марҳалаи муайяни вақт истифода мешавад. Арзёбии ҷамъбастӣ дар асоси натиҷаи иҷрои навъҳои гуногуни корҳои санҷишӣ (*тест, корҳои назоратӣ, амалӣ, лабораторӣ, таҳқиқотӣ, лоиҳа, имтиҳони шифоҳӣ, эҷодӣ ва ғайра*) гузаронида мешавад. Баҳои корҳои санҷишӣ барои муайян намудани баҳои ҷамъбастӣ асос мегардад. Арзёбии ҷамъбастӣ баҳоҳои ҷорӣ, чорякӣ, нимсола ва солонаро фаро мегирад.

***Мақсади арзёбии ҷамъбастӣ*** – тасдиқи сатҳи азхудкунии дониш ва ташаккули маҳорату малакаи хонандагон дар марҳалаи муайяни вақт ва муайян намудани мувофиқати натиҷаҳо бо талаботи стандарт.

**3. Арзёбии ташаккулдиҳанда** – ин раванди мақсадноки доимии мушоҳидаи фаъолияти таълимии хонанда аст. Арзёбии ташаккулдиҳанда ғайрирасмӣ (*бе гузоштани баҳо*) буда, дар асоси меъёрҳо ба роҳ монда шуда, бо робитаи мутақобила таъмин карда мешавад.

***Мақсади арзёбии ташаккулдиҳанда*** – ислоҳ кардани фаъолияти омӯзгору хонанда. Арзёбии ташаккулдиҳанда ба омӯзгор имконият медиҳад, ки сатҳи азхудкунии маводди таълимро дар марҳалаҳои барвақтӣ ташхис карда, раванди таълимро мутобиқ созад, ба хонандагон ин навъи арзёбӣ имконият медиҳад, ки сатҳи баланди масъулиятро нисбат ба таълим дарк намоянд.

**Арзёбӣ.** Ҷараёни мушоҳидаи фаъолияти таълимии хонанда, фаъолияти омӯзгор, синф, мактаб ва инчунин тасвир, ҷамъоварӣ, қайд ва таҳлили ахбор бо мақсади беҳтар гардонидани сифати таълим. Мушоҳида ҳам аз тарафи омӯзгор ва ҳам аз тарафи хонанда гузаронида шуда, ба тағйири усул ва раванди таълим мусоидат карда метавонад.

Ташхиси тағйирот дар сатҳи омодагии салоҳиятҳои хонанда; раванди системанокӣ муайян намудани сатҳи мувофиқати натиҷаҳои бадастовардаи таълим бо натиҷаҳои банақшагирифташуда.

**Баҳо** – нишондиҳандаи сифати дараҷаи салоҳиятҳои хонанда дар самти дониш, маҳорат ва малакаҳо.

**Баҳо (хол)** – дараҷаи миқдории арзёбӣ.

**Арзёбии ҷамъбастӣ**

Вобаста ба хусусиятҳои хоси фанни технология (таълими меҳнат), ки се тарзи асосии кор (иҷрои амал, эҷод, арзёбӣ) -ро дар бар мегирад, намудҳои назорат ҳам аз рӯйи ҳамин се самт ба роҳ монда мешавад.

Арзёбии самтҳои зерин дар роҳнамои омӯзгор тариқи ҷадвал оварда шудааст:

- **Асосҳои истеҳсолот:** Дар бораи технологияи таъсиси корхона ва мазмуну хусусиятҳои меҳнат дар истеҳсолот маълумот дода метавонад.
- **Асосҳои соҳибкорӣ:** Дар бораи асосҳои соҳибкорӣ маълумоти пурра дода метавонад.
- **Муносибати эҷодкорона дар меҳнат:** Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад.
- **Интихоби касб:** Системаи касбинтихобкунии шахсиятро ба пуррагӣ шарҳ дода метавонад.
- **Худмуайянкунии касбии шахсият:** Моҳияти худмуайянкунии касбии шахсиятро муайян ва таҳлил карда метавонад.
- **Асосҳои тарбиявӣ:** вобаста ба синф (синну сол) хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, баъзе унсурҳои онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

Дар ҷараёни дарс вобаста ба самт, салоҳият ва мақсади мавзӯъ фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян карда метавонад. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонад *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мақсадҳои ҳар як самт мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад)*.

*Намуна:*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи тарбияи касбӣ ва раванди ташаккули касбии коргари соҳибихтисос маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Дараҷаҳои тарбияи касбиро фарқ карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми тарбияи касбӣ хислатҳои шахсии худро ба монанди дақиқӣ, мақсаднокӣ, серталабӣ инкишоф дода метавонад? | | | |

| |
|---|
| Ин фан бештар бо мақсади ташаккул додани меҳнатпарастӣ ва бедор кардани шавқи эҷодкорӣ равона карда шудааст ва дар арзёбӣ намудан ҳам, ин мақсадҳо бояд чун замина барои таҳия намудани саволу супоришҳо қабул карда шаванд. |

**Нақшаи тақвимӣ**
**Фанни технология (таълими меҳнат) барои синфи 10**
**(ҳафтае 1 соат. Ҳамагӣ 34 соат)**

| **Номгӯйи мавзӯъҳо** | Миқ-дори соат | Сентябр | | | | Октябр | | | | Ноябр | | | | Декабр | | | | | Феврал | | | | Март | | | | Апрел | | | | Май | | | | Июн |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Нимсолаи якум Рейтинги 1** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Корхона ҳамчун звенои асосии хоҷагии халқ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Мазмун ва хусусияти меҳнат дар истеҳсолот | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Равандҳои технологӣ ва намудҳои он | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Мафҳуми фаъолияти касбӣ. Тақсим ва махсусгардонии меҳнат | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ришта, соҳа, ҳадафҳои меҳнат | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Мафҳуми фарҳангии меҳнат | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Технологияи таъсиси корхона ва | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| манбаъҳои маблағгузории корхона | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Захираҳо ва омилҳои истеҳсолот | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 8 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Нимсолаи 1 Рейтинги 2** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Лоиҳаи эҷодӣ: Нақшаи истеҳсолот | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Субъектҳои соҳибкорӣ, моҳият, мақсадҳо ва вазифаҳо | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҷамъияти мехнатӣ. Пардохти музди меҳнат | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Арзиши аслии маҳсулот | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Нархи молу хизмат | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Андозбандӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Менеҷмент дар фаъолияти корхона. Маркетинг дар фаъолияти корхона | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Фурӯши мол | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ва хизмат | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Реклама дар системаи соҳибкорӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 9 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Нимсолаи 2 Рейтинги 3** | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Банақшагирии фаъолияти соҳибкорӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Бизнесс – нақшаи ширкати талабагон “Чевар” | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Лоиҳаи эҷодӣ “Кори мустақилонаи ман” | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Маърифати (маълумотдиҳии) касбӣ. Маърифати касбӣ дар чорабиниҳои беруназсинфӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ташхиси касбӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Машварати касбӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Яккачинкунии касбӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Одаткунии касбӣ (адаптатсия) | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 8 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Нимсолаи 2 Рейтинги 4 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Тарбияи касбӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Моҳияти худмуайянкунии касбӣ. Модели мӯҳтавоиву раванди худмайнкунии касбӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Худмуайянкунии касбӣ дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули шахсият | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ихтилофоти худмуайянкунии касбӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ташаккули касбии шахсият | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Карйераи касбӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Тайёрии касбӣ | 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Лоиҳаи эҷодии намунавӣ. | 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| Ҳамагӣ | 9 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Ҷамъи умумӣ** | 34 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **Ҳафтаҳо** | | 1 | 2 | 3 | 4 | 5 | 6 | 7 | 8 | 9 | 10 | 11 | 12 | 13 | 14 | 15 | 16 | 17 | 18 | 19 | 20 | 21 | 22 | 23 | 24 | 25 | 26 | 27 | 28 | 29 | 30 | 31 | 32 | 33 |

**Дарси 1.**

**Боби 1. Асосҳои истеҳсолот**

**Мавзӯъ: Корхона ҳамчун звенои асосии хоҷагии халқ**

**Барнома**: Фаъолияти мехнатии инфиродӣ, корхонаи оилавӣ, корхонаи хусусӣ, моликияти коллективӣ, ширкати масъулияташ маҳдуд, ширкати масъулияташ номаҳдуд, ҷамъияти саҳҳомӣ, корхонаи муштарак.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар бораи технологияи таъсиси корхона ва мазмуну хусусиятҳои меҳнат дар истеҳсолот маълумот дода метавонад.
- Дар бораи асосҳои соҳибкорӣ маълумоти пурра дода метавонад.
- Дар доираи муаммои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Системаи интихоби касби шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи шаклу намуди корхона, иттиҳодия ва ширкатҳо маълумоти пурра дода тавонад.
- Дар шароити ҳозира корхонаҳои амалкунандаро аз рӯйи тафаккури соҳибкорӣ таҳлил карда тавонад.
- Фаъолияти корхонаҳои давлатиро таҳлил карда тавонад.
- Оид ба касбҳои корхонаҳои шаклашон гуногун маълумоти васеъ дода тавонад.
- Ҳангоми гурӯҳбандии корхонаҳо диққатнокии худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) **Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2) **Фаъолноккунии хонандагон:** Аз сабаби он ки дарси аввал мебошад, аз усули “Ангезиши зеҳн” истифода мебарем.

Усули ангезиши зеҳн аз ҷониби Алекс Осборн (ИМА) дар солҳои 40-уми асри 20 пешниҳод шуда, ҳамчун усули барангехтани андешаҳо хеле машҳур гаштааст. Ангезиши зеҳн бештар дар марҳалаи водорнамоӣ истифода бурда мешавад. Он бо мақсади бахотироварӣ ва фаъолгардонии донишҳое, ки хонандагон пештар доштанд ва барои бедор намудани шавқу ҳавас оид ба қабули ахбори нав, ташкили ваҷҳҳо барои фаъолияти дар пешистода истифода бурда мешавад. Ангезиши зеҳн аз гузориши саволи проблемавӣ сар мешавад ва ақидаҳо дар чорчӯбаи вақти муайян муҳокима карда мешавад: фардӣ, ҷуфтӣ, гурӯҳӣ.

*Дар “методи Ангезиши зеҳн” масъала, ё саволҳои кушода гузошта мешаванд, ки чанд ҷавоби имконпазир дошта, барои ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳал ё вариантҳои гуногуни ҷавоб мусоидат намояд.*

**Мақсадҳои асосӣ**:

- ✓ гирдоварии андешаҳо;
- ✓ фаъолгардонии хонандагон дар ҷараёни дарс;
- ✓ ба вуҷуд овардани вазъияти ҷустуҷӯ.

Самаранок гузаронидани ин усул аз омилҳои зерин вобаста мебошад:

1. Интихоби масъалаи кушода/саволҳое, ки чанд ҷавоби имконпазир доранд;
2. Риояи қадамҳо ва қоидаҳои ангезиши зеҳн.

**Қадамҳо ва қоидаҳои ангезиши зеҳн:**

1. Савол/масъаларо ба хонандагон пешниҳод кунед.
2. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки оид ба савол ё масъалаи пешниҳодшуда, фикру ақидаҳои худро иброз доранд.
3. Фикру ақидаҳои пешниҳодшударо нависед.
4. Хоҳиш намоед, ки ақидаҳои худро баён кунанд.

**Намуна:**

Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

**Савол**: *Оё шумоён дар бораи корхона ҳамчун звенои асосии хоҷагии халқ маълумот доред?*

Фарз кардем хонандагон чунин фикру ақидаҳоро пешниҳод менамоянд:

- *Корхонаи оилавӣ;*
- *Корхонаи хусусӣ;*
- *Моликияти коллективӣ;*
- *Ширкати масъулияташ маҳдуд;*
- *Ширкати масъулияташ номаҳдуд;*
- *Ҷамъияти саҳҳомӣ ва ғайра.*

Ин ақидаҳоро бе ягон шарҳ дар тахтаи синф, ё дар қоғаз менависанд. Сипас, ҳар як ақида аз тарафи хонандагон шарҳ дода мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки омӯзгор андешаҳои хонандагонро бояд қадр кунад. Ақидаҳо танқид карда нашаванд ё эрод гирифта нашаванд. Кор то замоне идома меёбад, ки фикру мулоҳизаҳо шунида шаванд. Фикру мулоҳизаҳои пешниҳодшуда аввал қайд, сипас муҳокима ва таҳрир мешаванд. Омӯзгор ба фикру мулоҳизаҳои беҳтарин такя карда, онҳоро бо мавзӯъ пайваст намуда, ба қисми асосии дарс мегузарад.

**Дар натиҷа хонандагон:**

1) фикру мулоҳизаҳои худро баён мекунанд;
2) донишҳои худро ба хотир меоранд;
3) дар рафти дарс фаъолона иштирок мекунанд**;**
4) андешаҳои якдигарро муқоиса мекунанд ва ғайра.

**Тавсия ба омӯзгор:** Вазифаи ин баҳсу муҳокима кардан сари як масъала нест. Барои ин усул вақти зиёд сарф накунед, тақрибан 5-7 дақиқа кифоя аст.

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ карда, ба хонандагон фанни таълимӣ низ бояд маълумот пешниҳод намоед, зеро ин дарс барои хонандагон дар бораи соли хониши нав дарси якум менамояд.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор дар бораи корхона ҳамчун звенои асосии хоҷагии халқ маълумот медиҳад.

Звенои асосии хоҷагии халқ ин муассисаи (корхонаи) истехсолии давлатӣ (завод, фабрика, комбинат, хоҷагиҳои кишоварзӣ, неругоҳҳои баркӣ ва ғайра.) мебошад. Онҳо кори худро дар асоси моликияти ҷамъияти умумихалкӣ ба воситаҳои истеҳсолот ташкил мекунанд. Аз рӯйи нуқтаи назари ҳуқуқӣ зери мафҳуми корхона субъекти мустақили хоҷагӣ бо ҳуқуқҳои симои ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, ки дар асоси моликияти вай вобасташуда мавод истеҳсол мекунад, ба фурӯш мебарорад ва кору хизматҳои мухталифро ба иҷро мерасонанд.

Дар шароити кунунӣ шаклу намуди корхона, иттиҳодия ва ширкатро шакли моликият муайян мекунад.

- Фаъолияти меҳнатии инфиродӣ;
- Корхонаи оилавӣ;
- Корхонаи хусусӣ;
- Моликияти коллективӣ;
- Ширкати масъулияташ маҳдуд;
- Ширкати масъулияташ номаҳдуд;

- Ҷамъияти саҳҳомӣ;
- Корхонаи муштарак.

**4) Мустаҳкамкунӣ.**

- Мафҳуми корхона чист?
- Вазифаи корхона аз чӣ иборат аст?
- Асоси корхонаро кадом раванд ташкил медиҳад?
- Дар шароити ҳозира чӣ гуна корхонаҳо амал мекунанд?
- Равандҳои истеҳсоли асосӣ, ёрирасон ва хизматрасон чиро дар бар мегирад?
- Қисмҳои корхонаҳои саноатиро номбар кунед?
- Соҳаҳо аз чиҳо иборатанд?
- Аз рӯйи нақша системаи идоракунии корхонаро шарҳ диҳед?
- Оид ба ҳуқуқҳои коллективҳои меҳнатӣ чиро медонед?

**5) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**6) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи шаклу намуди корхона, иттиҳодия ва ширкатҳо маълумоти пурра дода метавонад? | | | |
| Дар шароити муосир корхонаҳои амалкунандаро аз рӯйи андешаронихои соҳибкорӣ таҳлил карда метавонад? | | | |
| Фаъолияти корхонаҳои давлатиро таҳлил карда метавонад? | | | |
| Оид ба касбҳои корхонаҳои шаклашон гуногун маълумоти зарурӣ дода метавонад? | | | |
| Ҳангоми гурӯҳбандии корхонаҳо диққатнокии худро инкишоф дода метавонад? | | | |

**Дарси 2.**

**Мавзӯъ:** Мазмун ва хусусияти меҳнат дар истеҳсолот

**Барнома**: Маълумоти мухтасар дар бораи ихтисосҳо ва таҷҳизоти техникӣ.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар бораи технологияи таъсиси корхона ва мазмуну хусусиятҳои меҳнат дар истеҳсолот маълумот дода метавонад.
- Дар бораи асосҳои соҳибкорӣ маълумоти пурра дода метавонад.
- Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро эҷод карда метавонад.
- Системаи касбинтихобкуни шахсиятро ба пуррагӣ шарҳ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи мазмуну хусусиятҳои меҳнат дар истеҳсолот маълумот дода тавонад.
- Мазмуни меҳнати коргарро ҳамчун соҳибкор қадр карда тавонад.
- Хусусияти эҷодии меҳнатро дарк карда тавонад.

- Оид ба касбҳои гуногуни соҳаи истеҳсолот маълумоти васеъ дода тавонад.
- Дар рӯҳияи меҳнатпарастӣ қобилияти худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- Мафҳуми корхона чист?
- Вазифаи корхона аз чӣ иборат аст?
- Асоси корхонаро кадом раванд ташкил медиҳад?
- Дар шароити ҳозира чӣ гуна корхонаҳо амал мекунанд?
- Равандҳои истеҳсоли асосӣ, ёрирасон ва хизматрасон чиро дар бар мегирад?
- Қисмҳои корхонаҳои саноатиро номбар кунед?
- Соҳаҳо аз чиҳо иборатанд?
- Аз рӯйи нақша системаи идоракунии корхонаро шарҳ диҳед?
- Оид ба ҳуқуқҳои коллективҳои меҳнатӣ чиро медонед?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед.

**3) Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор дар бораи мазмун ва хусусияти меҳнат дар истеҳсолот маълумот медиҳад.

Мазмуни меҳнатро як қатор омилҳо, аз ҷумла хусусияти касб муайян мекунад. Касб як навъи фаъолияти меҳнатӣ аст, ки тайёрии махсусро талаб мекунад (пайдо кардани дониши мувофиқ ва малакаи амалӣ). Дар корхонаҳо коргарони касбҳои мухталиф меҳнат мекунанд. Қисми асосӣ ва аз ҳама сершуморро коргарон ташкил медиҳанд. Онҳо маҳсулоти асосии корхонаро тайёр мекунанд. Масалан, ҷузъиётро дар дастгоҳ коркард мекунанд (харрот, фрезерчӣ, операторҳои хатти автоматӣ ва ғайра), маснуотро васл ва танзим менамоянд (челонгари васлкунанда, танзимкунандаи дастгоҳҳои радио ва ғайра). Онҳоро коргарони асосӣ меноманд.

Хусусияти эҷодии меҳнат на танҳо натиҷаи пешрафти илмию техникӣ, балки омили муҳимми тезонидани он ҳам мебошад. Коргарон, мутахассисони корхонаҳо оид ба такмил додани раванди истеҳсолот таклифҳои бисёр пешниҳод мекунанд, олот, мошин ва асбобҳои нав ба вуҷуд меоранд.

Натиҷаҳои чунин эҷодиёт таклифҳои навоварӣ ва ихтироъкорӣ шуда метавонад.

Бо мақсади инкишоф додани фаъолияти эҷодии коркунон дар корхонаҳо шуъбаҳои махсус - бюрои навоварӣ ва ихтироъкорӣ ҷорӣ карда шудаанд; бюрои ҷамъиятии таҳлили иктисодӣ, шӯроҳои навоварон, бюроҳои ҷамъиятии конструкторӣ барпо карда шудаанд. Давлат ҳуқуқи муаллифии ихтироъкорон ва навоваронро ҳимоя мекунад. Ба муаллифон мукофотпулӣ дода мешавад. Унвонҳои «Навовари беҳтарини корхона», «Навъовари беҳтарини ҷавон» таъсис шудаанд.

**4) Мустаҳкамкунӣ.**

❖ Мазмуни меҳнатро чӣ муайян мекунад?
❖ Касб чист?
❖ Коргарони асосӣ чӣ гуна корҳоро иҷро мекунанд?
❖ Коргарони ёрирасон чӣ гуна корҳоро иҷро мекунанд?
❖ Роҳбарии техникии раванди истеҳсоли маҳсулотро кӣ ба уҳда дорад?
❖ Мазмуни меҳнатро чӣ муайян мекунад?
❖ Ихтисос гуфта чиро меноманд?
❖ Хусусияти эҷодии меҳнат дар чист?

**5) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**6) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи мазмуну хусусиятҳои меҳнат дар истеҳсолот маълумот дода метавонад? | | | |
| Мазмуни меҳнати коргарро ҳамчун соҳибкор қадр карда метавонад? | | | |
| Хусусияти эҷодии меҳнатро дарк карда метавонад? | | | |
| Оид ба касбҳои гуногуни соҳаи истеҳсолот маълумоти пурра дода метавонад? | | | |
| Дар рӯҳияи меҳнатпарастӣ қобилияти худро инкишоф дода метавонад? | | | |

## Дарси 3.

**Мавзӯъ:** Равандҳои технологӣ ва намудҳои он

**Барнома**: Усулҳои равандҳои технологӣ. Равандҳои технологӣ ва намудҳои он.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар бораи технологияи таъсиси корхона ва мазмуну хусусиятҳои меҳнат дар истеҳсолот маълумот дода метавонад.
- Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад.
- Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи равандҳои технологӣ ва намудҳои он маълумот дода тавонад.
- Усулҳои равандҳои технологиро тасниф карда тавонад.
- Дар бораи касбҳои равандҳои технологӣ маълумоти васеъ дода тавонад.
- Ҳангоми таҳлил кардани равандҳои технологӣ қобилияти диққатнокии худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- Мазмуни меҳнатро чӣ муайян мекунад?
- Касб чист?

- Коргарони асосӣ чӣ гуна корҳоро иҷро мекунанд?
- Коргарони ёрирасон чӣ гуна корҳоро иҷро мекунанд?
- Роҳбарии техникии раванди истеҳсоли маҳсулотро кӣ ба ӯҳда дорад?
- Мазмуни меҳнатро чӣ муайян мекунад?
- Ихтисос гуфта чиро меноманд?
- Хусусияти эҷодии меҳнат дар чист?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед.

**3) Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор дар бораи равандҳои технологӣ ва намудҳои он маълумот медиҳад.

Шумо дар вақти экскурсия ба корхонаи сарпараст бо равандҳои истехсолӣ шинос шудаед. Қисми асосии онро технология (раванди истехсолӣ) ташкил медиҳад. Таҳти мафҳуми технология маҷмӯи усулҳои коркард, сохтан, тағйир додани ҳолат, хосият, шакли ашёи хом, масолеҳ ё маҳсулоти нимтайёр, ки дар раванди истеҳсоли маҳсулот истифода мебаранд, фаҳмида мешавад. Маъмулан технологияро бо истеҳсолоти мушаххас пайваст мекунанд. Масалан, технологияи ҳосил кардани кислотаи сулфат, гудозиши пӯлод, пухтани нон, дӯхтани пойафзол ва ғайраро фарқ мекунанд.

Бисёр равандҳои мухталифи технологие мавҷуданд, ки ҳар яке аз онҳо хосият ва хусусияти худро доранд. Вале як қатор усулҳоро ҷудо кардан мумкин аст, ки барои бисёр равандҳои мухталифи технологияи умумӣ мебошанд. Ба ин усулҳои механикӣ, химиявӣ, биологӣ ва энергетикиро мансуб медонанд.

Инчунин омӯзгор муаллим дар бораи усулҳои зерин маълумот медиҳад:

- o Усули механикӣ
- o Усули химиявӣ.
- o Усулхои биологӣ
- o Усулхои энергетикӣ

Омӯзгор метавонад дар ин лаҳзаи дарсӣ аз усули “Кластер” истифода намояд.

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси масоили эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

**Мақсадҳо:**

- ✓ гирдоварии андешаҳои хонандагон;
- ✓ бунёди ҳолати ҷустуҷӯ;
- ✓ инкишофи малакаҳои баёни мухтасари фикр;
- ✓ омӯзиши роҳҳои гуногуни гирдоварии андешаҳо;
- ✓ пешниҳод кардани маълумотҳои иловагӣ;
- ✓ муайян кардани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ.

Дар маркази худ як мафҳуми асосиро дорад, ки дар гирди он якчанд мафҳумҳои ба он тобеъ мавҷуд буда, ин мафҳумҳо низ зермафҳумҳои ба худ тобеъро доранд.



**Намунаи кластери мураккаб: Мавзӯъ:** «Раванди технологӣ ва амалиёти технологӣ»
**Савол:** Дар бораи раванди техникӣ ва аломатҳои он чӣ медонед?
Дар бораи масолеҳи табиии барои бофтан ҳамаи фикрҳо ҷамъ карда мешаванд.




**Дар натиҷа хонандагон:**

- ✓ оид мафҳум, ё ба мушкилоти асосӣ амиқ андеша карда, донишҳояшонро дар ин бора ба ёд меоранд;
- ✓ бо шумораи муайяни шохаҳо андешаҳояшонро баён ва қайд мекунанд;
- ✓ барои исботи андешаҳои худ далел меоранд;
- ✓ қисмҳои асосии маълумотро аз умумӣ ҷудо мекунанд;
- ✓ фикри якдигарро гӯш мекунанд.

**Тавсия ба омӯзгор:** Дар усули хӯша иртибот, пайвастагии мантиқӣ, пайдарпайии фикру андешаҳо муҳим аст, то идрок осон гардад. Усули хӯшаро дар машғулиятҳои гуногун ва фанҳои мухталиф танҳо аз рӯйи зарурат истифода бурдан мумкин аст

**4) Мустаҳкамкунӣ.**

- ❖ Мафҳуми технология чист?
- ❖ Усулҳои коркардро шарҳ диҳед?
- ❖ Равандҳои технологӣ аз чӣ иборат аст?
- ❖ Амалиётҳои технологӣ чист?
- ❖ Гузариши технологиро бо мисол фаҳмонед?

**5) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**6) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед

*(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи равандҳои технологӣ ва намудҳои он маълумот дода метавонад? | | | |
| Усулҳои равандҳои технологиро тасниф карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касбҳои равандҳои технологӣ маълумоти зарурӣ дода метавонад? | | | |
| Ҳангоми таҳлил кардани равандҳои технологӣ қобилияти диққатнокии худро такмил дода метавонад? | | | |

## Дарси 4.

## Мавзӯъ: Мафҳуми фаъолияти касбӣ. Тақсим ва махсусгардонии меҳнат

**Барнома**: Вазифаҳои асосии фаъолияти касбӣ. Тақсими меҳнат. Шаклҳои тақсими меҳнат.

**Салоҳиятҳо**:

➢ Дар бораи технологияи таъсиси корхона ва мазмуну хусусиятҳои меҳнат дар истеҳсолот маълумот дода метавонад.

➢ Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад.

➢ Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пурраги шарҳ дода метавонад.

➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи мафҳуми фаъолияти касбӣ, тақсим ва махсусгардонии меҳнат маълумоти мухтасар дода тавонад.
- Тақсимоти меҳнатро таҳлил карда тавонад.
- Оид ба касбҳое, ки доир ба тақсимоти меҳнат таалуқ дорад, маълумоти зарурӣ дода тавонад.
- Хусусиятҳои тақсими меҳнатро таҳлил намуда, тафаккури худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

- Мафҳуми технология чист?
- Усулҳои коркардро шарҳ диҳед?
- Равандҳои технологӣ аз чӣ иборат аст?
- Амалиётҳои технологӣ чист?
- Гузариши технологиро бо мисолҳо фаҳмонед?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед.

3) **Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав муаллим оид ба мафҳуми фаъолияти касбӣ ва тақсим ва махсусгардонии меҳнат маълумот медиҳад.

Дигаргунсозии эҷодӣ рушди воқеиятнигорӣ ва инкишофи зеҳнияти инсонро фаъолият номида меноманд. Намудҳои фаъолияти ба ҳамаи одамон хосро ҷамъбаст намуда, асоситарини онҳоро номбар мекунем: муошират, бозӣ, таълим, меҳнат. Меҳнати инсон касбӣ ва ғайрикасбӣ (хоббии дӯстдошта, шавқу мароқ) буда метавонад.

Фаъолияти касбӣ – фаъолияти инсон аз рӯйи касбу ихтисосаш дар ягон риштаи мушаххас ва соҳаи истеҳсолот мебошад. Комёбии инсон дар кор аз он вобаста аст, ки ӯ то чӣ андоза ба фаъолияти касбиаш омода аст.

Мақсади фаъолияти касбӣ – натиҷаи эҳтимолӣ мебошад, ки рушди шахсият ва фаъолияти ҳаётии онро таъмин мекунад.

Вазифаи фаъолияти касбӣ ин марҳалаҳои ба даст овардани мақсад мебошад. Масалан, барои ҷавонон таъмин кардани сатҳи муайяни таҳсилот (умумӣ, касбии ибтидоӣ, миёнаи махсус, олӣ) мақсади фаъолияти педагогӣ аст. Вазифаҳои фаъолияти педагогӣ бошад таълим, тарбия ва инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият ба шумор меравад.

Ба фаъолияти касбӣ вижагиҳои махсус (муҳит, вазъият, шароити истироҳату кор, объекту ҳадафи меҳнат) хос аст.

Шаклҳои тақсими меҳнат тарзҳои ташкили раванди фаъолияти касбии одамонро тавсиф мекунад.

Алҳол шаклҳои зерини тақсими меҳнат мавҷуд аст:

Кори ақлӣ – меҳнате, ки дар раванди он инсон асосан ҷидду ҷаҳди зеҳнии худро сарф мекунад.

Кори ҷисмонӣ – меҳнате, ки дар он инсон асосан ҷидду ҷаҳди ҷисмонии худро сарф мекунад.

Махсусгардонии соҳавӣ – тақсими меҳнат тибқи соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ (саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, сохтмон ва ғайра) ва ғайримоддӣ (илм, маориф, савдо, тибб ва ғайра).

Махсусгардонии предметӣ – тақсими корхонаҳо аз рӯйи маҳсулоти истеҳсолшавандаи якҷинса (заводи автомобил, коргоҳи дӯзандагӣ, коргоҳи ҳасиб ва ғайра)

Махсусгардонии ҷузъӣ - истеҳсоли қисму ҷузъиётҳои алоҳидаи маҳсулоти тайёр (масалан, маҳсулоти заводи шарикоподшибник, маҳсулоти заводи чархи мошин ва ғайра).

Махсусгардонии марҳилавӣ (технологӣ) иҷрои амалиёти алоҳида, як қисми раванди технологӣ (масалан, истеҳсоли масолеҳ барои корхонаҳои мошинсозӣ дар заводи рехтагарӣ, тайёр кардани калоба барои коргоҳҳои ресандагӣ ва ғайра).

Махсусгардонии функсионалӣ – махсусгардонӣ аз рӯйи вазифаҳое, ки одамон дар истеҳсолот иҷро мекунанд (кормандони муҳандиси-техникӣ, хизматчиён, кормандони хурди хизматрасон ва ғайра).

Махсусгардонии касбӣ - тафриқаи кормандон аз рӯйи касб ё ихтисос (челонгар, муҳосиб, иқтисоддон ва ғайра)

Махсусгардонии тахассусӣ – таъсиси ҷузъи томи ё воҳиди кормандон дар дохили гурӯҳи касбӣ вобаста ба дараҷаи тахассусмандии онҳо (разряд, синф, категория)

Махсусгардонии меҳнат дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт вижагиҳои худро дорад. Масалан, дар истеҳсолоти кишоварзӣ шаклҳои зерини махсусгардонӣ мавҷуданд:

- минтақавӣ – вақте ки дар минтақаҳои алоҳида ягон соҳаи мушаххаси истеҳсолот бартарӣ дорад;
- байнихоҷагӣ – таъсиси хоҷагиҳои алоҳида (чорводорӣ, зироаткорӣ ва ғайра);
- дохилихоҷагӣ – байни бригадаҳо, шуъбаҳо, фермаҳо, звеноҳо;
- дохилисоҳавӣ – тақсими соҳаҳои истеҳсолоти кишоварзӣ ба корхонаҳои нисбатан махсусгардонида.

**4) Истифодаи усули “Чархи ақидаҳо”**

Усули «Чархи ақидаҳо» барои гирдоварии миқдори муайяни (4, 6, 8, 12) андешаҳо доир ба мафҳум ё мавзӯъ дар шакли шохаҳои гирдгардон аст. Омӯзгор ин усулро дар мавридҳое истифода мебарад, ки агар масъалаи ҷудо кардани чизҳои нисбатан муҳим ба миён ояд.

*Дар маркази «чарх» мафҳум, савол ё мушкилоти мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки ду ё чорнафарӣ кор карда, маълумотҳои доштаашонро оид ба ин мавзӯъ нависанд.*

**Мақсадҳо:**

- ✓ бедор намудани шавқу ҳавас;
- ✓ муайян кардани сарҳади донишҳои мукаммал;
- ✓ муайян кардани донишҳои нопурраи мавҷуда;
- ✓ ҷудо карда тавонистани чизҳои муҳим;
- ✓ инкишофи малакаҳои таҳлил ва хулосабарорӣ.

**Қадамҳои истифода бурдани ин усул:**

1. Дар маркази нақша мушкилот ва ё масъалаеро, ки ҳал кардан зарур аст, нависед.
2. Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки ақидаҳо ё далелҳои асосиро вобаста ба мушкилот ё масъалаи дар марказбуда дар шохаҳои чарх қайд кунанд. Агар далелҳо камӣ кунанд, хонандагон метавонанд саволҳои худро вобаста ба мушкилот ё масъалаи дар марказбуда нависанд.
3. Гурӯҳҳо фаъолияти худро муаррифӣ мекунанд (чунин фаъолият бештар дар кори гурӯҳӣ гузаронида мешавад)
4. Омӯзгор муаррифии гурӯҳҳоро бодиққат гӯш карда, мубоҳиса ташкил менамояд.

**Намуна**:

**Масъала**: *«Шаклҳои тақсими меҳнатро, ки тарзҳои ташкили раванди фаъолияти касбии одамонро тавсиф мекунад, номбар кунед? Ақидаҳои худро баён кунед.»*




Бояд зикр намуд, ки «Чархи ақидаҳо» метавонад аз ададҳои гуногун: бо миқдори 4, 6, 8, ё 12 иборат бошад. Ин аз мақсадҳои мушаххас ва сатҳи омодагии хонандагон вобаста аст.

**5) Кори амалӣ**

1. Мақсад ва вазифаи фаъолияти касбии ояндаи худро муайян кунед.
2. Ҷадвалро пур кунед.

**6) Мустаҳкамкунӣ.**

**1.** Моҳияти фаъолияти касбӣ ва фарқи он аз фаъолияти ғайрикасбӣ дар чист?
**2.** Тақсими меҳнат боиси чӣ мешавад?
**3.** Моҳияти тақсими меҳнат дар чист?
**4.** Таҳти мафҳуми шаклҳои тақсими меҳнат чиро мефаҳмед?
**5.** Фаъолияти касбӣ чист ва фарқи он дар чист?
**6.** Вазифаҳои фаъолияти касбӣ кадомҳоанд?
**7.** Мақсаду вазифаҳои фаъолияти касбиро чӣ тавр муайян кардан мумкин аст?

**7) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**8) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи мафҳуми фаъолияти касбӣ, тақсим ва махсусгардонии меҳнат маълумоти пурра дода метавонад? | | | |
| Тақсимоти меҳнатро таҳлил карда метавонад? | | | |
| Оид ба касбҳое, ки доир ба тақсимоти меҳнат тааллуқ доранд, маълумоти мухтасар дода метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои тақсими меҳнатро таҳлил намуда, тафаккури худро инкишоф дода метавонад? | | | |

## Дарси 5.
## Мавзӯъ: Ришта, соҳа, ҳадафҳои меҳнат

**Барнома**: Соҳа, риштаи фаъолияти касбӣ, раванди фаъолияти касбӣ, асбобу афзор ва таҷҳизоти истеҳсолот.

**Салоҳиятҳо**:

➢ Дар бораи технологияи таъсиси корхона ва мазмуну хусусиятҳои меҳнат дар истеҳсолот маълумот дода метавонад.

➢ Дар доираи муаммои мухтасар идеяи навро пайдо карда метавонад.

➢ Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад.

➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Оид ба ришта, соҳа, ҳадафҳои меҳнат маълумоти мухтасар дода тавонад.
- Дар бораи раванди фаъолияти тахассусии касбҳои гуногун маълумоти пурра дода тавонад.
- Моҳияти ҷузъиёти асосии раванди фаъолияти касбии ояндаи худро мустақилона муайян карда тавонад.

- Тақсимоти меҳнатро таҳлил карда тавонад.
- Раванди фаъолияти касбии инсонро таҳлил намуда, дониши худро ташаккул дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1.Моҳияти фаъолияти касбӣ ва фарқи он аз фаъолияти ғайрикасбӣ дар чист?

2.Тақсими меҳнат боиси чӣ мешавад?

3.Моҳияти тақсими меҳнат дар чист?

4.Тахти мафҳуми шаклҳои тақсими меҳнат чиро мефаҳмед?

5.Фаъолияти касбӣ чист ва фарқи он дар чист?

6.Вазифаҳои фаъолияти касбӣ кадомҳоанд?

7.Мақсаду вазифаҳои фаъолияти касбиро чӣ тавр муайян кардан мумкин аст?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед.

**3) Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав муаллим оид ба ришта, соҳа, ҳадафҳои меҳнат маълумот медиҳад.

Фаъолияти касбии инсон дар соҳаҳои мушаххаси иқтисодиёт сурат мегирад.

Соҳа – маҷмӯи таърихан ба вуҷуд омадаи корхонаҳо, истеҳсолот, ташкилот, ки бо ягонагии таъйиноти иқтисодии маҳсулоти истеҳсолшаванда ё хизматҳо, якҷинсии ашёи хому масолеҳи истеъмолкунанда, умумияти пояи моддию техникӣ ва равандҳои технологӣ, вижагии ҳайати касбии кадрҳо ва шароити меҳнат тавсиф карда мешавад.

Риштаи фаъолияти касбӣ – маҷмӯи соҳаҳо, ки аз рӯйи аломати мушаххас муттаҳид шудаанд.

Аз рӯйи натиҷаҳои меҳнат ду риштаи калони фаъолияти касбиро ҷудо мекунанд: Риштаи истеҳсолоти моддӣ ва риштаи истеҳсолоти ғайримоддӣ.

Мақсаднокии меҳнат – он чизест, ки меҳнати инсон ба он равона карда шудааст, чизест, ки коргар ба он таъсир мерасонад, онро шаклан тағйир дода, ба қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ ва ҷамъиятӣ мутобиқ мекунад.

Аз рӯйи ҳадафи меҳнат панҷ соҳаи фаъолияти касбиро ҷудо мекунанд: инсон – табиат, инсон – техника, инсон – системаи аломатӣ, инсон – инсон, инсон – образи бадеӣ.

Соҳибкорӣ соҳаи махсуси фаъолияти касбӣ мебошад, ки дар худ соҳаю риштаҳои дигарро муттаҳид сохта метавонад.

Соҳибкорӣ – фаъолияти эҷодӣ оид ба истеҳсоли молу хизмат аз ҳисоби маблағи худӣ ё қарз ба мақсади гирифтани фоида аст. Фаъолияти соҳибкорӣ мумкин аст ҳам дар риштаи истеҳсолоти моддӣ ва ҳам дар истеҳсолоти ғайримоддӣ амалӣ гардад.

Раванд (ҷараён) – ҳаракат, рафт, марҳалаҳои инкишоф, тартиби табдили ҳолат ва иҷрои амалҳои муайян аст.

Раванди фаъолияти касбӣ аз муайян кардани мақсаду вазифаҳои ин фаъолият оғоз меёбад, ки онҳо дар дастури амалҳои мансабӣ, тавсифномаҳои тахассусӣ, профессиограммаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои технологӣ ифода мегардад.

Дар раванди фаъолияти касбӣ инсон вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

- аналитикӣ (нақшагирӣ, лоиҳакашӣ, ташкили фаъолият, таҳлили самарабахшии он);
- энергетикӣ (сарфи энергияи мушак ва биоэнергия);

- технологӣ (мувофиқи тартибу қоидаи муайян иҷро кардани амалиёту гузаришҳои технологӣ);
- нақлиётӣ (интиқол додани ҳадафҳои меҳнат ва маҳсулоти тайёр).

Фаъолияти меҳнатии худро инсон тавассути истифодаи воситаҳои муайяни меҳнат амалӣ мегардонад.

Воситаҳои меҳнат – он чизест, ки инсон бо ёрии он ба мақсади истеҳсоли неъматҳои моддию маънавӣ ба предмети меҳнат таъсир мерасонад. Ба воситаҳои меҳнат аслиҳа истеҳсолот, ҳамчунин замин, биноҳои истеҳсолӣ, роҳи оҳан, роҳҳои мошингард ва роҳҳои дигар, лӯлаҳои нафту газ, хатҳои интиқоли барқ ва ғайра дохил мешаванд. Дар ҳайати воситаҳои меҳнат нақши муайянкунандаро асбобу афзор, таҷҳизоти истеҳсолот мебозад.

**4) Кори амалӣ:**

Моҳияти ҷузъиёти асосии раванди фаъолияти касбии ояндаи худро тибқи ҷадвал муайян кунед:

| **Ҷузъиёт** | **Муҳтаво** |
|---|---|
| Мақсад | |
| Вазифа | |
| Сифатҳои аз лиҳози касбӣ зарурии субъекти фаъолият | |
| Воситаҳои меҳнат | |
| Ҳадафҳои меҳнат | |
| Амалиёту гузаришҳои технологӣ | |
| Маҳсули (натиҷаи) фаъолият | |

**5). Қисми мустаҳкамкунӣ** бо истифода аз бозии озмуни «Викторина» гузаронида мешавад.

Дар ҳамаи 5 калимаҳои пешниҳодшуда ҳарфи «А» мавҷуд мебошад. Аз муайянкунандаҳо истифода бурда калимаро ёбед ва ба катакҳои холӣ ҳарфҳои боқимондаро нависед.

1. Маҷмӯи таърихан ба вуҷуд омадаи корхонаҳо, истеҳсолот, ташкилот, ки бо ягонагии таъйиноти иқтисодии маҳсулоти истеҳсолшаванда ё хизматҳо, якҷинсии ашёи хому масолеҳи истеъмолкунанда, умумияти пояи моддию техникӣ ва равандҳои технологӣ, вижагии ҳайати касбии кадрҳо ва шароити меҳнат тавсиф карда мешавад.

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | А |

2. Фаъолияти меҳнатии инсон маъмулан ангеза дорад. Ангеза чизест, ки ба фаъолият водор мекунад. Ангезаҳои фаъолияти меҳнатӣ метавонанд аз лиҳози иљтимой аҳамиятнок (қонеъгардонидаи талаботи ҷамъият), аз лиҳози шахсият аҳамиятнок (қонеъ гардонидани талаботи хусусии ҳаётан муҳим), ғаразнок (ҷидду ҷаҳд ба бойшавӣ, номбарорӣ, обрӯю эътибор ва ҳукумат) бошанд.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| А | | | | | А |

3. Дар раванди фаъолияти касбӣ инсон вазифаҳои зеринро иҷро мекунад (нақшагирӣ, лоиҳакашӣ, ташкили фаъолият, таҳлили самарабахшии он).

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| А | | А | | | | | | |

**Ҷавобҳои дуруст:** 1-соҳа; 2-ангеза; 3-аналитикӣ.

**6) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**7) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Оид ба ришта, соҳа, ҳадафҳои меҳнат маълумоти мухтасар дода метавонад? | | | |
| Дар бораи раванди фаъолияти касбии ихтсоҳои гуногун маълумоти пурра дода метавонад? | | | |
| Моҳияти ҷузъиёти асосии раванди фаъолияти касбии ояндаи худро мустақилона ва муайян карда метавонад? | | | |
| Тақсимоти меҳнатро хуб таҳлил карда метавонад? | | | |
| Раванди фаъолияти касбии инсонро таҳлил намуда, дониши худро пурра карда метавонад? | | | |

## Дарси 6
## Мавзӯъ: Мафҳуми фарҳанги меҳнат

**Барнома**: Мафҳуми фарҳанги меҳнат, ҷузъҳои фарҳанги меҳнат, ҷойи кор.

**Салоҳиятҳо**:

- ➢ Дар бораи технологияи таъсиси корхона ва мазмуну хусусиятҳои меҳнат дар истеҳсолот маълумот дода метавонад.
- ➢ Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад.
- ➢ Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад.
- ➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи мафҳуми фарҳанги меҳнат маълумоти мухтасар дода тавонад.
- Дар бораи дизайн (ороиш, зебосозӣ) ҳамчун фаъолияти эҷодӣ маълумот дода тавонад.
- Вобаста ба инкишофи техника шумораи объектҳои меҳнат ва касбҳои муосирро муайян карда тавонад.
- Фарҳанги меҳнат ҳамчунин маҳорати ташкил кардани ҷойи кори худро пешбинӣ карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Ҷузъиёти асосии раванди фаъолияти касбиро номбар кунед.
2. Муҳтавои омодагии инсон ба фаъолияти касбиро кушода диҳед.
3. Инсон дар раванди фаъолияти касбӣ кадом вазифаҳоро иҷро мекунад?
4. Ҳадафҳои (гурӯҳҳои) фаъолияти касбиро номбар кунед.
5. Воситаҳои меҳнат ва асбобу афзор, таҷҳизоти истеҳсолотро тавсиф кунед.
6. Моҳият ва сохтори раванди технологиро шарҳ диҳед.
7. Мол чист?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед.

**3) Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор аз усули Чархи ақидаҳо истифода мебарад:

Таҳти мафҳуми фарҳанги меҳнат сатҳи ба дастомадаи ташкили истеҳсолот фаҳмида мешавад.

Фарҳанги меҳнат, пеш аз ҳама, интизоми технологиро дар бар мегирад, яъне риояи дақиқи технологияи аз ҳама мусоиди иҷрои кор ва талабот ба сифати он. Пайдарпай ва даққии иҷрои амалиёти технологӣ бояд бо харитаҳои хатти сайру амалиётӣ мувофиқа карда шаванд. Фарҳанги меҳнат ҳамчунин маҳорати ташкил кардани ҷойи кори худро пешбинӣ мекунад.

Ҷойи кор – минтақаи фаъолияти меҳнатии инсон мебошад, ки бо воситаҳои техникӣ ва таҷҳизоти иловагии барои идоракунии ягон раванд ё иҷрои корҳо зарурӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Ҷойи кор бояд боэътимодию самарабахшии ҳадди аксари корро таъмин кунад, яъне ба шартҳои зерин ҷавобгӯ бошад.

1. Фазои кофии кор, ки ба иҷрои ҳамаи ҳаракату ҷойивазкуниҳо ҳангоми истифодаю хизматрасонӣ ба таҷҳизот имкон медиҳад;

2. Дар фазои корӣ мавҷуд будани «минтақаи дастрасии озод», яъне участкае, ки дар он ҳамаи таҷҳизот: асбобҳо, мавод, асбобҳои иловагие, ки тез-тез даркор мешавад, гирд оварда шудааст;

3. Равшаннокии хуби табиӣ ва ё сунъии ҷойи кор;

4. Таҷҳизоте, ки хизматрасонӣ ба он оддию босарфа бошад ва вақти зиёдро нагирад; ҳолати мусоиди корӣ, паст кардани хастагӣ ва ғайра;

5. Мубодилаи ҳаво, ҳарорат ва рутубат бояд мувофиқи меъёр бошад.

Дизайн (англисӣ design – расм, лоиҳа) фаъолияти эҷодӣ, ки ба ташаккул ва мураттабсозии предметию фазоии муҳит, ҳосил кардани ягонагии ҷиҳатҳои функсионалию эстетикии он равона карда шудааст. Натиҷаи ин кор низ дизайн номида мешавад.

Ҳамаи ҷузъиёти интерйер, шаклҳои он, ороиш, ранг бояд ба ҳам мувофиқу мутобиқ буда, ба мусоиду мувофиқ кардани шароити меҳнат хизмат кунад. Унсури муҳимтарини дизайн нақшагирӣ ва ба вуҷуд овардани ҷойи истироҳат (сабукшавии психологӣ) дар наздикии ҷойи кор мебошад. Дар ҷойи истироҳат ташкил кардани «гӯшаи табиати зинда» мувофиқи мақсад мебошад, зеро муоширaт бо оламии табиат ба барқарор кардани комилан неруи инсон мусоидат мекунад.

**4) Кори амалӣ**

1. Нақша «Ҷойи кори ман»-ро тартиб диҳед.

2. Самарабахшии ягон намуди фаъолияти меҳнатиро муайян кунед ва бизнесс-нақша тартиб диҳед.

**5) Қисми мустаҳкамкунӣ**

1. Ҷузъҳои асосии муҳтавои фарҳанги меҳнатро номбар кунед ва шарҳ диҳед.
2. Интизоми технологӣ чист?
3. Шартҳои ташкили оқилонаи ҷойи корро номбар кунед.
4. Чӣ тавр бехатарии меҳнатро таъмин кардан лозим аст?
5. Самарабахшии фаъолияти меҳнатиро чӣ тавр муайян мекунанд?
6. Омилҳоеро номбар кунед, ки ба баланд бардоштани самарабахшии меҳнат мусоидат мекунанд.

**6) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**7) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад)*.

| Фаъолият | Метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи мафҳуми фарҳанги меҳнат маълумоти мухтасар дода метавонад? | | | |
| Дар бораи дизайн (ороиш, зебосозӣ) ҳамчун фаъолияти эҷодӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Вобаста ба инкишофи техника шумораи объектҳои меҳнат ва касбҳои муосирро муайян карда метавонад? | | | |
| Фарҳанги меҳнат ҳамчунин маҳорати ташкил кардани ҷойи кори худро пешбинӣ карда метавонад? | | | |

## Дарси 7

### Мавзӯъ: Технологияи таъсиси корхона. Манбаъҳои маблағгузории корхона

**Барнома**: Манбаъҳои маблағгузории корхона. Технологияи таъсиси корхона.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар бораи технологияи таъсиси корхона ва мазмуну хусусиятҳои меҳнат дар истеҳсолот маълумот дода метавонад.
- Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад.
- Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пурраги шарҳ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи технологияи таъсиси корхона ва манбаъҳои маблағгузории он маълумоти васеъ дода тавонад.
- Манбаъҳои дохилии ширкат ва фоидаи онро мустақилона ҳисоб карда тавонад.
- Оид ба касбҳои дар бонкҳо буда, маълумот дода тавонад.
- Манбаъҳои маблағгузории корхонаро таҳлил намуда, тарбияи иқтисодии худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Ҷузъҳои асосии мӯҳтавои фарҳанги меҳнатро номбар кунед ва шарҳ диҳед.

2. Интизоми технологӣ чист?

3. Шартҳои ташкили оқилонаи ҷойи корро номбар кунед.

4. Чӣ тавр бехатарии меҳнатро таъмин кардан лозим аст?

5. Самарабахшии фаъолияти меҳнатиро чи тавр муайян мекунанд?

6. Омилҳоеро номбар кунед, ки ба баланд бардоштани самарабахшии меҳнат мусоидат кунанд.

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед.

**3). Шиносой бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав муаллим оид ба технологияи таъсиси корхона ва манбаъҳои маблағгузории корхона маълумот дода мешавад.

Соҳибкор ё гурӯҳи ҳамфикрон барои таъсиси корхонаи хурди хусусӣ ё коллективӣ бояд марҳалаҳои муайяни инкишофи идеяи худ ва дар амалия татбиқ кардани онро аз сар гузаронанд:

Марҳалаи якум–таҳлилӣ. Дар ин марҳала бояд гурӯҳи ташаббускор соҳаи фаъолияти корхонаи таъсисшавандаро ёбад. Бояд қарори қатъӣ қабул карда шавад, ки корхона хусусӣ мешавад ё коллективӣ. Дар ин маврид кадоме аз шаклҳои зерини соҳибкории хурд ба мақсади онҳо мувофиқтару самарабахштар аст: ҷамъияти саҳҳомӣ; рафоқати дорои масъулияташ номаҳдуд; рафоқати дорои масъулияти маҳдуд; кооператив ва ғайра. Онҳо бояд чи истеҳсол карданашонро аниқ кунанд.

Марҳалаи дуюм. Мутобиқшавӣ ба шароити бозор. Корхонаҳои хурд ба инкишофи рақобат мусоидат мекунанд, ки ин боиси нисбатан пурра ва ҳамаҷониба қонеъ гардонидани талабот ба молу хидмат бо назардошти эҳтиёҷоти инфиродӣ мегардад.

Дар раванди таъсиси корхонаи хурд мавҷудияти ашёи хом ва иқтидорҳои истеҳсолӣ (биною таҷҳизот) нақши муҳим мебозад.

Ба мақсади таъмини фурӯши маҳсулоти дар оянда истеҳсолшаванда ба таври маҷмӯъ омӯхтани талабот мувофиқи мақсад аст.

Марҳалаи сеюм – омӯхтани санадҳои меъёрӣ ва ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии корхона

Дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Қонун дар бораи корхона ва фаъолияти соҳибкорӣ» ба амал ҷорӣ шудааст. Он асосҳои умумии ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таъсиси корхонаҳоро дар шароити гуногунии шаклҳои моликият муайян мекунад, ҳуқуқу масъулияти субъектҳои соҳибкориро танзим менамояд, тадбирҳои муҳофизату дастгирӣ ва танзими давлатии соҳибкориро дар Тоҷикистон муайян мекунад.

Корхона аз лаҳзаи аз ҷониби сардари маъмурияти ноҳия ё шаҳр ба қайд гирифтани он таъсисёфта ҳисоб мешавад. Бақайдгирии давлатӣ ё номнависӣ бояд дар давоми як моҳ баъди супурдани ариза ва ҳуҷҷатҳои зарурӣ сурат гирад.

Марҳалаи чорум – инкишофи пойдории иқтисодӣ. Баъди гузаштани марҳалаи мураккаби ташкили корхона, фаъолияти он оид истеҳсоли молу хизмат оғоз меёбад.

Соҳибкор воситаҳои маблағгузориро ба бизнесси худ аз куҷо мегирад? Шумо дар ин бора аллакай, маълумот доред ва метавонед ҷавоб диҳед:

«Фоидаи аз фурӯши саҳмияҳо ба даст омадаро истифода мебарад» ё «фоидаи аз фаъолияти ширкат ба даст омадаро мавриди истифода қарор медиҳад».

Дар бизнесс ҳамаи манбаъҳои маблағгузориро ба ду қисм- дохилӣ ва берунӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Манбаъҳои дохилӣ манбаъҳоеанд, ки дар «дохил»-и ширкат ҷойгиранд. Манбаи асосии дохилии маблағгузории ширкат фоидаи он ба ҳисоб меравад. Фоидаи ширкат ин фарқи байни даромаду хароҷоти он мебошад:

Ф = Д – Х (Ф – фоида; Д – даромад; Х - хароҷот)

Ин формуларо ба таври зерин низ навиштан мумкин аст:

Ф=Н – Х, ки дар ин ҷо Н – нархи моли фурӯхта аст.

Манбаъҳои берунаи маблағгузориро дида мебароем:

Ширкатҳои дигар. Ширкате, ки воситаҳояш кофӣ нест, метавонад шариконеро ёбад, ки ҳамин хел масъала доранд. Бизнесси якҷоя ташкил карда, шарикон имкони аз ҳудуди ширкати умумӣ набаромада васеъ кардани захираҳои молиявиро пайдо мекунанд.

Баъзе ширкатҳо ё иттиҳодияи ширкатҳо мумкин аст ба ҷамъиятҳои саҳҳомӣ табдил дода шаванд.

Бонкҳо. Агар ширкат як бо дигар ширкатҳо муттаҳид гардида, барои инкишофаш воситаҳои иловагӣ ҷустан нахоҳад ё натавонад, онро аз бонк «қарз» мегирад.

Бонк – ташкилоти тиҷоратиест, ки дар ихтиёр воситаҳои пулӣ дорад ва метавонад бо шартҳои махсус онҳоро ба ширкат диҳад. Чунин муомилаи байни бонку ширкат қарзи бонк номида мешавад. Ғайр аз қарзи бонк дар бизнесс боз як намуди қарз мавриди истифода қарор мегирад. Ин қарзи тиҷоратӣ аст. Онро ба якдигар ширкатҳо дар шакли фурӯши мол бо мавқуфгузории пардохт пешниҳод мекунанд.

**Давлат**. Давлат ба корхонаҳои сектори давлатӣ дар шакли маблағгузории бевосита восита ҷудо мекунад. Дар ин сурат фоидаи фаъолияти ин ширкатҳо ба давлат тааллуқ дорад. Давлат ҳамчунин ба ширкатҳо метавонад воситаҳои худро дар намуди субсидияҳо пешниҳод кунад. Ин маблағгузории ҷузъӣ ба фаъолияти ширкатҳо мебошад. Боз як шакли маблағгузории фаъолияти ширкатҳо ин супориши давлатӣ аст. Давлат ба ширкат супориш медиҳад, ки ин ё он маҳсулотро тайёр кунад ва худро харидор эълон менамояд.

**4). Қисми мустаҳкамкунӣ** бо истифода аз бозии дидактикии «Идеяи соҳибкорӣ» гузаронида мешавад.

**1. Ҷустуҷӯйи соҳаи худ дар бизнесс**

Мақсад:

Ба хонандагон ёрӣ додан дар интихоби самти ояндадор дар бизнесси кӯдакон ва асоснок кардани интихоби худ.

Бозӣ дар шакли имтиҳон бо муҳокимаи минбаъдаи ҷавобҳои имтиҳонсупорандагон гузаронида мешавад.

**Мундариҷа:**

Аз билетҳои дар рӯйи миз гузошта, ки дар онҳо номҳои имконпазири фаъолият навишта шудааст, хонанда панҷ билет мегирад. Аз онҳо хонанда бояд билетеро ҳимоя кунад, ки дар он номи самти соҳибкории дар ҳамин шароит барои ҳамин хонанда нисбатан ояндадору дастрас зикр шудааст. Ҳозирон метавонанд оиди фаъолияти интихобгардида ба имтиҳоншаванда суолҳо диҳанд. Масалан, суолҳо дар бораи рақибони имконпазир, манбаъҳои ашёи хом, тарзи истеҳсолот, бозори фурӯши молу хизмат, воситаҳои рекламаи «кор», мушкилоти имконпазир ва роҳҳои рафъи онҳо.

Баъди ҷавобҳо якҷоя қарор қабул мекунанд, ки хонанда имтиҳонро супорид ё не. Меъёри баҳодиҳӣ то чӣ андоза воқеӣ будани нияти хонанда ва ҳамаҷониба асоснок кардани интихоби самти фаъолият мебошад.

Ҳуҷҷатҳо: билетҳо ба бозии мазкур.

**2. Таъсиси корхона**

**Мақсад:**

Ба хонандагон ёрӣ расонидан дар мустаҳкам кардани дониши қаблан андӯхтаашон дар бораи шаклҳои имконпазири корхонаи хурд. Ба онҳо имконияти бо тартиби корҳои муқаддимотӣ ва таҳияи ҳуҷҷатҳои зарурии барои таъсиси корхонаи хурди коллективӣ (дастиҷамъӣ) зарурӣ шинос шудан.

Бозӣ дар шакли таҳияи ҳамаи марҳалаҳои таъсиси корхонаи хурд – аз ташаккули гурӯҳи ташаббускор то ташкили кор гузаронида мешавад.

**Мундариҷа:**

Барои оғози бозӣ гурӯҳи ташаббускор интихоб карда мешавад. Он бо масъалаҳои таҳлили бозор, асоснок кардани зарурати таъсиси корхонаи хурд, таҳлили самарабахшии иқтисодии кори ояндаи он, таҳияи бизнесс-нақша машғул мешавад.

Лоиҳаи оинннома тартиб дода, ба муҳокимаи маҷлиси муассисони корхонаи хурд пешниҳод мешавад.

Давраи дуюми бозӣ даъвати маҷлиси муассисони корхонаи хурд аст, ки дар он раис интихоб мешавад, номгӯйи аъзои корхона тасдиқ ва оинннома қабул мешавад. Сипас оиди тайёр кардани ҳуҷҷатҳое, ки барои номнавис кардани ШММ (Шӯрои маҷлиси муассисон) зарур аст, кор шурӯъ мегардад.

Баъд хонандагонро бо раванди кушодани суратҳисоб, додани супориш оиди таҳияи муҳри ШММ шинос кардан лозим аст.

**3 Таҳияи нақшаи амал**

**Мақсад:**

Дар хонандагон ташаккул додани тасаввурот дар бораи нақшаи соҳибкор. Дар рафти бозӣ вазифаи онро асоснок кардан лозим аст: аз худ кардани механизми ҳисобкарди ҳамаи хароҷоти имконпазир: ибтидоӣ, доимӣ, тағйирёбанда; иҷро кардани ҳисобу китоби пешакии фоидаи имконпазир.

**Мундариҷа:**

Бозорро таҳлил карда, талаботи қонеънагардидаро ба ин намуди маҳсулот ошкор намудан лозим аст.

Хароҷоти ибтидоӣ – хароҷотест, ки барои оғоз кардани кори худ масраф мегардад. Он ба хароҷоти доимию тағйирёбанда ҷудо мешавад. Хароҷоти доимӣ, аз ҷумла иҷорапулии бино, реклама ва ғайра аз ҳаҷми истеҳсолот ва шумораи мизоҷон вобаста нест.

Хароҷоти тағйирёбанда аз ҳаҷми истеҳсолот, шумораи мизоҷон вобаста аст. Хароҷоти ашёи хом, захираҳои энергетикӣ аз ҷумлаи хароҷоти тағйирёбандаанд.

**4 Амалӣ гардонидани нақша**

**Мақсад:**

Ташаккул додани тасаввуроти умумӣ дар бораи усулҳои омӯзиши бозор, тарзҳои фурӯш, реклама, амалиёти одитарини молиявӣ.

**Мундариҷа:**

Омӯзгор хонандагонро бо қоидаҳои қабул ба кор тибқи карордод, қоидаҳои пур кардани барнома шинос мекунад.

Хонандагон гурӯҳҳои молпаҳнкунандагон ташкил карда, моли ба фурӯш тайёр кардаро меомӯзанд, дар бораи ҷойи фурӯш, вақти кор, миқдори мол, ки дар ин вақт фурӯхта метавонад, мулоҳизаҳояшонро мегӯянд.

Дар ин марҳалаи бозӣ тарзҳои таблиғот ва тайёр кардани он аҳамияти ҷиддӣ дорад.

Тасҳеҳи ниҳоии нақша ва ошкор сохтани норасоиҳои он марҳалаи хотимавии бозӣ ба ҳисоб меравад.

**5) Супориш:**

Сармояи оинномавӣ – миқдори муайяни маблағест, ки барои таъсиси корхона ё фаъолияти соҳибкорӣ зарур аст.

Дар асоси ягон намуди фаъолияти соҳибкорӣ муайян намоед:

1. Андозаи сармояи оинномавиро, ки барои фаъолият зарур аст.
2. Шумо сармояи оинномавиро аз куҷо дастрас карданиед?.

**6) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**7) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад)*.

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи технологияи таъсиси корхона ва манбаъҳои маблағгузории он маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Манбаъҳои дохилии ширкат ва фоидаи онро ҳисоб карда метавонад? | | | |
| Оид ба касбҳои дар бонкҳо буда, маълумот дода метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Манбаъҳои маблағгузории корхонаро таҳлил намуда, тарбияи иқтисодии худро инкишоф дода метавонад? | | | |

**Дарси 8**

**Мавзӯъ: Захираҳо ва омилҳои истеҳсолот**

**Барнома**: Захираҳои моддӣ ва меҳнатӣ ва фарқи онҳо аз захираҳои истеҳсолот.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар бораи технологияи таъсиси корхона ва мазмуну хусусиятҳои меҳнат дар истеҳсолот маълумот дода метавонад.
- Дар доираи муаммои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи захираҳои табиӣ, моддӣ ва меҳнатӣ маълумоти васеъ дода тавонад.
- Фарқи захираҳои моддӣ ва меҳнатиро шарҳ дода тавонад.
- Оид ба касби соҳибкор маълумоти васеъ дода тавонад.
- Захираҳои табии кишварро таҳлил намуда, ифтихори миллии худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1). **Ташкили дарс:** Дар ин марҳила корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Дар бизнесс ҳамаи манбаъҳои маблағгузориро ба чанд қисм ҷудо мекунанд?
2. Соҳибкор воситаҳои маблағгузориро барои бизнесси худ аз куҷо мегирад?
3. Манбаъҳои дохилӣ чист?
4. Мафҳуми бонкро шарҳ диҳед.
5. Давлат чист?

Оид ба саволҳо каме муҳокима ронӣ кунед.

**3) Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор оид ба захираҳо ва омилҳои истеҳсолот маълумот медиҳад.

Чӣ тавре, ки дар боло зикр гардид, соҳибкор ба моликияти худ такя карда, истеҳсоли мол ё хизматро ба роҳ мемонад. Дар ҳамаи форматсияҳои иқтисодӣ барои истеҳсолоти дилхоҳ захираҳо заруранд. Захираҳо маҷмӯи қувваҳои табиӣ, моддӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ мебошанд, ки дар раванди истеҳсолот барои тавлиди молу хизматҳо истифода бурдан мумкин аст. Бино бар ин, пеш аз он ки дар бораи чи тавр корхонааш, истеҳсолоти худро пеш бурдани соҳибмулк сухан рондан худи сохтори истеҳсолот, табиати он, захираю қувваҳоро, ки бе онҳо истеҳсолот вуҷуд дошта наметавонад, фаҳмидан муҳим аст.

Ҳамаи захираҳо ба табиӣ, моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ ҷудо мешаванд.

Захираҳои табиӣ, моддӣ ва меҳнатӣ захираҳое мебошанд, ки бе онҳо ягон истеҳсолот вуҷуд дошта наметавонад. Бинобар ин онҳоро захираҳои базавӣ меноманд. Захираҳои молиявӣ дар шароити бозор ба миён меоянд ва истеҳсолӣ номида мешаванд. Агар ин тавр бошад, «омилҳои истеҳсолот» чӣ маъно доранд? Фарқи онҳо аз «захираҳои истеҳсолот» дар чист?

Захираҳои истеҳсолотро тавсиф карда истода, қайд кардан лозим аст, ки ҳамаи он чизе, ки мумкин аст ба раванди истеҳсолот ҷалб шавад, захира ба шумор меравад. Омилҳои истеҳсолот бошанд захираҳое мебошанд, ки ба раванди истеҳсолот воқеан ҷалб шудаанд. Пас, «захираҳои истеҳсолот» нисбат ба «омилҳои истеҳсолот» мафҳуми васеътар аст. Баръакси захираҳо омилҳо танҳо дар раванди истеҳсолот, ҳангоми таъсири мутақобила бо ҳам ба омил табдил меёбанд. Бино бар ин истеҳсолот ҳамеша таъсири мутақобилаи омилҳо мебошад. Се омили асосии истеҳсолотро фарқ мекунанд: замин, меҳнат, сармоя.

1. **Замин** дар соҳаи истеҳсолот аҳамияти сегона дорад:

а) Замин чун манбаи захираҳои табиӣ, ки дар раванди истеҳсолот мавриди истифода қарор мегирад.

б) Замин чун объекти хоҷагидорӣ (дар соҳаҳои кишоварзӣ, истихроҷ, моҳипарварӣ ва ғайра) ҳамзамон ҳамчун предмети меҳнат ва ҳам воситаи меҳнат баромад мекунад;

в) Замин чун объекти моликият (иҷора додани замин).

2. **Меҳнат**. Аҳолии қобили меҳнат он қисми ҷамъият аст, ки бевосита дар раванди истеҳсолот машғул мебошад. Меҳнаткашон қобилияти кор карданашонро мефурӯшанд. Ин омил – омили меҳнат – ҳамчунин соҳибкориро чун фаъолияте дар бар мегирад, ки қобилияти ташкили истеҳсолот, маҳорати сарфаҳм рафтани шароити бозорӣ ва таваккал (риск) карданро тақозо мекунад. Соҳибкор низ меҳнат мекунад.

3. **Сармоя** захираҳои моддию меҳнатии истеҳсолотро муттаҳид месозад: бино, мошин, ашёи хом, сӯзишворӣ ва ғайра, ҳамчунин музди меҳнати коргарон.

Дар илми иқтисод садҳо сол боз дар бораи нақши ҳар омил дар ташаккули арзиши мол мубоҳиса давом дорад. Ҳарчанд баҳсҳо идома доранд, дар амалия иқтисоддонҳо ба хулоса омаданд, ки ҳар омили истеҳсолот ба соҳибаш даромад меорад: замин – рента, сармоя – фоиз, меҳнат – музди меҳнат.

**4). Истифодаи усули Т- схема**

Ин усул барои ҷамъоварии ақидаҳои ба ҳам зид мебошад, ки ҷадвали он шаклан ба ҳарфи «Т» монанд аст. Ба воситаи усули мазкур саволе гузошта мешавад, ки ҷавобҳои зеринро талаб мекунад: «ҳа - не», «тарафдор - муқобил», «бартарӣ – камбудӣ», «+» ва «-», «мусбат – манфӣ» ва диг.

*Ин метод ба хонандагон барои ба мубоҳиса омода шудан ёрӣ мерасонад.*

**Мақсадҳо:**

✓ ба хотир овардани маълумотҳои пештар омӯхташуда;
✓ мустаҳкам кардани донишҳои мавҷуда;
✓ муттаҳид гардонидани хонандагон ҳангоми кори гурӯҳӣ;
✓ ташкил намудани мубоҳиса.

**Қадамҳои иҷро кардани ин усул:**

➢ хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед;
➢ аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷадвали иборат аз ду сутун (ба монанди ҳарфи «Т»)-ро тасвир намоянд;
➢ дар сутуни аввал «ҳа» нависанд, дар сутуни дуюм «не»;
➢ якчанд андешаҳои дурусту нодурустро дар шакли рӯйхат дар лавҳаи синф нависед;
➢ аз хонандагон хоҳиш намоед, ки дар нақша онро ҷобаҷо гузоранд (Бо андешаҳое, ки онҳо розианд, дар сутуни «ҳа» нависанд, бо андешаҳое, ки онҳо розӣ нестанд, дар сутуни «не» нависанд);
➢ барои иҷрои супориш ба гурӯҳҳо вақти муайян ҷудо карда шавад;
➢ баъди анҷоми вақт гурӯҳҳо ҷавобҳои худро муаррифӣ намоянд;
➢ ҷавобҳои гурӯҳҳо муҳокима карда шавад (махсусан, ҷавобҳои ба ҳам муқобили гурӯҳҳо).

**Намуна.**

1. Захираҳо маҷмӯи ашёи табиӣ, моддӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ мебошанд.
2. Бе захираҳои табиӣ, моддӣ ва меҳнатӣ истеҳсолот вуҷуд дошта метавонад?
3. Замин дар соҳаи истеҳсолот аҳамияти сегона дорад.
4. Захираҳои истеҳсолот, омилҳои истеҳсолот омили асосии истеҳсолот шуда метавонанд.
5. Захира, омилҳо ва даромад робитаи мутақобила доранд.
6. Аҳолии қобили меҳнат ба захираҳои моддӣ дохил мешавад.

| **«ҳа»** | **«не»** |
|---|---|
| Захираҳо маҷмӯи ашёи табиӣ, моддӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ мебошанд. | Бе захираҳои табиӣ, моддӣ ва меҳнатӣ истеҳсолот вуҷуд дошта метавонад? |
| Замин дар соҳаи истеҳсолот аҳамияти сегона дорад. | Захираҳои истеҳсолот, омилҳои истеҳсолот омили асосии истеҳсолот шуда метавонанд. |
| Захира, омилҳо ва даромад робитаи мутақобила доранд. | Аҳолии қобили меҳнат ба захираҳои моддӣ дохил мешавад. |

**Дар натиҷа хонандагон:**

- ✓ дарсҳои гузаштаро ба хотир меоранд;
- ✓ донишҳои мавҷудаашонро мустаҳкам мекунанд;
- ✓ дар гурӯҳ кор карда, фикри якдигарро гӯш мекунанд;
- ✓ бо ҳамдигар мубоҳиса менамоянд.

**Тавсия ба омӯзгор:** Ин усулро дар шакли бозӣ, ё мусобиқа низ гузаронидан мумкин аст. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, барои ҳар як ҷавоби дуруст холгузорӣ кунед. Гурӯҳе, ки соҳиби холҳои зиёд мегардад, ғолиб мебарояд.

Ҳангоми дар шакли бозӣ, ё мусобиқа гузаронидани ин усул, хонандагони фаъолро ба гурӯҳҳо баробар тақсим намоед.

**5) Кори амалӣ**

Соҳибкор қарор медиҳад ширкати нонпазӣ кушояд. Захираҳои зарурии корхонаро муқаррар кунед.

**6) Қисми мустаҳкамкунӣ**

1. Оилаи шумо аз кадом захираҳо бархурдор аст?
2. Маҳалле, ки дар он шумо зиндагӣ мекунед, кадом захираҳо дорад?
3. Кадоме аз ин захираҳо ба омили истеҳсолот табдил ёфтаанд.
4. Кадом намудҳои сарфаи захираю омилҳои истеҳсолотро Шумо медонед.

5.Нақши соҳибкор дар истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолот дар чӣ возеҳу равшан мегардад?

**7) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**8) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи захираҳои табиӣ, моддӣ ва меҳнатӣ маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Фарқи захираҳои моддӣ ва меҳнатиро шарҳ дода метавонад? | | | |
| Оид ба касби соҳибкор маълумоти кофӣ дода метавонад? | | | |
| Захираҳои табии кишварро таҳлил намуда, ифтихори миллии худро рушд дода метавонад?. | | | |

## Дарси 9
## Мавзӯъ: Лоиҳаи эҷодӣ: нақшаи истеҳсолот

**Барнома**: Лоиҳаи эҷодӣ. Марҳалаҳои истеҳсолот.

**Салоҳиятҳо**:

➢ Дар бораи технологияи таъсиси корхона ва мазмуну хусусиятҳои меҳнат дар истеҳсолот маълумот дода метавонад.

➢ Дар доираи муаммои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.

➢ Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад.

➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи нақшаи корхонаи истеҳсолии мактабӣ маълумот дода тавонад.
- Нақшаи корхонаи истеҳсолии мактабиро тартиб дода тавонад.
- Дар бораи касбҳои корхонаи истеҳсолии мактабӣ маълумоти кофӣ дода тавонад.
- Раванди корхонаи истеҳсолии мактабиро таҳлил намуда, ҳангоми ороишу пардоз қобилияти зебоипарастии худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1). **Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Оилаи шумо аз кадом захираҳо бархурдор аст?
2. Маҳалле, ки дар он шумо зиндагӣ мекунед, кадом захираҳоро дорад?
3. Кадоме аз ин захираҳо ба омили истеҳсолот табдил ёфтаанд.
4. Кадом намудҳои сарфаи захираю омилҳои истеҳсолотро шумо медонед.
5. Нақши соҳибкор дар истифодаи оқилонаи захираҳои истеҳсолот дар чӣ возеҳу равшан мегардад?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор оид ба лоиҳаи эҷодӣ: нақшаи истеҳсолот маълумот дода мешавад.

Барои корхонаҳое, ки ба қатори корхонаҳои истеҳсолӣ дохил мешаванд, ба бизнесс-нақша ҳамчунин нақшаи истеҳсолии бодиққат таҳия кардаро, ки тавсифи пурраи ҳамаи раванди истеҳсолиро дар бар мегирад, дохил кардан лозим аст.

Раванди истеҳсолӣ дар корхона аз системаи амалиёте иборат аст, ки онҳо ба табдил ёфтани ашёи хом ба маҳсулоти тайёр ё нимтайёр нигаронида шудаанд. Раванди технологӣ қисми таркибии ҷудонашавандаи раванди истеҳсолӣ мебошад.

Ҳар як истеҳсолотро ба марҳалаҳо ҷудо кардан мумкин аст. Марҳалаҳои истеҳсолот ҳамеша новобаста аз намуди маҳсулоти истеҳсолшаванда паси ҳам тибқи тартиби муайян меоянд.

**Марҳалаи 1.** Анборкунӣ. Дар ин марҳала масолеҳ ва ҷузъиётҳоро харида, ба анбори ашёи хому масолеҳ ҷойгир мекунанд. Дар анбор онҳоро тафтиш карда, то вақти лозим шуданашон нигоҳ медоранд.

**Марҳалаи 2.** Коркард. Ашё ва масолеҳро коркард мекунанд, масалан, мебуранд, ранда мекунанд, арра мекунанд, медӯзанд.

**Марҳалаи 3.** Васл кардан. Ҷузъиётҳоро васл карда, маҳсулоти тайёр ҳосил мекунанд. Дар мавридҳое, ки маҳсулоти одитарин, масалан тахтача ё хатчӯб (указка) тайёр мекунанд, васл кардан зарурате надорад.

**Марҳалаи 4.** Ороиш ё пардоз. Ороишу пардоз молро зебо ва назаррабо мекунанд. Ороишу пардоз маъмулан тоза кардан, шустан, ранг кардан, часпондан ва ғайраро дар бар мегиранд.

**Марҳалаи 5.** Назорат. Мақсади ин марҳалаи истеҳсолот кафолат додани дурустии тайёр кардани маҳсулот ва омодагии он барои ирсол кардан ба харидор аст. Назорат пеш аз ҳама назорати сифати мол мебошад.

**Марҳалаи 6.** Бандубаст ва анборкунӣ. Агар зарурат бошад маҳсулоти тайёрро бандубаст карда, ба анбори маҳсулоти тайёр ё бевосита харидор мефиристанд.

Умуман дар нақшаи истеҳсолӣ бояд ҷанбаҳои ба қадри кофӣ ҷиддии фаъолияти корхонаи оянда инъикос гардад. Бино бар ин ба таҳлили ҷанбаҳои мазкур ҷиддӣ муносибат кардан лозим аст.

Барои мисол нақшаи истеҳсолии корхонаи мактабии «Усто»-ро меорем, ки болғаҳои бачагона месозад.

Раванди истеҳсолии сохтани болғаи бачагона марҳалаҳои зеринро дар бар мегирад:

- Овардану ба анбор гузоштани ашёи хому масолеҳ;
- Тайёр кардани ҷузъиётҳои алоҳида;
- Васл кардан;
- Ороишу пардоз: тозаю ранг кардан
- Назорати сифат;
- Анбормонӣ.

**4) Қисми мустаҳкамкунӣ**

1. Раванди истеҳсолӣ чист?
2. Раванди истеҳсолӣ аз раванди технологӣ чӣ фарқ дорад?
3. Пайдарпайии амалигардонии марҳалаҳои асосии истеҳсолотро номбар кунед.
4. Роҳҳои асосии баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва самарабахшии истеҳсолот кадомҳоанд?

**5) Супориш:**

Нақшаи истеҳсолии корхонаи худро тартиб диҳед. Дар он бояд вазифаю масъалаҳои зерин кушода дода шавад:

1. Тавсифи пурраи тамоми раванди истеҳсолӣ аз овардани ашёи хом то ба анбор ҷойгир кардани маҳсулоти тайёр.

2. Тартиб додани схемаи ҷараёнҳои истеҳсолӣ (дар шакли графикӣ бештар қобили қабул аст)

3. Нишон диҳед, ки барои корхона кадом техникаю таҷҳизот, асбобу ускуна зарур аст: чӣ ҳаст ва чиро, дар навбати аввал харидан ё иҷора гирифтан лозим аст: пули харид ё иҷора чанд сомонӣ мешавад (ниг. ҷадвали 3)

4. Кадом намуди ашёи хому масолеҳ ва чӣ қадар барои корхона зарур аст; таҳвилгари ашёи хому масолеҳ кист ва нархаш чанд сомонӣ аст? (Ниг. ҷадвали 2).

5. Агар корхона инкишоф ёбаду васеъ шавад, дар оянда кадом таҷҳизот зарур мегардад?

6. Роҳҳои ҳалли баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнатро номбар кунед.

7. Имкониятҳои истеҳсолии корхонаро зикр намоед, нишон диҳед, ки дар як рӯз, як моҳ, як сол он чанд воҳид маҳсулот истеҳсол карда метавонад?

**6) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**7) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад)*.

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи нақшаи корхонаи истеҳсолии мактабӣ маълумоти зарурӣ дода метавонад? | | | |
| Нақшаи корхонаи истеҳсолии мактабиро тартиб дода метавонад? | | | |
| Дар бораи касбҳои корхонаи истеҳсолии мактабӣ маълумоти кофӣ дода метавонад? | | | |
| Раванди корхонаи истеҳсолии мактабиро таҳлил намуда, ҳангоми ороишу пардоз қобилияти зебоипарастии эстетикии худро инкишоф дода метавонад? | | | |

**Тест**

1. Звенои асосии хоҷагии халқ гуфта чиро мефаҳмед?
а) муассисаи истеҳсолии давлатӣ;
б) ширкати масъулияташ маҳдуд;
в) ҷамъияти саҳомии кушода;
г) хоҷагии манзилию коммуналӣ.

2. Касб гуфта чиро меноманд?
а) як навъи фаъолияти меҳнатӣ;
б) тайёрии махсус;
в) ихтисои дараҷаи тайёрӣ;
г) соҳиби кор будан.

3. Усулҳои равандҳои технологиро номбар кунед.
а) усули механикӣ, химиявӣ, биологӣ, энергетикӣ;
б) усулҳои автоматӣ ва нимавтоматӣ;
а) усулҳои коркард, сохтан, тағйиротӣ, химиявӣ;
г) усулҳои ҷудогона, силсилавӣ, технологӣ, коркарди чӯб.

4. Ҳадафи меҳнат ба чанд соҳаи фаъолияти касбӣ ҷудо мешавад?
а) 5;
б) 7;

в) 9;
г) 10.

5. Зери мафҳуми мол чиро мефаҳмед?
а) маҳсулоти меҳнат, ки барои фурӯш ё мубодила пешбинӣ шудааст;
б) маҷмӯи воситаҳои техникӣ, ки мошинаҳои технологиро пешбинӣ намудааст;
в) барои гирифтани андозаи нишондиҳандаҳои муайян ва назорат пешбинӣ шудааст;
г) раванди фаъолияти касбии одам неъматҳои моддию маънавиро пешбинӣ намудааст.

6. Тиҷорат чист?
а) соҳаи иқтисодиёт, ки фурӯши молро бо роҳи хариду фурӯш амалӣ мегардонад;
б) соҳаи моддӣ-маънавӣ;
в) маҷмӯи пулҳое, ки дар ихтиёри як шахс мебошад;
г) таъмини фурӯши маҳсулоти дар оянда истеҳсолшаванда.

7. Технологияи таъсиси корхона бояд аз чанд марҳалаҳо гузарад?
а) 4;
б) 6;
в) 8;
г) 10.

8. Манбаҳои маблағгузории корхона ба чанд қисм ҷудо мешавад?
а) дохилӣ ва берунӣ;
б) давлатӣ ва коллективӣ;
в) маҳаллӣ ва вилоятӣ;
г) хориҷӣ ва ватанӣ.

9. Захираҳои истеҳсолот ба чанд намуд ҷудо мешавад?
а) табиӣ, моддӣ, меҳнатӣ, молиявӣ;
б) замин, сармоя, меҳнат, ашёи хом;
в) фоиз, музди меҳнат, сармоя;
г) таҷҳизот, дастгоҳ, компютер, воситаҳои нақлиёт.

10. Нақшаҳои истеҳсолот аз кадом марҳалаҳо иборат мебошад?
а) захиракунӣ, коркард, васл кардан, ороиш ё пардоз, назорат, баста бандӣ ва анборкунӣ;
б) тайёр кардани ҷузъҳо, таҳияи маснуот, тарроҳӣ, назорат, арра кардан;
в) васл кардан, пардоз кардан, ширеш кардан, ранг кардан;
г) баста бандӣ, назорат, тайёр кардани ҷузъҳои алоҳида, захираи ашё.

**Дарси 10.**

## БОБИ 2. АСОСҲОИ СОҲИБКОРӢ

### Мавзӯъ: Субъектҳои соҳибкорӣ, моҳият, мақсадҳо, вазифаҳо.

**Барнома**: Субъектҳои соҳибкорӣ, моҳият, мақсадҳо, вазифаҳо. Шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар бораи асосҳои соҳибкорӣ маълумоти кофӣ дода метавонад.
- Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад.
- Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи субъектҳои соҳибкорӣ, моҳият, мақсадҳо ва вазифаҳои он маълумот дода тавонад.
- Дар бораи фарқи шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ шарҳ дода тавонад.
- Дар бораи касби соҳибкор маълумоти васеъ дода тавонад.
- Ғояҳои экологӣ ва маҳсулоти тозаи экологиро таҳлил намуда, тарбияи экологии худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1). **Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1.Раванди истеҳсолӣ чист?

2.Раванди истеҳсолӣ аз раванди технологӣ чӣ фарқ дорад?

3.Пайдарпайии амалигардонии марҳалаҳои асосии истеҳсолотро номбар кунед.

4.Роҳҳои асосии баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва самарабахшии истеҳсолот кадомҳоанд?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед.

**3) Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор оид ба асосҳои соҳибкорӣ маълумот дода мешавад.

Дар олами саноату тиҷорати муосир калимаҳои «бизнесс», «соҳибкорӣ», «соҳибкор», «менеҷер», «соҳибмулк»-ро хеле бисёр истифода мебаранд. Шуғл ё машғулияти дилхоҳе дар назар аст, ки даромаду фоида меорад. Чӣ дар забони русӣ ва чӣ дар забони тоҷикӣ вожаи «бизнесс» дар забони гуфтугӯӣ хеле серистеъмол аст. Калимаи мураккаби «бизнессмен» низ дар байни аҳолӣ мавриди қабули умум гардидааст. Вале дар қонунгузориҳои Тоҷикистон мутаносибан вожаи «соҳибкорӣ» корбаст шуда, калимаи бизнесс ба назар намерасад.

Фарқи фаъолияти соҳибкорӣ аз дигар намудҳои хоҷагидорӣ, фаъолияти оид ба истеҳсолу фурӯши неъматҳои моддӣ маҳз гирифтани фоида аст. Масалан, машғул шудан дар хоҷагии ёрирасон: зироаткорӣ ё боғдорӣ низ ба мақсади истеҳсоли неъмати моддӣ сурат мегирад, лекин мақсади он истеъмоли инфиродист, на ба даст овардани фоида.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи корхонаҳо ва фаъолияти соҳибкорӣ», нишонаҳои асосии ин фаъолиятро таҳким намуда, тасдиқ мекунад, ки соҳибкор кори худро :

аввалан, аз номи худ пеш мебарад;

дуюм, таваккали кор бар зимаи ӯст;

сеюм, масъулияти амволӣ низ ба уҳдаи ӯст.

Моҳиятан, ҳар се шарт таъкид мекунанд, ки: соҳибкор дар машғул шудан ба кори худ ва гирифтани фоида аз он озод аст. Ҳамчунин ӯ дар комёб гардидану фоида гирифтан ё ноком шудану касод гардидан ва ҳатто маҳрум шудан аз амволи худ озод аст.

Қонун шарҳ медиҳад, ки субъекти дилхоҳи ҳуқуқ – чӣ шахси воқеӣ ва чӣ шахси ҳуқуқӣ ба машғул гардидан ба соҳибкорӣ ҳақ дорад.

**Шахси воқеӣ** ё симои воқеӣ – одами озоди дилхоҳ, шаҳрванди ҳамин мамлакат, хориҷӣ, ҳатто шахси бетабаъа, ки дар иқтисодиёт мустақилона амал мекунад, ҳуқуқи амалигардонии тадбирҳои хоҷагӣ, ворид шудан ба муносибатҳои хоҷагидорӣ бо дигар симоҳои физикӣ ва симоҳои ҳуқуқӣ дорад. Симои физикӣ аз номи худ амал мекунад, мисли симои ҳуқуқӣ ба ташкил ва номнавис кардани корхона, эҳтиёҷ надорад.

**Шахси ҳуқуқӣ -** ташкилот, корхона, ширкат мебошад. Он ҳамчун ҳомили ягонаи мустақили ҳуқуқ ва уҳдадориҳо баромад мекунад, номи худ, оиннома (низомнома), суроғаи ҳуқуқӣ, муҳр, суратҳисоб дар бонк дорад. Симои ҳуқуқӣ аз қайди давлатӣ мегузарад, яъне номнавис мешавад, номи ӯро дар реестри номгӯйи қайди давлатӣ сабт менамоянд.

Вожаҳои калидии соҳибкории озод – мустақилият ва ташаббускорӣ мебошад. Ин вожаҳо маънои зеринро доранд: мақомоти давлатӣ ва идоракунӣ танҳо дар доираи муқарраркардаи қонун ба фаъолияти соҳибкорӣ дахолат карда метавонанд. Фаъолияти соҳибкорӣ бидуни фармонфармоии банақшагириву маъмурии мустақим амалӣ мегардад. Фаъолияти соҳибкорӣ аз соҳибкор ташаббускории тиҷоратӣ, корчаллонӣ, қобилияти қабули қарор бо назардошти таваккал (риск)-ро тақозо мекунад.

**4) Кори амалӣ**

Иқтидори (потенсиал) худро чун соҳибкор арзёбӣ кунед.

Суолҳоро бо диққат мутолиа кунед ва дар шакли «ҳа» ва «не» ҷавоб диҳед.

1. Шумо иҷро кардани кори мураккаб, вале ҷолибро дӯст медоред?
2. Шумо ақаллан барои як сол нақшаи худтакмилдиҳӣ доред?
3. Шумо дар бораи саломатӣ ва қобилияти кориатон ғамхорӣ зоҳир мекунед?
4. Шумо ба худ эътимод ё боварӣ доред?
5. Оё шумо ҳангоми қабули қарор муносибати эҷодии шоистаро тез-тез истифода мебаред?
6. Оё шумо дар муносибат бо одамон ва рафторатон таҳаммулпазиру тағйирпазир ҳастед?
7. Барои бо одамони дигар ҳамкорӣ кардан ҷидду ҷаҳд, кӯшиш мекунед?
8. «Суботкор ва зуд мутобиқшаванда» - ин тавсифҳо характери шуморо инъикос мекунанд?
9. Шумо мунтазам кору комёбиҳоятонро арзёбӣ мекунед?
10. Оё шумо рушди соҳибкориро асоси иқтисоди мамлакат ҳисоб мекунед?
11. Оё шумо ба ин ақида ҳастед, ки соҳибкор бояд қоидаҳои амалкунандаи андозбандӣ, ҳисоб кардани музди меҳнат, пешбурди ҳуҷҷатҳои муҳосибиро донад?
12. Оё шумо ба миқдори кофӣ воситаҳои молиявӣ доред, ки корхонаи худро дар давоми соли аввали мавҷудияташ нигоҳ доред?
13. Оё шумо хусусиятҳои хоси фаъолияти соҳибкориатонро муайян кардаед?
14. Оё шумо ояндаи фаъолиятатонро возеҳ тасаввур мекунед?
15. Дар вақти қабули қарорҳои муҳим шумо бо қатъият амал мекунед?
16. Оё қавлу амали шумо як аст?
17. Оё шумо арзишҳои худро бо талаботи ахлоқ муқоиса мекунед?
18. Оё шумо ба мақолаю китобҳо дар мавзӯъҳои иқтисодӣ шавқу ҳавас доред?
19. Оё медонед, ки кадом сифатҳои шахсиятӣ сифатҳои муҳимми касбӣ ба шумор меравад?
20. Оё шумо мутмаин ҳастед, ки доштани кори худ – орзуи асосии шумост?

Ба ҳар як ҷавоби «ҳа» як балл дода мешавад.

**Калиди тест:** агар шумо 17-20 балл гиред, пас чун соҳибкор захираи ба қадри кофӣ баланд доред. 13-16 балл шоҳиди он аст, ки захираи соҳибкории шумо ба такмил эҳтиёҷ дорад. 12 балл ва аз ин камтар нишон медиҳад, ки шанси қобилияти соҳибкор шудани

шумо зиёд нест. Худро дар ҷабҳаи дигари фаъолият бисанҷед. Вале дар хотир нигоҳ доред: комёбию муваффақият танҳо насиби одамони суботкор, қатъӣ, боирода мешавад.

**5) Қисми мустаҳкамкунӣ** бо истифода аз бозии "Кроссворд" гузаронида мешавад.

Дар дарсҳои технология бозии «Кроссворд» гузаронидан мумкин аст. Вобаста ба синну соли хонандагон намудҳои гуногуни кроссвордро пешниҳод кардан мумкин аст.

**Мақсадҳои бозӣ:**

- ✓ Инкишоф додани қобилияти тафаккури мантиқӣ;
- ✓ Ташаккул ёфтани муқосакунӣ, таҳлилкунӣ;
- ✓ Инкишофи зиракии хонандагон;
- ✓ Такрори дарсҳо;
- ✓ Арзёбии дониши хонандагон.

**Қадамҳои истифода бурдани бозӣ:**

- ➢ Аз тарафи омӯзгор дар тахтаи синф ё бо воситаи проектор шакли кроссворд нишон дода мешавад;
- ➢ Тарафҳои амудӣ ва уфуқии он фаҳмонда мешавад;
- ➢ Омӯзгор саволҳои кроссвордро ба хонандагон нишон медиҳад;
- ➢ Аз тарафи омӯзгор саволҳо ба пуррагӣ фаҳмонда мешавад;
- ➢ Ба хонандагон супориш дода мешаванд, ки ҷавобҳои дурустро пешниҳод намоянд;
- ➢ Ҷавобҳои хонандагон бо ҷавобҳои дуруст муқоиса шуда, арзёбӣ карда мешаванд.

**Намуна.**

**Саволҳо:**

1. Ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар истеҳсолот.
2. Ҳаққи заҳмати шахс дар натиҷаи фаъолияти мақсаднок.
3. Молу мулк, ки дар тасарруфи касе ё идорае мебошад.
4. Мубориза барои ба даст овардани фоидаи калон ё имтиёзҳо.



**Ҷавобҳои дуруст:** 1 – инноватсия (навоварӣ), 2 – фоида, 3 – моликият, 4 – рақобат.

**Дар натиҷа хонандагон:**

- ➢ Хотираи хонандагон инкишоф меёбад;
- ➢ Маводди нав мустаҳкам мешавад;
- ➢ Муқоисакунӣ, таҳлилкунӣ, зеҳнияти қавӣ инкишоф меёбад;

**Тавсия ба омӯзгор:** Дар синфҳои 5, 6, 7аз як мавзӯъ интихоб намудани саволҳо беҳтар аст. Барои хонандагони синфҳои 8, 9, 10 кроссвордҳои мураккабтар истифода бурдан мумкин аст. Истифодаи кроссвордро дар дарс, ҳангоми такроркунии маводди омӯхташуда, ё арзёбии дониши хонандагон истифода бурдан мумкин аст.

**6). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**7). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи субъектҳои соҳибкорӣ, моҳият, мақсадҳо ва вазифаҳои он маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Дар бораи фарқи шахси воқеӣ ва ҳуқуқи мустақилона шарҳ дода метавонад? | | | |
| Дар бораи касби соҳибкор маълумоти зарурӣ дода мета-вонад? | | | |
| Ғояҳои экологӣ ва маҳсулоти тозаи экологиро таҳлил намуда, тарбияи экологии худро инкишоф дода метавонад? | | | |

**Дарси 11.**

**Мавзӯъ: Ҷомеаи меҳнатӣ. Пардохти музди меҳнат**

**Барнома**: Ҷомеаи меҳнатӣ. Пардохти музди меҳнат. Ҳифзи ҳуқуқи меҳнати коргар, ҳосилнокии меҳнат, шаклҳои пардохти музди меҳнат.

**Салоҳиятҳо**:

➢ Дар бораи асосҳои соҳибкорӣ маълумоти пурра дода метавонад.

➢ Дар доираи муаммои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.

➢ Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад.

➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи ҷомеаи меҳнатӣ ва пардохти музди меҳнат маълумоти пурра дода тавонад.
- Шаклҳои пардохти музди меҳнатро таҳлил карда тавонад.
- Дар бораи касби муҳосиб маълумоти кофӣ дода тавонад.
- Тарбияи меҳнатии худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1). **Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2). **Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Шумо зери мафҳуми «соҳибкорӣ» ва «бизнесс» чиро мефаҳмед?
2. Барои инкишофи соҳибкорӣ дар Тоҷикистон кадом шароитҳо заруранд?

3. Фаъолияти кадом соҳибкорони муосир ба шумо таъсири бештар

мерасонад?

4. Одамон кадом сифатҳои махсуси соҳибкориро доранд?

5. Онҳо дар фаъолияти худ кадом принсипҳоро ба роҳбарӣ мегиранд?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед.

**3) Шиносой бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор оид ба ҷомеаи меҳнатӣ, пардохти музди меҳнат маълумот медиҳад:

Ҷомеаи меҳнатӣ чист? Ҷамъият ин иттиҳоди ду ва ё бештар одамоне, ки мақсади умумӣ, қоидаҳою меъёрҳои муайян, сохтори ташкилии худӣ ва системаи коммуникатсия, яъне иртибот ва ҳамдигарфаҳмӣ доранд.

Дар раванди меҳнат байни коргарону кироякунандагон, ки музди меҳнати онҳоро мепардозанд, муносибат пайдо мешавад. Ин муносибатҳоро муносибатҳои меҳнатӣ меноманд. Дар бозори меҳнат қувваи корӣ моле ба ҳисоб меравад, ки онро соҳибаш, яъне коргар ба нархи муайян мефурӯшад.

Роҳбари корхона (фирма) метавонад бо коргарони алоҳида шартнома баста, дар он ҳамаи моддаҳои қарордодро қайду шартгузорӣ ва зикр намояд.

Қарордод бо коргари корхона нуктаҳои зеринро дар бар мегирад: 1. Вазифаҳои тарафайн. 2. Ҳуқуқу уҳдадориҳо. 3. Муҳлати қарордод. 4. Асос барои аз эътибор сокит кардани қарордод бо ташаббуси роҳбар ё коргар. 5. Музди меҳнат. 6. Рӯзи корӣ (аз … то …). 7. Ҳафтаи кор бо рӯзҳои истироҳат (номи рӯзҳо қайд мешавад). 8. Рухсатии ҳарсола бо идомати … рӯзи тақвимӣ. 9. Имтиёзу кафолатҳо . 10 Суғурта. 11. Ғамхорӣ дар бораи саломатӣ. 11. Ғамхорӣ дар бораи саломатӣ.

**Ҳифзи ҳуқуқи меҳнати коргар**. Ҳуқуқҳои меҳнатии одамонро қонунгузории меҳнат, ки дар он қоидаҳои пешниҳод кардани кор, киро, сабукдӯш кардан, ҳифзи меҳнат, рухсатӣ, истироҳат, ҷуброни шароити зарарноку мушкили кор, маҳдудияти идомати рӯзи кор ва ҳатмияти риояи қоидаҳои техникаи бехатарӣ пешбинӣ шудаанд, ҳифз мекунад.

**Ҳосилнокии меҳнат** қобилияти дар вақти муайян истеҳсол кардани як миқдор маҳсулот ё расонидани хизмат аз ҷониби инсон аст. Ин нишондиҳандаи самарабахшии кори корхона буда, бо миқдори маҳсулоти дар як соат, баст, моҳ, сол истеҳсолкарда ҳисоб мешавад. Он дар шакли натура ва пул муайян карда мешавад. Дар ифодаи натуравии ҳосилнокии меҳнат чун ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда, ки ба миқдори коргарони корхона тақсим карда шудааст, ё чун ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда, ки ба вақти масрафгардида тақсим шудааст, муайян карда мешавад.

**4) Истифодаи усули “Шаршара”**

Усули «Шаршара» (Каскад) барои ба қисмҳо ҷудо кардани калимаҳо, мафҳумҳо ва дар корҳои амалии фанни технология (таълими меҳнат) истифода мешавад. Онро ҳангоми таҳлил ва таҷзияи мафҳум, назарияҳо ва дар кори амалӣ истифода бурдан айни муддаост.

Мақсадҳо:

- таҳлилу таҷзия карда тавонистани калимаҳо, мафҳумҳо ва кори амалӣ;
- инкишофи малакаҳои хулосабарории дедуктивӣ (аз кулл ба ҷузъ);
- омӯхтани тарзҳои нави фаъолият.

Қадамҳо:

1. Як, ду ва се мафҳум (мавзӯъ, масъала) ё пайдарпайии кори амалиро интихоб намоед;
2. Мавзӯъ, масъала, мафҳум ва ё пайдарпайии кори амалиро дар тарафи чапи лавҳаи синф нависед;
3. Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки мавзӯъ ва пайдарпайии кори амалиро ба ду-се қисмати асосӣ ҷудо кунанд;
4. Қисматҳои асосиро пас аз мавзӯъ, масъала, мафҳум ва ё пайдарпайи кори амалиро овардашуда қайд кунед ва бо тирча алоқаманд намоед;
5. Фаслҳои асосиро боз ба қисматҳо ҷудо кунед (андешаҳо ё тартиби иҷрои кори амалиро бояд кӯтоҳ ва мухтасар шарҳ дода шаванд) ва бо тирча алоқаманд намоед;

6. Нақша шакли шаршараро мегирад.

**Намуна**:




**Таъкид:** Ҳангоми тартиб додани шаршара якчанд қисмҳои нақшаро аз як тараф ба тарафи дигар гузаронидан мумкин аст. Он барои аз нав дида баромадани ин ё он қисмат имконият медиҳад. Усули мазкурро бештар дар кори гурӯҳӣ ташкил кардан тавсия мешавад.

**Тавсия ба омӯзгор**: Усули мазкур бештар дар давраи мулоҳизаронӣ, яъне пас аз омӯхтани мавзӯи нав, барои ба ёд овардани мавзӯъ (масъала)-и омӯхташуда истифода мегардад. Шумо аз рӯйи диди худ ҷойи қисматҳоро иваз намоед, яъне қисматҳои нақшаро аз як тараф ба тарафи дигар кӯчонед. Пас аз тартиб додани нақша саволҳое ба шогирдон пешниҳод намоед, ки фикррони онҳоро инкишоф диҳад.

**5) Кори амалӣ**

1. Корхонаи (ширкати) дилхоҳи шаҳр, шаҳрак ё минтақаатонро интихоб кунед. Ҷадвали корӣ он (давомнокии рӯзи кор бо танаффуси нисфирӯзӣ, имтиёзҳои коргарон), ҳифзи меҳнати коргарони ҳамин корхонаро (ширкатро) тавсиф кунед.

2. Коргар дар як баст маҳсулоти арзишаш 30 сомониро истеҳсол кард. Ба ӯ ҳамин қадар музди меҳнат додан мумкин аст? ҷавобро шарҳ диҳед.

**6) Қисми мустаҳкамкунӣ**

1. Нишонаҳои ҷомеаи меҳнатиро номбар кунед.

2. Дар созишномаи меҳнатӣ байни коргару корфармо кадом ҳуқуқу уҳдадориҳои асосӣ бояд қайду шарт шаванд?

3. Қарордод байни кӣ баста мешавад ва он кадом пунктҳои асосиро дар бар мегирад?

4. Ба қарордод кадом шартҳои иловагиро ворид сохтан мумкин аст?

5. Ҳосилнокии меҳнати челонгар, дӯзанда, гилкор чи хел ҳисоб карда мешавад?

**7) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**8) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи ҷомеаи меҳнатӣ ва пардохти музди меҳнат маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Шаклҳои пардохти музди меҳнатро таҳлил карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касби муҳосиб маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Тарбияи меҳнатии худро инкишоф дода метавонад? | | | |

## Дарси 12
## Мавзӯъ: Арзиши аслии маҳсулот

**Барнома**: Арзиши аслии маҳсулот. Арзиши аслии коргоҳӣ. Арзиши аслии истеҳсолӣ. Арзиши аслии пурра (тиҷоратӣ)

**Салоҳиятҳо**:

- Дар бораи асосҳои соҳибкорӣ маълумоти пурра дода метавонад.
- Дар доираи муаммои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи арзиши аслии маҳсулот маълумоти пурра дода тавонад.
- Арзиши аслии маҳсулотро дар шакли формула ҳал карда тавонад.
- Дар бораи касби иқтисодчӣ маълумоти васеъ дода тавонад.
- Тарбияи сарфакорӣ ва бодиққатии худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бу-рда метавонед.

**1). Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2). Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Нишонаҳои ҷомеаи меҳнатиро номбар кунед.
2. Дар созишномаи меҳнатӣ байни коргару корфармо кадом ҳуқуқу уҳдадориҳои асосӣ бояд қайду шарт шаванд?
3. Қарордод байни кӣ баста мешавад ва он кадом пунктҳои асосиро дар бар мегирад?
4. Ба қарордод, шартнома кадом шартҳои иловагиро ворид сохтан мумкин аст?
5. Ҳосилнокии меҳнати челонгар, дӯзанда, гилкор чӣ хел ҳисоб карда мешавад?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав муаллим оид ба арзиши аслии маҳсулот маълумот дода мешавад.

Арзиши аслӣ яке аз нишондиҳандаҳои асосии самарабахшии фаъолияти хоҷагидории корхона мебошад.

Асоснокии нарх аз сифати ҳисобу китоби арзиши аслӣ вобаста аст. Арзиши аслӣ на танҳо хароҷотро ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот дар бар мегирад, балки механизми

иқтисодии ҷуброни ин хароҷотро кушода медиҳад. Вобаста ба пуррагии дохил шудани хароҷот арзиши аслиро ба коргоҳӣ, истеҳсолӣ ва пурра (тиҷоратӣ) тақсим мекунанд.

Арзиши аслии коргоҳӣ хароҷоти подразделенияи мушаххасро ба тайёр кардани маҳсулот дар бар мегирад.

Арзиши аслии истеҳсолӣ арзиши аслии коргоҳӣ ва хароҷоти умуми корхонагиро (хароҷоти пардохти музди меҳнати кормандони идора ва хизматрасон, нигоҳдорию таъмири иншооту биноҳо, хароҷоти ҳифзи меҳнат, техникаи бехатарӣ ва ғайра) дар бар мегирад.

Арзиши аслии пурра (тиҷоратӣ) аз арзиши аслии истеҳсолӣ ва хароҷоти ғайриистеҳсолотӣ (хароҷоти фурӯши маҳсулот, тайёр кардани кадрҳо ва ғайра) ташаккул меёбад.

Аз нуқтаи назари нархгузорӣ арзиши аслӣ ба инфиродӣ ва арзиши аслии зарурии ҷомеавӣ ҷудо мешавад. Арзиши аслии инфиродӣ шароитҳои мушаххаси кори корхонаро инъикос мекунад. Аз рӯйи арзиши аслии инфиродӣ баҳо додан мумкин аст, ки фондҳои асосии истеҳсолӣ, захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ то чи андоза оқилона мавриди истифода қарор мегиранд ва идоракунии корхона то кадом андоза самарабахш аст.

Ҷамъбасти маълумот дар бораи арзиши аслии инфиродии маҳсулоти мушаххас дар корхонаҳои гуногун имкон медиҳад арзиши аслии зарурии ҷомеавии ҳамин маҳсулот муайян карда шавад.

Дар намуди нисбатан содда арзиши аслии маҳсулотро дар шакли формулаи зерин ифода кардан мумкин аст.

$А=Х_м+Х_{мм}+П_{си}+П_и+П_{қк}+Х_{диг};$

дар ин ҷо $А$ – арзиши аслӣ (мол, хизмат)

$Х_м$ – хароҷоти моддӣ ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот

$Х_{мм}$ – хароҷоти музди меҳнат

$П_{си}$ – пардохти суғуртаи давлатии иҷтимоӣ

$П_и$ – пардохти истеҳлокӣ ба барқарор кардани фондҳои асосии истеҳсолӣ (истеҳлок ё амортизатсия интиқоли арзиши фондҳои асосӣ ба маҳсулоти нав сохта шуда мебошад).

$П_{қк}$ – пардохт аз рӯйи қарзҳои кӯтоҳмуҳлати бонкҳо

$Х_{диг}$ – хароҷоти дигар ба истеҳсолу фурӯши маҳсулот; аз ҷумла хароҷоти ҳамон намудҳои таъмири фондҳои асосии истеҳсолӣ

Ҳисобу китоби пардохтҳои истеҳлокии ҳар унсури техникӣ дар алоҳидагӣ ба амал бароварда мешавад. Бузургии ҷамъулҷамии он дар ҳисобу китоб ба ҳар воҳиди маҳсулоти молӣ ба хароҷоти истеҳсолот дохил карда мешавад. Баъди фурӯши мол муодили пулии он ба суратҳисоби махсуси истеҳлокӣ гузаронида мешавад, ки дар он таҷаммӯи маблағи матлуб барои иваз кардани унсури техникии истеҳсолот дар сурати фарсудашавии он ба амал меояд.

Ба таркиби арзиши аслӣ пардохтҳои зерин дар шакли пулию натура дохил карда намешаванд:

- ёрии моддӣ ба кормандони корхона;
- мукофотпулӣ аз рӯйи ҷамъбасти сол;
- пардохти рухсатиҳои иловагии бо қарори ҷамъияти меҳнатӣ (бар иловаи пешбинӣ кардаи қонунгузорӣ) ба занони кӯдаконро тарбиякунанда, иловапулӣ ба нафақаи онҳо.
- кумакпулии якдафъаина ба собиқадорони меҳнат, ки ба нафақа мебароянд;
- даромади саҳмияҳо, пардохт аз рӯйи пайҳо, баъзе пардохтҳои дигар

Ҳамаи ин пардохтҳо аз фоидае ба амал бароварда мешавад, ки баъди супурдани андозҳо дар ихтиёри корхона мемонад.

**4). Кори амалӣ**

**Масъала:**

1.Ширкат барои дӯхтани рӯйҷо 10 адад мошини дӯзандагӣ ба маблағи 20 ҳазор сомонӣ харид. Пардохти истеҳлокӣ дар як сол 14%-ро ташкил кард. Коргоҳдар ду баст кор мекунад. Ба ҳар як мошини дӯзандагӣ як коргар хизмат мерасонад. Ба 10 коргар як

нафар сардор интихоб мекунанд. Музди кори як коргар дар як моҳ 600 сом аст. Хароҷоти масолеҳ ва маводди ёрирасон барои як маҷмӯъ баробари 60 с. аст. Дар як баст коргар метавонад 3 комплект рӯйҷо дӯзад. Арзиши аслии истеҳсолии як комплекти рӯйҷоро муайян кунед, агар ҷомеаи меҳнатии коргоҳ дар як моҳ 21 рӯз кор карда бошад.

**Ҷавоб:** 70,66д.

2. Бо қарори ҷомеаи меҳнатӣ, ки аъзои он пайчиёни корхонаанд, ҳаҷми музди соатбайъ ба челонгар – созкунанда 5% зиёд карда шуд; ба кормандони ба нафақабароянда дар ҳаҷми 150%-и маош ёрдампулӣ дода шуд; ба рухсатии музднокии модароне, ки кӯдакони то 10-соларо тарбия мекунанд, 10 рӯз илова гардид; музди кори харрот зиёд карда шуд. Кадоме аз ин пардохтҳо ба ҳисоби харҷи истеҳсоли маҳсулот дохил мешаванд?

3. Барои пухтани 100 самбӯсаи карамин 500г орд, 400г. карам, ду тухм, 100г равғани рустанӣ сарф шуд. Ҳамаи маҳсулот дар бозор харида шудааст: 1кг орд 2,5с., даҳ дона тухм – 4,5с., 1кг. карам – 3с.,1 кг равғани рустанӣ -6,5с. Харҷи моддии истеҳсоли як самбӯсаро муайян кунед. Барои муайян кардани арзиши аслии пурраи як самбӯса кадом масрафҳоро ё хароҷотҳоро ҳисоб кардан лозим аст?

**Ҷавоб: 40 дирам**

5) **Қисми мустаҳкамкунӣ** бо истифодаи бозии «ҲА ё НЕ» гузаронида мешавад.

Дар қисми мустаҳкамкунии дарс аз бозии «ҲА ё НЕ» истифода мебарад. Аз тарафи омӯзгор оид ба мавзӯъ 5-10 савол тайёр карда мешавад. Ба хонандагон тақсим карда мешавад.

**Қоидаи бозӣ**-савол як маротиба хонда мешавад, ҳар як хонанда ба катак "Ҳа" ё "Не" салиб монда мешавад. Аз тарафи хонанда ё омӯзгор ҷавобҳо тафтиш карда мешавад.

Намуна:

| | 1 | 2 | 3 | **4** | 5 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳа | + | | + | + | |
| Не | | + | | | + |

1. Арзиши аслии коргоҳӣ хароҷоти бахши мушаххасро ба тайёр кардани маҳсулот дар бар мегирад?
2. Арзиши аслии маҳсулотро бе формула ҳисоб кардан мумкин аст.?
3. Воҳиди нархгузорӣ (калкулятсионӣ) ин воҳиди андозагирии худи объекти наргузорӣ аст?
4. Пардохти музди энергияи барқ 1 кВс баробар ба 20 дирам аст?
5. Асоснокии нарх аз сифати ҳисобу китоби арзиши аслӣ вобаста аст?

**6) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**7) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи арзиши аслии маҳсулот маълумоти пурра дода метавонад? | | | |
| Арзиши аслии маҳсулотро дар шакли формула ҳал карда метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Дар бораи касби иқтисодчӣ маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Тарбияи сарфакорӣ ва бодиққатии худро инкишоф дода метавонад? | | | |

## Дарси 13
## Мавзӯъ: Нархи молу хизмат

**Барнома**: Нархи молу хизмат. Ташаккулёбии нарх, стратегияи нархҳои муътадил ва стратегияи нархҳои баланд.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар бораи асосҳои соҳибкорӣ маълумоти пурра дода метавонад.
- Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад.
- Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи стратегияҳои ташаккули нарх маълумоти зарурӣ дода тавонад.
- Нархи яклухт, чакана ва фурӯши маснуотро муайян карда тавонад.
- Дар бораи касби тоҷир маълумоти мухтасар дода тавонад.
- Қобилияти сарфакорӣ ва диққаткории худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Исбот кунед, ки харҷ ба истеҳсоли маҳсулот яке аз нишондиҳандаҳои асосии самарабахшии фаъолияти хоҷагидорӣ мебошад.
2. Нақши харҷи инфиродиро дар истеҳсоли маҳсулот ҳангоми муайян кардани арзиши аслии зарурии ҷамъиятии маснуоти мушаххас нишон диҳед.
3. Барои чӣ ба таркиби харҷи истеҳсоли маҳсулот чунин нишондиҳанда, аз қабили ёрии моддӣ ба коргарони корхона дохил намешавад?
4. Сметаи хароҷот аз калкулятсия чӣ фарқ дорад?
5. Фаъолияти касбии роҳбар ба харҷи маҳсулоти истеҳсолшаванда чӣ тавр таъсир мерасонад?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед.

**3) Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор оид ба нархи молу хизмат маълумот медиҳад.

**Ташаккулёбии нарх** – яке аз масъалаҳои муҳимтаринест, ки дар назди ҳамаи соҳибкорон, чи соҳибкори навкор ва чи бизнессмени ба сатҳи муайяни фоида ноил гардидаю истеҳсолоташро васеъкунанда меистад. Вазъи корро дар бозори маҳсулоти муайян ва сатҳи даромаднокии корхонаро маҳз нарх инъикос мекунад. Агар маҳсулот бо нархи пешбинишуда ба фурӯш равад, ин чунин маъно дорад, ки стратегияи ташаккули нарх дуруст интихоб ва ҷой дар бозори маҳсулот (хизмат) саҳеҳ муайян карда шудааст.

Вобаста ба мақсадҳои ниҳоии соҳибкор истифодаи стратегияҳои зерини ташаккули нарх ба мақсад мувофиқ мебошад:

1. Стратегияи нархҳои паст – дар он мавриде истифода мешавад, ки соҳибкор бо ин роҳ қисми аз ҳама калони бозори фурӯши ҳамин мол (хизмат)-ро ишғол карданӣ бошад.

2. Стратегияи нархҳои муътадил – дар мавриде истифода мешавад, ки ширкат мехоҳад чун истеҳсолкунандаю таҳвилгари устувор обрӯю эътибор пайдо кунад. Дар натиҷаи истифода нархҳои муътадил инкишофи боэътимоду пойдори корхона ба даст меояд.

3. Стратегияи нархҳои баланд - дар мавриде истифода бурда мешавад, ки дар муҳлати кӯтоҳ ҳадди аксари фоидаро гирифтан лозим бошад. Нархи баланд ҳатто дар давраи ибтидоии инкишофи корхона (ширкат) диққати саҳҳомони эҳтимолии навро ҷалб мекунад ва соҳибкорро аз мушкилоти пардохти қарз озод менамояд.

Ба фарқи назарраси максадҳои ниҳоии ин стратегияҳои ташаккули нарх нигоҳ накарда гуфтан мумкин нест, ки яке аз онҳо саҳеҳ ва дигараш нодуруст аст. Дар ҳар мавриди муайян соҳикбор маҷбур мешавад шахсан стратегияи ягонаи танҳо барои ӯ ва ба муҳлати муайян қобили қабули ташаккули нархро интихоб кунад.

Нарх омили умдаи муфиди истеҳсолот аст. Фоида фарқи байни арзиши аслии мол ва нархи фурӯши он мебошад. Аз тарафи дигар, сатҳи фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда маҳз ба нарх марбут аст.

Барои муайян кардани нархи ҳадди ақал ба маҳсулот ҳисобу китоби ҳамаи хароҷоти умумиро ба истеҳсолу фурӯш анҷом додан лозим аст. Хароҷоти умумӣ ҳосили ҷамъи хароҷоти доимию тағйирёбанда мебошад. Хароҷоти доимӣ ҳамаи масрафҳоест, ки аз ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшаванда вобаста нест (иҷорапулӣ, пардохти хизматҳои коммуналӣ, харҷи нигоҳдории дастгоҳи маъмурию хоҷагидорӣ ва ғайра).

Механизми ташаккули нарх барои соҳибкори навкор нисбатан мураккаб аст. Ҳангоми муайян кардани нархи мол бояд ду меъёри асосиро ба роҳбарӣ гирад:

- нарх бояд хароҷоти истеҳсолот ва фурӯши маҳсулотро рӯпӯш карда, ба корхона фоида орад. Фоида дар навбати худ ба кори муназзами минбаъда, васеъ кардани истеҳсолот, пардохти даромад аз рӯйи пай ва саҳмияҳо, бо маблағ пур кардани ҳамаи фондҳои корхона (фонди таваккал, фоида ҳавасмандгардонии моддӣ ва ғайра) имкон медиҳад;

- нарх бояд мувофиқи талабот ба ҳамин мол (кор, хизмат) муқаррар карда шавад. Он бояд ба дараҷаи кофӣ тағйирпазиру устувор бошад, то ки на танҳо фоиданокии кофии корхона, балки васеъшавии эҳтимолии бозори фурӯши маҳсулотро таъмин карда тавонад.

Нарх=арзиши аслӣ=фоидаи интизорӣ ё $Н=А+Ф_и$

Нарх ин ифодаи пулии арзиши мол аст. Дар шароити муносибатҳои бозоргонӣ нарх унсури муҳимтарини робитаҳои иқтисодии байни истеҳсолкунандаю истеъмолкунанда, мутаносибии таклифу талабот мебошад. Нарх бозорро танзим мекунад. Вобаста ба талабот нисбат ба мол он баланд шуда метавонад.

**4) Кори амалӣ:**

Нархи яклухт, чакана ва фурӯши маснуотро муайян кунед, агар маълум бошад, ки арзиши аслии пурра 35с.; фоидаи интизории корхона – 25%; хироҷи аксиз – 5%; ААИ – 20%, харҷи ташкилотҳои фурӯшгар -7%, илова нарх -10% бошад. Нарх дар асоси механизми зерини ташаккули нарх муқаррар карда мешавад:

$Н_{як}=А+ф_{ин};$

$Н_{як}=А+ф_{ин}+Х_{а;}$

$Н_{ч=}Ф_{ин}+ААИ+Х_{тф}+И_т$

дар ин ҷо $Н_{як}$ – нархи яклухт;

А – арзиши аслии пурра;

$Ф_{ин}$ – фоидаи интизории корхона

$Н_ф$ – нархи фурӯш

$Х_а$ – хироҷи аксизӣ

$Н_ч$ – нархи чакана

ААИ – андози арзиши илова;

$X_{тф}$ -харҷи ташкилотҳои фурӯшгар

$И_т$ – илова нархи тиҷоратӣ

**5) Қисми мустаҳкамкунӣ**

1. «Ташаккули нарх» чист?
2. Хароҷоти доимии истеҳсолотро номбар кунед.
3. Хароҷоти тағйирёбандаии истеҳсолотро номбар кунед.
4. Кадом меъёрҳои ташаккули нархро медонед?
5. Нархи мол аз кадом унсурҳо ташаккул меёбад?
6. «Фоидаи интизорӣ» чист?
7. Ҷамъиятии нархро кӣ танзим мекунад?
8. Кадом нархҳоро шумо медонед?

**6) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**7) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад)*.

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи стратегияҳои ташаккули нарх маълумоти пурра дода метавонад? | | | |
| Нархи яклухт, чакана ва фурӯши маснуотро муайян карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касби тоҷир маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Қобилияти сарфакорӣ ва нуктасанҷии худро инкишоф дода метавонад? | | | |

## Дарси 14
## Мавзӯъ: Андозбандӣ

**Барнома**: Намудҳои андоз ва объектҳои андозбандӣ. Ба сатҳҳо тақсим кардани андоз, манбаъҳои фоида. Имтиёзҳои андози фоида. Андоз аз даромади шахсони воқеӣ.

**Салоҳиятҳо**:

➢ Дар бораи асосҳои соҳибкорӣ маълумоти пурра дода метавонад.

➢ Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад.

➢ Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад.

➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи мафҳуми андоз ва андозбандӣ маълумоти пурра дода тавонад.
- Андозбандии моддаҳои фаъолияти корхонаро муайян карда тавонад.
- Дар бораи касби соҳибкор, муҳосиб, корманди андоз маълумоти мухтасар дода тавонад.
- Дар худ хусусиятҳои бодиққатиро ташаккул дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. «Ташаккули нарх» чист?
2. Хароҷоти доимии истеҳсолотро номбар кунед.
3. Хароҷоти тағйирёбандаи истеҳсолотро номбар кунед.
4. Кадом меъёрҳои ташаккули нархро медонед?
5. Нархи мол аз кадом унсурҳо ташаккул меёбад?
6. «Фоидаи интизорӣ» чист?
7. Нархро кӣ танзим мекунад?
8. Кадом нархҳоро шумо медонед?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед.

**3) Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор оид ба андозбандӣ маълумот медиҳад.

Андоз – яке аз унсурҳои сохтории иқтисоди бозорист. Андоз (боҷ, хироҷ, дигар намудҳои пардохт) ин ҳиссаи ҳатмӣ ба буҷа ё ба фонди берун аз буҷа мебошад, ки пардохткунанда тибқи шартҳои муқарраркардаи мақомоти қонунгузорӣ амалӣ мегардонад. Маҷмӯи андозҳо системаи андозбандиро ташкил мекунад. Бароварди андоз аз ҳар гуна намуди фоида ва даромад буҷаи тамоми давлатро ба вуҷуд меорад. Буҷа ба давлат барои ҳал кардани масоили зерин зарур аст.

1. Вазифаҳои иҷтимоӣ – системаҳои маориф, ҳифзи тандурустӣ, илм, фарҳанг;
2. Барои мақсадҳои идоракунии давлат, яъне вазифаҳои фискалӣ нигоҳдории ҳукумат, артиш, милится, суд ва дигар умури зарурии идоракунӣ;
3. Барои баланд бардоштани самарабахшии хоҷагии халқ бо ёрии имтиёзҳои андозӣ: имтиёзҳои андозӣ ба он соҳибкорон, он истеҳсолоте пешкаш мегардад, ки дар ҳамин давра барои тамоми давлат аҳамияти калон доранд. Масалан, инкишофи ин ё он соҳаи кишоварзӣ ё истеҳсоли китобҳои дарсӣ барои макотиб.

Умури андоз – яке аз умурҳои асосии давлати дорои системаи бозории иқтисодиёт мебошад.

Вобаста ба он, ки принсипи таносуби даромаду андозҳо чи хел риоя мешавад ё намешавад, андозҳоро ба хелҳои зерин ҷудо мекунанд: прогрессивӣ, регрессивӣ, мутаносиб

Андозҳои прогрессивӣ (афзоянда) сатҳи аз ҳама пасти имконпазир аст, ки ба истеҳсолот ва соҳибкор барои васеъ кардани хоҷагии худ, таҷдиди он, нав кардани техника, баланд бардоштани музди меҳнати кормандон ва ба ин восита беҳтар намудани вазъи иҷтимоӣ дар мамлакат, минтақа ва ё шаҳр мусоидат мекунад.

Андозҳои регрессивӣ (коҳишёбанда) баръакс он қадар баланданд, ки барои иҷрои амалҳои мазкур имкон намедиҳанд. Дар сурати дурудароз истифода бурдан андозҳои регрессивӣ боиси касодшавии соҳибкор ва истеҳсолоти давлатӣ мегардад.

Андозҳои мутаносиб, чи тавре ки аз номаш пайдост, андозаеро муқаррар мекунанд, ки ба ҳаҷми даромади андозсупорандагон мутаносиб аст.

**4) Истифодаи усули «Намоиши кубӣ»**

Усули «Намоиши кубӣ» имкон медиҳад, ки паҳлуҳои ин ё он масъала аз назари хонандагон гузаронида шавад. Барои истифодаи ин усул бо хонандагон шакли геометрии кубро аз коғаз созед (15-20 см) ё ба хонандагон як дарс пеш барои дарси оянда сохтани шакли кубро вазифаи хонагӣ супоред.



Дар шаш паҳлуи он шаш мафҳум навишта мешавад: **тасвир, муқоиса, тасаввурот, таҳлил, истифода, далел.** Ба ҳар як мафҳум саволҳо оварда мешаванд, ки барои ҷавоби мушаххас додан ёрӣ мерасонанд.

**Мақсадҳо**:

✓ ҳаматарафа дида баромадани мавзӯъ ва ё ҳолати мушкил ё душвор;

✓ инкишофи малакаҳои таҳлил ва хулоса баровардан.

**Қадамҳои иҷро кардани ин усул:**

1. Аз рӯйи масъала/мушкилот «ангезиши зеҳн» гузаронед.
2. Савол ё масъалаҳои пешакӣ тайёркардаро пешниҳод намоед ва аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷавобҳоро нависанд. Одатан барои ҷавоб ба се саволи аввал як дақиқа кифоя аст. Барои ҷавобҳои минбаъда 2-3 дақиқа вақт додан лозим аст.
3.



**Намунаи 1. «Андоз аз даромади шахсони воқеӣ».**

Ангезиши зеҳн. Савол: Ба фикри шумо андоз чист?

Хонандагон ақидаҳояшонро менависанд. Сипас, дар паҳлуҳои куб ақидаҳояшонро мувофиқи мафҳумҳои он қайд мекунанд.

**1. Тасвир.** Андоз аз даромади шахсони воқеӣ – Яке аз унсурҳои сохтори иқтисоди бозорист.

**2. Муқоиса.** Андоз аз даромади шахсони воқеӣ ба андози арзиши иловашуда монанд нест. Андоз аз даромади шахсони воқеӣ аз ҳамон шаҳрвандони шахсони воқеӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон доимӣ ё муваққатӣ зиндагӣ мекунанд, мепардозанд. Андози арзиши иловашуда ин ситонидани фоизи муайяни афзоиши арзиш мебошад.

**3. Таассурот.** Андоз пояи давлат мебошад.

**4. Таҳлил.** Андозҳо гуногун мешаванд: андоз аз шахсони воқеӣ, андози арзиши иловашуда, андозҳои мустақим, ғайри мустақим ва ғ.

**5. Истифода.** Андозҳо ба буҷаи давлат ворид гашта, он барои пардохти музди кори коркунони буҷавӣ истифода мебаранд.

**6. Далелҳои тарафдор муқобил.** Андоз буҷаи тамоми давлатро ба вуҷуд меорад. Буҷа ба давлат барои ҳал кардани масоили зерин зарур аст:

**1.** Вазифаҳои иҷтимоӣ – системаҳои маориф, ҳифзи тандурустӣ, илм, фарҳанг

2. Барои мақсадҳои идоракунии давлат, яъне вазифаҳои фискалӣ нигоҳдории ҳукумат, артиш, милитсия, суд ва дигар умури зарурии идоракунӣ;

3. Барои баланд бардоштани самарабахшии хоҷагии халқ бо ёрии имтиёзҳои андозӣ: имтиёзҳои андозӣ ба он соҳибкорон, он истеҳсолоте пешкаш мегардад, ки дар ҳамин давра барои тамоми давлат аҳамияти калон доранд. Масалан, инкишофи ин ё он соҳаи кишоварзӣ ё истеҳсоли китобҳои дарсӣ барои макотиб.

**Дар натиҷа хонандагон:**

- ✓ масъаларо таҳлил ва баррасӣ менамоянд;
- ✓ таассуроташонро баён месозанд;
- ✓ фикрашонро исбот мекунанд;
- ✓ барои исботи фикрашон далел меоранд;
- ✓ хулоса мебароранд.

**Тавсия ба омӯзгор:** Ҳар як тарафи кубро номгузорӣ кунед. Агар хонандагон мафҳумҳои **«тасвир, муқоиса, тасаввурот, таҳлил, истифода, далел»**-ро нафаҳманд вобаста ба мақсад ва мавзӯи дарс барои ҳар як паҳлуи он саволҳои водоркунанда диҳед:

Он чӣ гуна аст? (Тасвир); Он ба чӣ монанд аст ва аз чӣ фарқ мекунад? (Муқоиса); Боз дар бораи он чӣ гуфтан мумкин аст? Онро чӣ тавр тасаввур кардан мумкин? (Таассурот); Аз чӣ иборат аст? (аз чӣ сохта шудааст?) (Таҳлил); Онро чӣ тавр истифода кардан мумкин аст? (Истфода); Ин хуб аст ё бад? (Далел).

**5) Кори амалӣ**

1. Корхона 1,3 ҳазор сомонӣ дода, дар воситаи ахбори умум реклама чоп кардааст. Андозро ба реклама муайян кунед, агар мизони андоз 3,5% аз хароҷот бошад.

2. Нишондиҳандаҳои фаъолияти корхона дар ҷадвали 5 оварда шудаанд. Ҳисобу китоби заруриро ба ҷо оварда, ҷадвалро пур кунед.

*Ҷадвали 5*

| **Моддаҳо** | **Маълумоти андозсупоранда** |
|---|---|
| 1. Пули фурӯш,в.п. | 5760 |
| 2. Даромад аз сармоягузорӣ (маблағгузорӣ), в.п. | 65 |
| 3. Даромадҳои дигар, в.п. | 3,5 |
| 4. Умуман даромади умумӣ, в.п. | |
| 5. Арзиши аслии маҳсулоти фурӯхта, в.п. | 340 |
| 6. Хароҷоти маъмурӣ, в.п. | 2,5 |
| 7. Хароҷоти фурӯши мол, в.п. | 1,5 |
| 8. Мукофотпулии кормандон, в.п. | 0,3 |

| | |
|---|---|
| 9. Пардохти фоизи қарз, в.п. | 1,2 |
| 10. Умуман хароҷот, в.п. | |
| 11. Фоидаи холис, ки то тақсими он (даромади умумӣ баъди баровардани хароҷот), бояд андозбандӣ гардад, в.п. | |
| 12. Имтиёзҳо оид ба андоз, ба истиснои фоидаи холис, ки бояд то тақсими он андозбандӣ гардад, в.п. | 10,5 |
| 13. Фоидаи холиси мавриди андозбандӣ қарор гиранда то тақсими он, в.п. (м. 11 ва м.12) | |
| 14. Мизони андоз ба фоида % | 32 |
| 15. Маблағи андоз ба фоида, в.п. (м. 13 ва м.14) | |

3. Корхонаи тиҷоратию миёнаравии «Компютор - сервис» фаъолияти соҳибкориро дар ҷодаи хариду фурӯши техникаи компютарӣ амалӣ мегардонад.

Моҳи январи соли 2009 он як даста мол ба маблағи 1,5млн.с. харида, ба маблағи 3,9 млн. с. фурӯхт. Хароҷоти марбут бо хариду фурӯш 450 ҳаз. сом.-ро ташкил кард.

Маблағи андози арзиши иловаро ва маблағи андози фоидаро муайян кунед, агар мизони ААИ аз ташкилоти миёнарав 16,67% бошад ва аз фарқи байни нархи хариди мол ва нархи фурӯши он пардохта шавад.

Фоидае, ки аз он андоз супурда мешавад, чун фарқи байни даромад аз фурӯши такрорӣ ва хароҷот муайян карда мешавад, мизони андози фоида – 45%

**6). Қисми мустаҳкамкунӣ**

1. Андозҳо бояд дорои кадом хосият бошанд?
2. Қонунгузории андоз кадом андозҳоро дар бар мегирад?
3. Шахсони воқеӣ кадом андозҳоро месупоранд?
4. Давлат барои чӣ андоз меситонад?
5. Соҳибкорон кадом андозҳоро месупоранд?
6. Маблағҳои андозсупорандагон ба куҷо сарф мешавад?
7. Назорати ситонидани андозҳоро кадом муассисаю ташкилотҳо дар уҳда доранд? Амали онҳо.

**7). Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**8). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи мафҳуми андоз ва андозбандӣ маълумоти пурра дода метавонад? | | | |
| Андозбандии моддаҳои фаъолияти корхонаро муайян карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касби соҳибкор, муҳосиб, кормади андоз маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Дар худ хусусиятҳои бодиққатиро ташаккул дода метавонад? | | | |

## Дарси 15

### Мавзӯъ: Менеҷмент дар фаолияти корхона. Маркетинг дар фаъолияти корхона

**Барнома**: Менеҷмент дар фаъолияти корхона. Менеҷмент ҳамчун илм. Маркетинг дар фаъолияти корхона. Таҳлили имкониятҳои бозор. Таҳияи комплекси (маҷмӯи) маркетинг

**Салоҳиятҳо**:

- Дар бораи асосҳои соҳибкорӣ маълумоти пурра дода метавонад.
- Дар доираи муаммои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад.
- Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи менеҷмент ва маркетинг дар фаъолияти корхона маълумоти пурра дода тавонад.
- Тести "Қобил буданатонро ба фаъолияти менеҷер санҷед" ҳал карда тавонад.
- Дар бораи касби менеҷер маълумоти васеъ дода тавонад.
- Тарбияи худидоракунӣ ва оқилона муносибати худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Андозҳо бояд дорои кадом хосият бошанд?
2. Қонунгузории андоз кадом андозҳоро дар бар мегирад?
3. Шахсони воқеӣ кадом андозҳоро месупоранд?
4. Давлат барои чӣ андоз меситонад?
5. Соҳибкорон кадом андозҳоро месупоранд?
6. Маблағҳои андозсупорандагон ба куҷо сарф мешавад?
7. Назорати ситонидани андозҳоро кадом муассисаю ташкилотҳо дар уҳда доранд? Амали онҳо.

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед.

**3) Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор оид ба менеҷмент дар фаолияти корхона, маркетинг дар фаъолияти корхона маълумот медиҳад.

Идоракунӣ ин раванди нақшагирӣ, ташкил, мотиватсия (ҳавасмандкунӣ) ва назорат мебошад, ки барои ташаккул додан ва ноил гардидан ба мақсадҳои ташкили корхона, истеҳсолот, ширкат зарур аст.

Дар бораи идоракунӣ соҳаи махсуси илм мавҷуд аст, ки менеҷмент ном дорад. Ин истилоҳ аз забони англисӣ буда, маънояш (menegment) идора кардан, ташкил кардан мебошад.

Мақсади асосии менеҷмент дар асоси амалҳои ба ҳам мувофиқа кардаи одамони зиёд ба даст овардани натиҷаи матлуб мебошад. Бино бар ин ҳар гуна идоракуниро менеҷмент номидан мумкин нест.

Менеҷмент системаи идоракунии истеҳсолот мебошад, ки бо мақсади баланд бардоштани самарабахшии он ва гирифтани фоида истифода бурда мешавад. Он, пеш аз ҳама, раванди идоракунии одамон аст, ки онҳо фаъолияти истеҳсолию иқтисодиро дар шароити бозор амалӣ мегардонанд.

Қисмҳои асосии таркибии менеҷмент:

- гузоштани мақсад (муайян кардани мақсади идоракунӣ);

- нақшагирӣ (коркарди нақшаи идоракунӣ);
- ташкилот (сохтори идоракунӣ);
- назорат (иҷрои назорати идоракунӣ);
- мотиватсия (ҳавасмандии корманди ширкат ба муваффақияти кори оғозёфта);
- коммуникатсия (муносибати байни аъзои ширкат).

Вазифаи асосии маркетинг вокуниши чандир ва доимӣ ба тағйирёбии бозор ва дар ин асос, ба тағйирёбии шароити фурӯши маҳсулот мебошад.

Стратегияи он ба звеноҳои фурӯшии истеҳсолот гузаронидани маркази идоракунӣ мебошад. Қарор дар идоракунии ширкат ва истеҳсолотро бозор илқо мекунад.

Объектҳои таҳқиқ ва таъсиррасонӣ истеъмолкунандагон ва рақибон, яъне намояндагони саноат мебошанд, ки ҳамон хел мол ё моли шабеҳ мебароранд, хамчунин характеристикаи худи мол ва конюктураи (вазъи) бозор дар ин бобат нақш мебозанд. Конюктура – ин вазъи иқтисодии бамиёномада аст: таносуби байни ҳам талаботу пешниҳодот, сатҳи нарх, захираи мол).

Маркетикунонӣ ин истифода ва ҷорӣ намудани маркетинг дар фаъолияти соҳибкорӣ аст.

Раванди идоракунии маркетинг инҳоро дар бар мегирад:
- таҳлили имкониятҳои бозор;
- интихоби бозорҳои мақсаднок ё сегментатсия (сегментикунонӣ);
- таҳияи комплекси маркетинг;
- ба амал татбиқ кардани тадбирҳои маркетингӣ

Интихоби бозорҳои мақсаднок ё сегментатсия (сегментиронӣ). Дар сурати арзёбии мусбати талаботи ҷорию оянда барои ошкор сохтани гурӯҳҳои истеъмолкунандагон ва эҳтиёҷот сегментиронии бозорро ба ҷо меоранд.

Сегментикунонии бозор ин стратегияи муайяни нисбатан оқилонатар ва бештар мутобиқ шудани истеҳсолот ва амалиёти маркетингӣ ба эҳтиёҷоти бозор ва талаботи харидорон мебошад. Он аз гурӯҳҳои алоҳидаи типии аҳолӣ иборат мебошад, ки ба мол талаботи якхела пешниҳод мекунанд ва ба реклама вокуниши якхела зоҳир менамоянд. Ҳар як чунин гурӯҳ сегменти муайяни бозорро ташкил мекунад ва бо назардошти ин нукта ин ё он сиёсати истеҳсолию фурӯшӣ татбиқ карда мешавад.

**Меъёрҳои асосии сегментикунонӣ:**
- ҷуғрофӣ (талабот ба маҳсулот дар минтақаҳои гуногун вобаста ба хусусиятҳои таърихӣ, иқлимӣ ва хусусиятҳои дигар);
- миллӣ;
- ҷинсӣ ва синнусолӣ (талаботи махсуси мардон, занон, кӯдакон);
- тафовутҳои касбӣ;
- амволӣ (фарқ дар талаботи қишрҳои аз ҷиҳати сатҳи даромаднокӣ гуногуни аҳолӣ);
- иқтисодӣ (вобастагӣ аз талаботи нарх);
- дилбастагӣ ба моли (хизмати) ҳамин ширкат.

**Таҳияи комплекси маркетинг**. Баъди интихоби сегменти бозор ширкат бояд хосиятҳои маҳсулоти ҳамаи рақибонро омӯзад ва вазъияту ҳолати мол ё хизмати худро дар бозор муайян кунад. Бо назардошти ин ширкат нақшаи маркетингро таҳия мекунад. Хеле муҳим аст, ки барномаи маркетингӣ ба сегменти худ мувофиқат кунад. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ он сегмент ояндадор ҳисоб мешавад, ки дар он тақрибан 20% харидорони ҳамин бозор, ки 80% моли ширкати эҳтимолиро мехаранд, ҷойгиранд.

**4). Истифодаи усули «МДД»**

Усули МДД (ихтисораи «Медонам», «Донистан мехоҳам», «Донистам») усули ҷустуҷӯй - тадқиқот буда, барои фаъолона ҳал карани масъалаи нав ёрӣ мерасонад.

*Ин метод барои фаҳмиши амиқи мазмун ва мундариҷаи матн бо истифода аз ММД гузаронида мешавад.*

**Мақсадҳо:**
- ✓ муайян кардани савияи дониши мавҷудаи хонандагон;
- ✓ ташаккули малакаҳои ба худ баҳо додан;
- ✓ инкишофи малакаҳои кор бо матн;
- ✓ муқоисаи донишҳои мавҷуда ва донишҳои навомӯхтаи хонандагон.

ҚАДАМҲОИ ИҶРО КАРДАНИ ИН УСУЛ:

1. Аз рӯйи мақсад ва мавзӯи дарс ангезиши зеҳн гузаронида мешавад.
2. Хонандагон он чизеро, ки дар бораи ашё, ҳодиса ва ё мафҳум медонад, дар сутуни якум менависанд.
3. Ба онҳо савол дода мешавад, ки оид ба мавзӯи дарс чиро донистан мехоҳанд ва онҳо сутуни дуюмро пур мекунанд.
4. Пас аз хондани матн ё тамошои видеои таълимӣ ба сутуни дуюм баргашта, муайян мекунем, ки хонандагон ба кадом саволҳои худ ҷавоб ёфтанд.
5. Он ҷавобҳо ба сутуни сеюм навишта мешаванд.
6. Сипас, сутуни аввал бо сутуни сеюм муқоиса ва таҳлил карда мешавад.

**Ҷараёни пур кардани ҷадвали ММД-ро ба се марҳила тақсим кардан мумкин аст:**

**Марҳалаи аввал «Медонам»**. Хонандагон он чизеро, ки дар бораи ашё, ҳодиса ва ё мафҳум медонад, навишта мешавад.




**Марҳалаи дуюм "Донистан мехоҳам"** Хонандагон он чизеро, ки дар бораи ашё, ҳодиса ва ё мафҳум донистан, ё фаҳмидан мехоҳанд навишта мешавад.



**Марҳалаи сеюм “Донистам”.** Хонандагон он чизеро, ки дар бораи ашё, ҳодиса ва ё мафҳум фаҳмиданд, навишта мешавад.




Дар марҳалаи сеюм, сутуни 1 (“Медонам”) бо сутуни 3 (“Донистам”) муқоиса карда мешавад. Яъне, хонандагон донишҳои мавҷудаи худро бо маълумотҳои нав муқоиса мекунанд.

**Намуна. Мавзӯъ**: Менеҷмент дар фаъолияти корхона.
**Савол барои ангезиши зеҳн:** *Дар бораи менеҷмент чӣ медонед?*

| *Медонам* | *Донистан мехоҳам* | *Донистам* |
|---|---|---|
| Менеҷмент аз забони англисӣ гирифта шуда, маънояш идора кардан, ташкил кардан | Асосгузори илми менеҷмент кадом олимон мебошанд? | Менеҷмент ҳамчун илм бештар аз 80 сол муқаддам дар ғарб арзи ҳастӣ намудааст. Асосгузорони ин илм олими амрикоӣ Ф. Тейлор ва олими фаронсавӣ А. Файол мебошанд. |
| | | |
| | | |

**Дар натиҷа хонандагон:**
1) аз рӯйи қисматҳои ҷадвал андешаҳояшонро таҳлил мекунанд;
2) ба саволҳо ҷавоб ҷустуҷӯ мекунанд;
3) донишҳои мавҷудаи худро бо маълумотҳои нав муқоиса мекунанд;
4) мулоҳизаҳои худро баён мекунанд;
5) бо якдигар мубоҳиса мекунанд.

**Тавсия ба омӯзгор.** Ҳангоми бори аввал гузаронидани усули «МДД» ҷадвали онро дар лавҳаи синф ё варақаи калон тасвир намоед ва бо аҳли синф якҷоя онро пур кунед. Пас аз ташаккули малакаҳои кори шогирдон бо ин усул, метавонед онро дар гурӯҳҳои хурд (дунафарӣ, сенафарӣ) татбиқ намоед.

**5). Кори амалӣ:**
1. Оид ба ҳалли яке аз масоили поён нақшаи муфассали амалиётатонро таҳия кунед:
а) Дучархаи кӯҳнаро фурӯхтан лозим;
б) юбка(доман) дӯхтан лозим

в) қабули меҳмонон дар рӯзи таваллуд

2. Тести «Қобил буданатонро ба фаъолияти менеҷер санҷед». Суолҳоро бодиққат хонед ва дар шакли «Ҳа» ва «Не» ҷавоб гардонед.

1. Оё шумо ҷидду ҷаҳд мекунед, то бо дигарон ҳамкорӣ кунед?

2. Оё шумо бо шариконатон кӯтоҳ, возеҳ ва боадабона ҳарф мезанед?

3. Агар ба ташкилот ё муассисаи ношинос занг задан лозим шавад, шумо шарму истиҳола ва беҷуръатӣ зоҳир мекунед?

4. Оё дар имиҷи шумо ва рушди мансабиатон намуди зоҳирӣ, либос, тарзи рафтор аҳамияти калон доранд?

5. Шумо бо мушкилоти ғайричашмдошт мунтазам рӯ ба рӯ мешавед?

6. Шумо мунтазам водор мешавед, ки мусолиҳаю гузашт кунед?

7. Шумо ҳангоми сӯҳбат оростан бо одамони нав, шиносон ва бегонагон қаноат ҳосил мекунед?

8. Оё шумо чунин мешуморед, ки тобеон набояд амри роҳбарро муҳокима кунанд?

9. Асоси ба зинаиояндаи мансаб баромадани шумо унсгирию мувофиқат бо роҳбаратон аст?

10. Шумо дар ҷаласаҳо уҳдабароёна раисӣ карда метавонед, ҷаласаҳоро хуб мегузаронед?

11. Оё шумо нақшаи дақиқи карйераи шахсии худро доред?

12. Оё шумо арзишҳои худ ва ташкилотро умуман муқоиса мекунед?

13. Оё шумо таъсири рушдатонро ба эътиқодатон таҳлил мекунед?

14. шумо мефаҳмед, ки чаро одамон ба кори хуб мароқ зоҳир мекунанд?

15. Оё шумо чунин ҳисоб мекунед, ки тарзи беҳтарини идора кардани одамон ба онҳо гуфтани суханоне мебошад, ки онҳо шунидан мехоҳанд?

16. Оё шумо мунтазам ба таҷрибаи нав мароқ зоҳир мекунед?

17. Оё шумо чунин мешуморед, ки агар одамонро маҷбур накунед, онҳо боисрор кор намекунанд?

18. Оё шумо чунин мешуморед, ки вазифаи шумо чун менеҷер на худ кор кардан, балки корро бо воситаи дигарон иҷро кардан аст?

19. Аксарияти одамон асосан одамони хуб ва неканд?

20. Оё шумо муътақидед, ки карйераи менеҷер кори ҷонии шумост?

тест: Ҳа – 1,2,4,7,9,10,12,13,14,16,18,19,20; Не – 3,5,6,8,15,17

Ҳар ҷавоби ба калид рост омада як балл мегирад. Натиҷаи ба даст омадаро чун ифодаи фоизии сатҳи потенсиали идоравии шумо нисбат ба сатҳе, ки ба менеҷерҳои комёб хос аст, шарҳ додан мумкин аст. Масалан, 15 ҷавоби шумо бо мифтоҳ мувофиқ омад. Онро ба 5 зарб мезанем. Потенсиали менеҷерии шумо ба 75% менеҷери муваффақ ё комгор баробар аст.

**б) Қисми мустаҳкамкунӣ**

1. Ба самарабахшии идоракунии корхона кадом омилҳо таъсир расонида метавонанд?

2. Менеҷер дар назди худ ва корхона кадом мақсадҳоро гузошта метавонад?

3. Фарқи байни менеҷменти ратсионалистӣ ва вазъиятиро шарҳ диҳед.

4. Сохтори идоракунии корхонаиояндаи худро тавсиф кунед. шумо нисбат ба он кадом талабҳоро пешниҳод мекунед?

5. Системаи коммуникатсияро дар ширкат чӣ тавр аз ҳама самарабахш ташкил кардан мумкин аст? Барои чӣ?

6. Маркетинг чист?

7. Чӣ тавр таҳлили имкониятҳои бозорӣ ба муайян кардани «ҷой» дар бозор ёрӣ мерасонад?

8. Оё ба сегментиронии бозор низ ба истеҳсолу фурӯши маҳсулот машғул шудан мумкин аст? Далел оред.

9. Ҳангоми интихоби сегментҳои мақсадноки бозор чиро ба назар гирифтан муҳим аст?

10. Бо мисолҳои мушаххас марҳалаҳои сикли ҳаётии молро шарҳ диҳед.

**7) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**8) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи менеҷмент ва маркетинг дар фаъолияти корхона маълумоти пурра дода метавонад? | | | |
| Тести “Қобил буданатонро ба фаъолияти менеҷер санҷед” ҳал карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касби менеҷер маълумот дода метавонад? | | | |
| Тарбияи худидоракунӣ ва оқилона муносибати худро инкишоф дода метавонад? | | | |

## Дарси 16
## Мавзӯъ: Фурӯши мол ва хизмат

**Барнома**: Фурӯши мол ва хизмат. Вазифаҳои фурӯши мол ва хизмат. Савдои яклухт. Савдои чакана.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар бораи асосҳои соҳибкорӣ маълумот дода метавонад.
- Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад.
- Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи фурӯши мол ва хизмат маълумот дода тавонад.
- Схемаи фурӯши молро эҷодкорона тартиб дода тавонад.
- Дар бораи касби фурӯшанда маълумоти васеъ дода тавонад.
- Тарбияи сарфакорӣ ва нуктасанҷии худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Ба самарабахшии идоракунии корхона кадом омилҳо таъсир расонида метавонанд?
2. Менеҷер дар назди худ ва корхона кадом мақсадҳоро гузошта метавонад?
3. Фарқи байни менеҷменти ратсионалистӣ ва вазъиятиро шарҳ диҳед.
4. Сохтори идоракунии корхонаиояндаи худро тавсиф кунед. Шумо нисбат ба он кадом талабҳоро пешниҳод мекунед?

5. Системаи коммуникатсияро дар ширкат чӣ тавр аз ҳама самарабахш ташкил кардан мумкин аст? Барои чӣ?

6. Маркетинг чист?

7. Чӣ тавр таҳлили имкониятҳои бозорӣ ба муайян кардани «ҷой» дар бозор ёрӣ мерасонад?

8. Оё ба сегментиронии бозор низ ба истеҳсолу фурӯши маҳсулот машғул шудан мумкин аст? Далел оред.

9. Ҳангоми интихоби сегментҳои мақсадноки бозор чиро ба назар гирифтан муҳим аст?

10. Бо мисолҳои мушаххас марҳалаҳои занҷираи ҳаётии молро шарҳ диҳед.

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед.

**3) Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор оид ба фурӯши мол ва хизмат маълумот медиҳад:

Мо ба он лаҳза расидем, ки коргоҳамон молро истеҳсол карда ё ба истеъмолкунанда хизмат расонида метавонад. Акнун дар назди мо суоли зерин меистад: мол ё хизматро чи хел фурӯхтан лозим аст ва барои ба талаботи воқеӣ табдил додани эҳтиёҷоти истеъмолкунанда чи тадбир бояд андешида шавад? Зеро истеҳсоли мол нисфи кор аст, чизи асосӣ то ба истеъмолкунанда расонидани он мебошад. Ва ин кор ба он вобаста аст, ки ҳаракати маҳсулот ба соҳаи муомилот (ҳаракати мол) то чи андоза оқилона ташкил шудааст.

Роҳи мустақим – аз истеҳсолкунанда то истеъмолкунанда бе миёнарав ҳаракат кардани мол аст. Фурӯши мол тавассути мағозаҳои худии коргоҳ, ширкат, бо почта ва ғайра сурат мегирад. Ин намуди роҳ ба таҳти назорат гирифтани тамоми раванди фурӯш ва таъмини робитаҳои зич бо истеъмолкунандагон имкон медиҳад. Вале роҳи мустақимро маъмулан истеҳсолкунандаи майда истифода мебарад, ки ӯ худаш ҳам фурӯшанда аст ё ширкате ба кор мебарад, ки тамоми хароҷоти фурӯшро рӯпӯш мекунад ва фоида мегирад.

Роҳи ғайримустақим бо истифодаи миёнаравҳои мустақил марбут аст. Мол аз истеҳсолкунанда ба миёнарав меояд ва сипас дуюмӣ инро мефурӯшад.

Меъёрҳои самарабахшии интихоби роҳҳои ҳаракати мол: суръати ҳаракати мол, сатҳи хароҷоти гардиш ва ҳаҷми фурӯши маҳсулот.

Вазифаҳои фурӯши мол ё хизматро дар марҳалаҳои гуногуни ҳаракати мол савдои яклухт ва чакана иҷро мекунад.

Савдои чакана – фаъолияти марбут ба фурӯши молу хизмат ба истеъмолкунандагони ниҳоӣ барои истифодаи шахсии онҳо. Он хеле гуногун буда, тавассути мағозаҳо амалӣ мегардад. Мағозаҳо аз рӯйи шакли моликият ва типи стратегия, маҳалли ҷойгиршавӣ, хели маҳсулот, сатҳи нарх аз ҳам фарқ мекунанд

**4) Истифодаи усули Синквейн**

Синквейн калимаи фаронсавӣ буда, маънояш 5 мисраъ аст. Синквейн – ин шеъри бе қофия буда, барои таҳлил ва хулоса кардани маълумот ёрӣ мерасонад.

*Синквейн – як намуди кори хаттӣ аст, ки барои ҷамъбасту хулосабарории мустақилонаи хонандагон мусоидат мекунад.*

Бо ёрии ин усул фикру ақидаи шахсӣ тавсиф карда мешавад. Аз рӯйи панҷ банд (унсур) хонандагон фикрашонро оид ба мавзӯъ баён карда метавонанд.

**Мақсадҳо:**

- фикру мулоҳизаҳои шахсии худро хаттӣ ифода намудан;
- таҳлил, таркиб ва хулосабарорӣ кардан;
- нутқи хаттиро инкишоф додан;
- ба мушоҳидакорӣ ва донишомӯзӣ ҳавасманд намудан.

**Қадамҳои иҷро кардани ин усул:**

1. Мавзӯъ бо як калима бояд иншо шавад (одатан исм).
2. Ифода намудани хусусияти мавзӯъ бо ду калима (ду сифат).
3. Тавсифи амал дар чорчӯбаи мавзӯъ (се феъл ва ё феъли ҳол).
4. Муносибат ба мавзӯъ (ҷумлаи иборат аз чор калима).
5. Такрори мазмуни мавзӯъ бо истифодаи як калима (муродифи мавзӯъ).

***Тарҳи синквейн чунин аст:***

**1. ________________.**
**2. ________________, ________________.**
**3. ________________, ________________, __________________.**
**4. ____________ ______________ _____________ _____________.**
**5. ________________.**

**Намуна:**
**Мавзӯъ:** Фурӯши мол ва хизмат

1. Мол.
2. яклухт ва чакана.
3. қоғазпечкунӣ, бандубаст, нигаҳдорӣ.
4. Фурӯши мол ва хизмат
5. Савдо.

**Дар натиҷа хонандагон:**

- фикру мулоҳизаҳояшонро хаттӣ ифода менамоянд;
- ба қисматҳои асосии мавод диққат доданро ёд мегиранд;
- маводди навро хубтар ба хотир мегиранд;
- маводди навро таҳлил карда, хулоса мебардоранд.

Ҳангоми навиштани синквейн диққат диҳед, чизҳои муҳими мавзӯъ қайд карда шаванд.

**Тавсия ба омӯзгор:** Ин усулро асосан дар охири дарс мегузаронанд. Ҳангоми бори аввал гузаронидани синквейн, аввал худатон тарзи навиштани онро бо якчанд намуна нишон диҳед. Ин усулро дар корҳои гурӯҳӣ ва дунафарӣ ҳам гузаронидан мумкин аст.

**5) Кори амалӣ:**

1. Ташкилоту ширкат ва корхонаҳоеро номбар кунед, ки маҳсулотро тавассути роҳҳои (роҳҳои) мустақиму ғайримустақим мефурӯшанд Хароҷоти фурӯши кадом корхонаю ширкат ва ташкилотҳо камтар аст. Чаро?

2. Ширкати дилхоҳро интихоб кунед. Схемаи фурӯши моли ширкатро тартиб диҳед.

3. Шумо соҳиби фабрикаи пойафзол мебошед, ки якчанд ҷузви том (шӯъбаи таҳвил, се коргоҳи истеҳсолӣ, ду коргоҳи ёрирасон, умури маркетинг) дорад. Роҳҳои харакати моли ин фабрикаро тартиб диҳед. Хароҷоти фурӯши маҳсулотро муайян намоед. Зимнан хароҷотро бо реклама, воситаҳои нақлёт, печонидани мол (бастабандӣ), хароҷоти пардохти музди меҳнати фурӯшгарон ва миёнравон (агар бошад) ба назар гиред.

**6) Қисми мустаҳкамкунӣ**

1. Ба назари шумо моҳияти санъати фурӯш дар чист?
2. Интихоби ин ё он роҳи ҳаракати мол аз кадом омил вобаста аст?
3. Меъёрҳои арзёбии роҳҳои ҳаракати молро шарҳ диҳед.
4. Дар мағозаи чаканафурӯшӣ яклухт фурӯхтани мол мумкин аст?
5. Истеҳсолкунанда аз фурӯши маҳсулоташ ба воситаи ташкилотҳои савдои яклухт чӣ хел фоида ба даст меорад ва кай?

**7) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**8) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед

*(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи фурӯши мол ва хизмат маълумоти пурра дода метавонад? | | | |
| Схемаи фурӯши молро тартиб дода метавонад? | | | |
| Дар бораи касби фурӯшанда маълумоти васеъ кофӣ метавонад? | | | |
| Тарбияи сарфакорӣ ва нуқтасанҷии худро инкишоф дода метавонад? | | | |

## Дарси 17
## Мавзӯъ: Реклама дар системаи соҳибкорӣ

**Барнома**: Реклама. Иттилоотӣ, боварикунонӣ ё талқинкунӣ. Матни реклама. Намуди реклама.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар бораи асосҳои соҳибкорӣ маълумоти пурра дода метавонад.
- Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад.
- Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи реклама дар системаи соҳибкорӣ маълумоти пурра дода тавонад.
- Рекламаи худро тартиб дода тавонад.
- Дар бораи касби менеҷери реклама маълумот дода тавонад.
- Қобилияти фикрронӣ ва тафаккури мантиқии худро ташаккул дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Ба назари Шумо моҳияти санъати фурӯш дар чист?
2. Интихоби ин ё он роҳи ҳаракати мол аз кадом омил вобаста аст?
3. Меъёрҳои арзёбии роҳҳои ҳаракати молро шарҳ диҳед.
4. Дар мағозаи чаканафурӯшӣ яклухт фурӯхтани мол мумкин аст?
5. Истеҳсолкунанда аз фурӯши маҳсулоташ ба воситаи ташкилотҳои савдои яклухт чи хел фоида ба даст меорад ва кай?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед.

**3) Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор оид ба реклама дар системаи соҳибкорӣ маълумот медиҳад.

**Реклама.** Ба таври кушодаю равшан бо харидорони эҳтимолӣ, истеъмолкунандагони маҳсулот ва хизмат аз ҷониби ширкат ё соҳибкори хусусӣ додани иттилоъ дар бораи

сифат, бартарияту афзалияти мол, ҳамчунин оид ба хизмату фаъолияти худи ширкат ё соҳибкори хусусӣ реклама номида мешавад.

Вижагии реклама дар он аст, ки он на бо як истеъмолкунандаи мушаххас, балки ба доираи муайян равона карда мешавад. Асосии реклама:

- **Иттилоотӣ**. Ба истеъмолкунандагон иттилоотро дар бораи моли нав, тағйирёбии нарх мерасонад, образи компанияро ташаккул медиҳад. Чунин намуди реклама асосан дар марҳалаи ба бозор баровардани мол, вақте ки вазифаи ба вуҷуд овардани талаботи ибтидоӣ ба миён гузошта мешавад, мавриди истифода қарор мегирад.

- **Боваркунонӣ ё талқинкунӣ.** Реклама ба истеъмолкунанда зарурати харидани ин ё он мол ва ё хизмати маҳз ҳамин ширкат ё тамғаро талқин мекунад. Ин реклама дар марҳалаи афзоиши мол, вақте ки дар назди ширкат вазифаи ташаккули талаботи интихобӣ меистад, аҳамияти махсус дорад.

- **Ба хотир оваранда**. Реклама ба нигоҳ доштани огоҳию бохабарӣ дар бораи мол мусоидат менамояд, ки ин мол ба ӯ зарур шудан мумкин аст ва онро дар куҷо харида метавонад. Он дар марҳалаи камолоти мол лозим аст, то истеъмолкунанда моли шуморо аз хотир фаромӯш накунад.

Марҳалаи 1 – муайян кардани мақсаду объект;

Марҳалаи 2 – таҳлили амалияи рекламавии рақибон;

Марҳалаи 3 – таҳияи муносибати умумии эҷодӣ ва ташаккули ғояи муроҷиат ба истеъмолкунандагон;

Марҳалаи 4 – коркарди худи реклама.

Матни реклама бояд назаррабою назарнамо бошад, ба тезию осон хонда шавад, зуд дар хотир монад, бо ороиш, сурат, карикатура зеб ёбад, хулласи калом мароқовар бошад. Рекламаи телевизиониро маъмулан ба тариқи мултипликатсия меофаранд ва дар вақти барномаҳои бачаҳо намоиш медиҳанд.

Инак, талаботи асосӣ ба реклама:

- мушаххас будани ҳадафу объекти реклама (адресность);
- шиоргуна будани матн;
- ҳақиқатгуна будани реклама;
- ба истеъмолкунанда расонидани он чизе, ки ӯ шунидан ё дидан мехоҳад;
- бо рекламаи маҳсулоти худ бо дили истеъмолкунандагон назадан, онро аз ҳад зиёд дилбазан накардан, дар реклама навовару ихтироъкор будан;
- дар атрофи корхона ва маснуоти он муҳити ошкорбаёнию аёнияти васеъ ба вуҷуд овардан;
- рекламаро то он даме, ки ба пурра ба охир расонидани имкониятҳои он боварӣ ҳосил намекунед, нагиред;
- ба интихоби воситаҳои реклама бо ниҳояти масъулиятшиносӣ муносибат кардан. Ба воситаҳои реклама дохил мешавад: садо, симо, рӯзнома, маҷалла, воситаҳои мутаҳаррик, сипаровезаҳо ва ғайра. Ҳомилони реклама кинотеатрҳо, варзишгоҳҳо, девори биноҳо, автобусҳо ва ғайраю ва ҳоказо шуда метавонанд.

Дар бизнесси муосир реклама яке аз силоҳҳои пуриқтидори маркетинг мебошад. Таблиғот – паҳн кардани мақсадноки маълумот (иттилоот) дар бораи хосиятҳои истеъмолии мол ё хизмат ба мақсади фурӯши он мебошад.

**4) Истифодаи бозии «Рекламаи кӣ беҳтар аст ?»**

**Рекламаи шифоҳӣ**

Иштироккунандагони бозӣ ба 3-4 тим (команда) ҷудо мешаванд. Ҳар тим гунаи шифоҳӣ ё хаттии (хаттиаш мақбултар аст) баромади рекламавии худро таркиб медиҳад. Сипас тимҳо ба баромад тайёрӣ мебинанд, имою ишора ва қиёфасозиҳоро машқу тамрин менамоянд.

Баъд ҳар як тим дар назди комиссияи экспертӣ рекламаи шифоҳии худро намоиш медиҳанд. Агар иштироккунандагони тим намоишашонро чун актерҳои ҳақиқӣ ба маърази тамошо гузошта натавонанд, бо қироати он иктифо варзидан мумкин аст. Дар ин

маврид комиссияи экспертӣ худи матн, мухтавои он, мувофиқати онро бо талаботи нисбат ба рекламаи шифоҳӣ пешниҳодшаванда арзёбӣ мекунад.

Агар тим ба намоиш додани рекламааш омода бошад, комиссияи экспертӣ на танҳо сифати матн, балки маҳорати истифодаи овоз, имою ишорат, қиёфасозиро низ арзёбӣ мекунад.

Вижагии рекламаи нутқӣ дар он аст, ки қариб ба истифодаи маводди ёрирасон (коғаз, ранг, фломастер ва ғайра) эҳтиёҷ надорад.

Вазифаи асосии тимҳо дар он аст, ки танҳо ба воситаи овоз, имою ишора, қиёфасозӣ диққати харидорро ба моли худ ҷалб кунанд.

Ба сифати харидори эҳтимолӣ худи аъзои ҳакамон баромад мекунанд ва дар ниҳоят он гурӯҳеро интихоб менамояд, ки диққати онҳоро чун харидор ба маҳсулоташ чалб карда тавонист.

Рекламаи хаттӣ

Тамғаҳои молиатонро барои чунин ширкатҳо тайёр кунед:

1. Шабакаи ағзияфурӯшӣ (закусочная)
2. Ширкате, ки лавозимоти футболбозӣ истеҳсол мекунад
3. Ширкати компютерӣ
4. Компанияи ҳавопаймоӣ

Дар давоми 5-10 дақиқа барои молу хизматҳои зерин реклама фикр карда нависед ё расмашро кашед:

1. Хамираи дандон
2. Саёҳат дар баҳри Миёназамин
3. Бонки тиҷоратӣ

**5) Қисми мустаҳкамкунӣ**

1. Вазифаи асосии реклама дар бораи мол иттилоъ додан ба истеъмолкунанда аст. Ин иддао дуруст аст ё на?

2. Усулҳои аз ҳама паҳншудаеро, ки дар реклама истифода мешавад, тавсиф диҳед.

3. Чӣ кор бояд кард, ки аз рекламаи бадсифат зарар набинем?

4. Дар низоми соҳибкорӣ реклама кадом нақшро мебозад? Ҷавобатонро бо мисолҳо шарҳ диҳед.

**6) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**7) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи реклама дар системаи соҳибкорӣ маълумоти пурра дода метавонад? | | | |
| Рекламаи худро тартиб дода метавонад? | | | |
| Дар бораи касби менеҷери реклама маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Қобилияти фикрронӣ ва тафаккури мантиқии худро ташаккул дода метавонад? | | | |

## Дарси 18

## Мавзӯъ: Банақшагирии фаъолияти соҳибкорӣ

**Барнома**: Бизнесс - нақша. Банақшагирии фаъолияти соҳибкорӣ. Симои воқеӣ ё ҳуқуқӣ.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар бораи асосҳои соҳибкорӣ маълумоти пурра дода метавонад.

➢ Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад.

➢ Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад.

➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Оид ба банақшагирии фаъолияти соҳибкорӣ маълумот дода тавонад.
- Фаъолияти соҳибкории худро ба нақша гирифта тавонад
- Дар бораи касби тоҷир маълумоти кофӣ дода тавонад.
- Ҳангоми таҳияи бизнесс – нақша бодиққатӣ ва заковати худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Вазифаи асосии реклама дар бораи мол иттилоъ додан ба истеъмолкунанда аст. Ин иддао дуруст аст ё на?
2. Усулҳои аз ҳама паҳншудаеро ки дар реклама истифода мешавад, тавсиф диҳед.
3. Чӣ кор бояд кард, ки аз рекламаи сифаташ паст зарар набинем?
4. Дар низоми соҳибкорӣ реклама кадом нақшро мебозад? Ҷавобатонро бо мисолҳо шарҳ диҳед.

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед.

**3) Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор оид ба банақшагирии фаъолияти соҳибкорӣ маълумот медиҳад:

Идеяи аҷиб ва ҷолиби диққати нави соҳибкор мумкин аст дар соҳаи дилхоҳ, аз ҷумла худи истеҳсолот, талаботи бозор ё робитаҳои шарикӣ ба миён ояд. Баъди ба миён омадани ё идеяи нав тадриҷан тамоми ҷабҳаҳои истеҳсоликорхона тағйир медиҳад.

На ҳар як соҳибкор барои иҷрои нақшаҳои мазкур ба қадри кофӣ сармоя дорад. Бино бар ин тахти замонати маҳсулоти оянда, ки мувофиқи нақша бояд ба фалон нишондиҳанда расад, қарз гирифтан лозим аст.

Бо маблағи инвеститсия соҳибкор саҳмия мебарорад, ки онҳо ё ба фурӯши озод баровaрда мешаванд ё тибқи манфиатдор тақсим карда мешаванд.

Таҳияи бизнесс-нақшаро метавонад вазъиятҳои дигар талаб кунанд, аз ҷумла:

- тайёр кардани дархостҳои ширкатҳои хусусӣ ва тиҷоратии мавҷуда ва таъсисёбанда ба гирифтани қарз;
- асосноккунии пешниҳодҳо оид ба ғайридавлатӣ гардонидани корхонаҳои давлатӣ;
- кушодани кори нав ва муайян кардани соҳаи ширкати оянда ва самтҳои асосии фаъолияти тиҷоратии он;
- дигар кардани соҳаи ширкати мавҷуда ва интихоби намудҳо, самтҳо ва усулҳои нави татбиқи амалиёти тиҷоратӣ;
- таҳияи лоиҳаи эмиссияи коғазҳои қиматноки (саҳмия ва вомбарг) ширкатҳои ғайридавлатишаванда ва хусусӣ;
- баромад ба бозори беруна ва ҷалби инвеститсияи хориҷӣ

Бизнесс-нақша ҳуҷҷатест, ки асосноккунии қадамҳои асосиро дарбар мегирад, ки амалӣ гардонидани онҳо барои татбиқи ягон лоиҳаи тиҷоратӣ ва ё сохтани фирмаи нав пешбинӣ шудааст.

Мақсади таҳияи бизнесс-нақша кашидани нақшаи фаъолияти хоҷагидории ширкат дарояндаи наздик ва дур тибқи талаботи бозор ва имконияти гирифтани захираҳои зарурӣ (инвеститсияҳо) мебошад.

Бизнесс-нақша ба сохибкор ба ҳалли вазифаҳои асосии зерин ёрӣ мерасонад:

- муайян кардани самтҳои мушаххаси фаъолияти ширкат, бозорҳои мақсаднок ва ҷойи фирма дар ин бозорҳо;
- баён кардани мақсадҳои дарозмӯҳлату кӯтоҳмӯҳлати ширкат, стратегия ва тактикаи ноил гардидан ба онҳо. Муайян кардани ашхосе, ки ба татбиқи ҳар як стратегия масъуланд;
- интихоби ҳайат ва муайян кардани нишондиҳандаҳои молу хизматҳое, ки фирма ба истеъмолкунандагон пешниҳод мекунад. Арзёбии хароҷоти истеҳсолию тиҷоратӣ ҳангоми сохтан ва фурӯхтани онҳо;
- арзёбии мутобиқати кадрҳои ширкат ва шартҳои таҳрики меҳнати онҳо ба талабот оид ба ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда;
- муайян кардани ҳайати тадбирҳои маркетингии ширкат оид ба омӯзиши бозор, реклама, ҳавасмандгардонии фурӯш, ташаккули нарх, роҳҳои фурӯш ва ҳоказо.
- арзёбӣ кардани вазъи моддию молиявии ширкат ва мутобиқати захираҳои молиявию моддӣ барои ноил гардидан ба мақсадҳои гузошта;
- пешбинӣ кардани мушкилот, маҷроҳои зериобӣ, ки ба иҷрои бизнесс-нақша халал мерасонанд.

**4) Истифодаи усули “Чархофалаки ақидаҳо”**

Усули “Чархофалаки ақидаҳо” барои ташаккул додани сифатҳои таҳлилӣ ва ҷустуҷӯии хонандагон ёрӣ мерасонад. Хонандагон пешниҳодҳои худро баён карда метавонанд, ки дар натиҷа нутқи онҳо инкишоф меёбад.

**Мақсади усул:**

- ✓ Инкишоф додани тафаккури мантиқӣ;
- ✓ Мустаҳкамкунии хотира
- ✓ Мустаҳкам кардани донишҳо оид ба мавзуҳои нав
- ✓ Бедор намудани шавқ оид ба муаммоҳои иқтисодии оила
- ✓ Ташаккул додани завқи ҷустуҷӯ намуда ёфтан

**Қадамҳои истифодаи бозӣ:**

1. Омӯзгор хонандагони синфро ба чор зергурӯҳи 4-5 нафара тақсим карда, ба ҳар як зергурӯҳ хонандаи беҳтаринро ҳамчун сардор таъйин мекунад.
2. Ба ҳар як аъзои зергурӯҳ варақаи тоза тақсим карда мешавад ва ҳамаи аъзоёни зергурӯҳ як савол дода мешавад. Ҳамаи иштирокчиёни зергурӯҳ бидуни маслиҳат бо ҳамдигар ақидаҳои худро нисбати саволи пешниҳодшуда ба варақа менависанд.
3. Варақаҳо бо навиштаҷот дар меъёри муайяни вақт аз рӯйи ақрабаки соат ва аз рӯйи давра ба зергурӯҳҳои ҳамсоя дода мешавад. Ҳангоми гирифтани варақа бо навиштаҷоти ақидаҳо, ҳар як иштирокчӣ бояд нисбат ба навиштаҷоти мавҷудбуда ақидаи худро такрор накарда иншо кунад. Фаъолият ҳамон вақт ба итмом мерасад, ки ба ҳар як иштирокчии зергурӯҳ варақаи худ давр гашта ояд. Дар ин давра ақидаҳои иншошуда таҳлил ва баҳодиҳӣ карда мешаванд.
4. Дар ҳар як зергурӯҳ мубоҳисаи ақидаҳои дигар иштирокчиён, ки дар он рӯйхати ҷамъбасти ақидаҳои асосӣ ва актуалии пешниҳодшударо мубоҳиса менамоянд.
5. Додугирифти натиҷаҳои ақидаҳои коркардшуда. Ҳамаи зергурӯҳҳо бо навбат рӯйхати ақидаҳои ҷамъбастиро пешниҳод мекунанд. Агар дар навиштаҷотҳо норозигии

дигар зергурӯҳҳо дучор нашаванд, онҳо ба ҷамъбасти ақидаҳои ниҳоӣ дохил карда мешаванд.

**Намуна:**

Аз тарафи омӯзгор муаммо гузошта мешавад: *“Фаслҳои бизнесс - нақшаро номбар кунед?”*

Иштирокчиёни зергурӯҳҳо *(омӯзгор хонандагонро ба чор зергурӯҳ тақсим мекунад)* ба саволи гузошташуда, ақидаҳои худро бе такрор кардани пайдарҳамӣ иншо мекунанд.

Масъалан:

1. Резюме (мақсаду вазифаҳои ташаббуси Шумо).
2. Маълумот дар бораи ширкат (корхона) дар кадом соҳа он фаъолият мекунад.
3. Маҳсулот, хизматрасонӣ.
4. Бозорҳо
5. Маркетинг.
6. Нақшаи истеҳсолот.

Ҳамаи сардорони зергурӯҳҳо бо навбат рӯйхати ақидаҳои ҷамъбастиро пешниҳод мекунанд. Агар навиштаҷотҳо норозигии дигар зергурӯҳҳо дучор нашавад, онҳо ба ҷамъбасти ақидаҳои ниҳоӣ дохил карда мешаванд.

**Дар натиҷа хонандагон:**

- ❖ Қобилияти дар гурӯҳ кор кардани худро инкишоф медиҳанд;
- ❖ Ақидаҳои худро мустақилона иншо мекунанд;
- ❖ донишҳои мавҷудаашонро мустаҳкам мекунанд;
- ❖ дар гурӯҳ кор карда, фикри якдигарро гӯш мекунанд;
- ❖ бо ҳамдигар мубоҳиса менамоянд.

**Тавсия ба омӯзгор:** Ин усулро дар шакли бозӣ ё мусобиқа низ гузаронидан мумкин аст. Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, барои ҳар як ҷавоби дуруст холгузорӣ кунед. Гурӯҳе, ки соҳиби холҳои зиёд мегардад, ғолиб мебарояд. Ҳангоми дар шакли бозӣ, ё мусобиқа гузаронидани ин усул, хонандагони фаъолро ба зергурӯҳҳо баробар тақсим намоед. Ин усулро дар лаҳзаи мустаҳкамкунии мавзӯи нав гузаронидан мувофиқи мақсад аст.

**5) Кори амалӣ**

Дар поён бизнесс-нақшаи намунавии компанияи талабаҳо оварда шудааст. Дар мисоли ин бизнесс-нақша дар дафтаратон фаслҳои асосии бизнесс-нақшаро бо тавсифи мухтасари онҳо барои идеяҳои зерин таҳия кунед. Ҷадвали 8 истифода баред.

| Ташкили ателйе барои дӯхтани нимтанаҳои кӯдакона | Ташкили маҳфили дӯзандагӣ | Ташкили намоиши маснуоти эҷодкории амалӣ |
|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** |
| 1.<br>2.<br>3. | | |

**6). Қисми мустаҳкамкунӣ**

1. Фаслҳои асосии бизнесс-нақшаатонро номбар кунед. Оё ба назари Шумо онҳо ба мақсад мувофиқ ҳастанд?

2. Тавсифи нақшаи маркетинг дар бизнесс-нақша барои чӣ истифода мешавад?

3. Қисмҳои асосии ҳисоботи молиявиро номбар кунед.

4. Бизнесс-нақша чӣ гуна ҳуҷҷат аст?

**7) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**8) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад)*.

| **Фаъолият** | **метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Оид ба банақшагирии фаъолияти соҳибкорӣ маълумоти мухтасар дода метавонад? | | | |
| Фаъолияти соҳибкории худро ба нақша гирифта метавонад? | | | |
| Дар бораи касби тоҷир маълумот дода метавонад? | | | |
| Ҳангоми таҳияи бизнесс нақша таваҷҷуҳ ва дурнамои онро вусъат дода метавонад? | | | |

## Дарси 19

### Мавзӯъ: Бизнесс – нақшаи ширкати талабагон “Чевар”

**Барнома**: Бизнесс – нақша. Пайдарпайии тартиб додани бизнесс – нақша.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар бораи асосҳои соҳибкорӣ маълумот дода метавонад.
- Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад.
- Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи бизнесс – нақшаи худ маълумот дода тавонад.
- Мустақилона бизнесс - нақшаи худро таҳия карда тавонад.
- Дар бораи касби соҳибкор маълумоти васеъ дода тавонад.
- Қобилияти математикии худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Фаслҳои асосии бизнесс-нақшаатонро номбар кунед. Оё ба назари шумо онҳо ба мақсад мувофиқ ҳастанд?

2. Тавсифи нақшаи маркетинг дар бизнесс-нақша барои чӣ истифода мешавад?

3. Қисмҳои асосии ҳисоботи молиявиро номбар кунед.

4. Бизнесс-нақша чӣ гуна ҳуҷҷат аст?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед.

**3) Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор оид ба бизнесс – нақшаи ширкати талабагон “Чевар” маълумот медиҳад:

Алҳол дар байни аҳолӣ талабот ба маҳсулоти аз матоъҳои мӯднок, аз қабили шоҳии «вареный» хеле серхаридор аст. Азбаски дар бозор либосҳои нисбатан қимати аз хориҷа овардаро пешниҳод мекунанд ва айни замон на ҳамеша маҳсулоти хориҷӣ хушсифатанд, мо умедворем маҳсулоти мо дар мавсими баҳору тобистон харидори худро меёбад, яъне талабот ба он пайдо мешавад.

Истеҳсоли шим ва шимча (бермуди) аз матоъҳои нави мӯднок пешниҳод карда мешавад. Гуфтан лозим аст, ки мӯд алҳол нисбатан демократӣ аст, ба он маъно, ки маҳсулоти моро одамони синну солашон гуногун метавонанд пӯшанд. Гуногунии моделҳо бошад, имкон медиҳад либоси мо ба одамони ҷисмашон ғайристандартӣ низ мувофиқ ояд. Ҳангоми интихоби матоъ мо ба ҷиҳатҳои зерини он диққати махсус медиҳем: матоъ бояд чиркбардор бошад, тез ғиҷим нашавад, шустанаш душвор набошад, дарзмолаш низ осон бошад.

Барои муайян кардани нархи маҳсулот хароҷотеро, ки ба истеҳсоли он зарур аст, ҳисобу китоб карда мешавад.

Маҳсулотро хонандагоне медӯзанд, ки аъзои ширкати «Чевар»-анд. Дар истеҳсол ва фурӯши ин маҳсулот рақибони асосии мо корхонаҳои хурди либосдӯзӣ (дӯзандагӣ) мебошанд. Вале онҳо ба умеди фоидаи зиёд шуда, нархи ин маҳсулотро хеле боло мебардоранд. Дар бозор аз одамоне, ки ба хориҷа рафтуо доранд, ҳамин молро бо нархи нисбатан арзон дастрас кардан мумкин аст, вале ба сифати он касе кафолат намедиҳад. Мо умедворем, ки маҳсулотамон ҳамеша махсусан дар тобистон серхаридор мемонад.

Молҳое, ки устохонаҳои таълимию истеҳсолӣ тайёр мекунанд ва мефурӯшанд, аз андози арзиши илова озод карда мешаванд, ба шарте ки даромади аз ин фаъолият ба даст омада бевосита ба эҳтиёҷоти таъмин, инкишоф ва такмили раванди таълим равона карда шавад.

Ҳаҷми фурӯши маҳсулот на танҳо аз зарфияти бозор, балки аз иқтидори истеҳсолии устохонаҳои таълимӣ вобаста аст. Аввалан, вақти талабаҳо хеле маҳдуд аст: дуюм, иқтидори истеҳсолии устохонаҳои таълимӣ ба беохир васеъ кардани истеҳсолот имкон намедиҳад; сеюм, мӯди ҳақиқӣ бо вуҷуди демократӣ будан, мунтазам тағйир меёбад. Бино бар ин тағйирёбии мӯдро ба диққат мушоҳида карда, ба ҳар мавсим моделҳои нав ба навро пешкаш намудан лозим аст.

**5) Қисми мустаҳкамкунӣ**

1. Бо кадом мақсад бизнесс-нақшаи ширкати талабагон “Чевар” тартиб дода шудааст?

2. Имкони гуногунии моделҳо дар чист?

3. Барои дӯхтани як шим кадом хароҷотҳоро бояд ба назар гирифт?

4. Дар истеҳсол ва фурӯши маҳсулот рақибони асосии ширкати талабагон “Чевар” киҳо ба ҳисоб меравад?

**6) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳад.**

**7) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи бизнесс – нақшаи худ маълумоти пурра дода метавонад? | | | |
| Мустақилона бизнесс - нақшаи худро таҳия карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касби соҳибкор маълумоти мухтасар дода метавонад? | | | |
| Қобилияти математикии худро инкишоф дода метавонад? | | | |

## Дарси 20
### Мавзӯъ: Лоиҳаи эҷодӣ "Кори мустақилонаи ман"

**Барнома**: Асоснокkунии лоиҳа. Соҳаҳои базавии истеҳсоли мол. Доираи хизматҳо. Шаклҳои имконпазири молҳои истеъмоли халқ. Нуқтаҳои гуногуни бозори фурӯш.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар бораи асосҳои соҳибкорӣ маълумоти пурра дода метавонад.
- Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад.
- Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад.
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи лоиҳаи эҷодии худ маълумот дода тавонад.
- Мустақилона лоиҳаи эҷодии худро таҳия карда тавонад.
- Дар бораи касби соҳибкор маълумоти васеъ дода тавонад.
- Қобилияти сермаҳсулӣ ва иқтисодонии худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Бо кадом мақсад бизнесс-нақшаи ширкати талабагон "Чевар" тартиб дода шудааст?
2. Имконияти гуногунии моделҳо дар чист?
3. Барои дӯхтани як шим кадом хароҷотҳоро бояд ба назар гирифт?
4. Дар истеҳсол ва фурӯши маҳсулот рақибони асосии ширкати талабагон "Чевар" киҳо ба ҳисоб меравад?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед.

**3) Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор оид ба лоиҳаи эҷодӣ маълумот медиҳад:

**Соҳаҳои базавии истеҳсоли мол**




**Доираи хизматҳо**




**Шаклҳои имконпазири молҳои истеъмоли халқ**



**Нуқтаҳои гуногуни бозори фурӯш**




**4) Қисми мустаҳкамкунӣ** бо истифода аз усули “Ангезиши зеҳн” мувофиқи мақсад аст.

Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон мурочиат кунед:

**Савол**: *Оё шумоён дар бораи лоиҳаи эҷодӣ маълумот доред?*

Фарз кардем хонандагон чунин фикру ақидаҳоро пешниҳод менамоянд:

- *доираи хизматҳо;*
- *фаъолияти соҳибкорӣ;*
- *истеҳсоли мол;*
- *бозори фурӯш;*
- *амалиётҳои аз ҷониби шахс бо тартиби муайян асоснок шуда, сохта мешаванд;*
- *ширкати масъулияташ номаҳдуд;*
- *ҷамъияти саҳҳомӣ ва ғайра.*

Ин ақидаҳоро бе ягон шарҳ дар тахтаи синф ё дар қоғаз навишта мешаванд. Сипас, ҳар як ақида аз тарафи хонандагон шарҳ дода мешавад.

Қайд кардан зарур аст, ки омӯзгор андешаҳои хонандагонро бояд қадр кунад. Ақидаҳо инкор ё танқид карда нашаванд. Кор то замоне идома меёбад, ки фикру мулоҳизаҳо пурра шунида шаванд. Фикру мулоҳизаҳои пешниҳодшуда аввал қайд, сипас муҳокима ва таҳрир мешаванд. Омӯзгор ба фикру мулоҳизаҳои беҳтарин такя карда, онҳоро бо мавзӯъ ҳамроҳ намуда, ба қисми асосии дарс мегузарад.

**5) Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**6) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи лоиҳаи худ маълумоти пурра дода метавонад? | | | |
| Мустақилона лоиҳаи эҷодии худро таҳия карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касби соҳибкор маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Қобилияти сермаҳсулӣ ва иқтисоддонии худро инкишоф дода метавонад? | | | |

*Эзоҳ: Бизнесс – нақшаи “Кори худи ман” саҳ 118 то 128 дар китоби дарсӣ барои кори мустақилонаи хонандагон пешниҳод карда мешавад.*

**Тест**

1. Соҳибкорӣ чист?
а) шакли фаъолият дар соҳаи истеҳсолии мол бо мақсади гирифтани фоида мебошад;
б) шакли фаъолият дар соҳаи хоҷагидорӣ ё тиҷоратӣ;
в) ширкати тиҷоратӣ ё кишоварзӣ ӯро самарабахш карда метавонад;
г) ташаббускорӣ, уҳдаборой, омодагӣ ва таваккал кардан, ба зимма гирифтани масъулияти амалии худ.

2. Бизнесс чист?
а) калимаи бизнесс (business) дар забони англисӣ “шуғл” “машғулият” мебошад;
б) калимаи англисӣ буда, бизнесс (business) бозор мебошад;
в) маънои калимаи бизнесс савдои яклухт мебошад;
г) аз забони лотинӣ гирифта шуда, маънояш бизнесс (business) бозор мебошад.

3. Ҳосилнокии меҳнат гуфта чиро мефаҳмед?
а) миқдори маҳсулот, ки дар як воҳиди вақти кор истеҳсол шудааст;
б) хароҷоте, ки бо пардохти музди меҳнати агентҳои тиҷоратӣ вобаста аст;
в) шакли беҳтарини ҳалли ихтилофоти меҳнатӣ мебошад;
г) беҳтар кардани сифати маҳсулоти истеҳсолшаванда ва беҳтар кардани нишондиҳандаҳои сифати кор.

4. Арзиши аслии маҳсулот чист?
а) дар шакли пул ифода кардани хароҷоти ҷории корхона ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот;
б) асоснокии нарх аз сифати ҳисобу китоби арзиши аслии вобаста;
в) пардохти суғуртаи давлатии иҷтимоӣ;
г) хароҷоти истеҳсоли мол ба фурӯши истеҳсолот.

5. Нархи инҳисори (монополӣ) аз тарафи кӣ муқарар карда мешавад?
а) иттиҳоди монополӣ;
б) иттиҳоди собиқ Шӯравӣ;
в) иттиҳоди ягона;
г) муносибати бозорӣ.

6. Мафҳуми андоз чист?
а) боҷ, хироҷ, дигар намуди пардохт;
б) харид, фурӯш, мубодила;
в) савдо, пардохт, пешпардохт;
г) прогрессивӣ, регрессивӣ, мутаносибӣ.

7. Аз рӯйи сатҳ андоз ба чанд гурӯҳ ҷудо мешавад?
а) ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва маҳаллӣ;
б) маҳаллӣ, хориҷӣ, берунӣ;
в) шаҳрӣ, гурӯҳи, коллективӣ;
г) ватанӣ, хориҷӣ, вилоятӣ.

8. Мафҳуми менеҷментро чӣ хел дарк кардан мумкин аст?
а) идора кардан, ташкил кардан;
б) мубодила кардан, истеҳсол кардан;

в) вобаста намудан, идора кардан;
г) фаъолият бурдан, ташкил кардан.
9. Маънои калимаи маркетинг
а) market-англисӣ, маънояш бозор;
б) market-тоҷикӣ, маънояш давлат;
в) market-немисӣ, маънояш ширкат;
г) market-фаронсавӣ, маънояш иттиҳодия.

10. Роҳи мустақим чист?
а) аз истеҳсолкунанда то истеъмолкунанда бе миёнарав ҳаракат кардани мол аст;
б) аз истеъмолкунанда то истеҳсолкунанда бе миёнарав ҳаракат кардани мол аст;
в) аз истеҳсолкунанда то истеъмолкунанда бо миёнарав ҳаракат кардани мол аст;
г) аз истеъмолкунанда бе миёнарав ҳаракат кардани мол аст.

## БОБИ 3. СИСТЕМАИ КАСБИНТИХОБКУНӢ

### Дарси 21.

### Мавзӯъ: Маърифати (маълумотдиҳии) касбӣ. Маърифати касбӣ дар чорабиниҳои беруназсинфӣ

**Барнома**: Шаклҳои касбинтихобкунии хонандагон. Предмети меҳнат. Системаи касбинтихобкунии ҷавонон

**Салоҳиятҳо**:

- Системаи касбинтихобкунӣ ва худмуайянкунии касбии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад;
- Дар доираи муаммои васеъ ғояи навро эҷод карда метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи маърифати касбӣ ва гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ маълумот дода тавонад.
- Аз рӯйи предмети меҳнат касбро тасниф карда тавонад.
- Ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ қобилияти ташкилотчигии худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1. **Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2. **Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Фаслҳои асосии бизнесс-нақшаатонро номбар кунед. Оё ба назари шумо онҳо ба мақсад мувофиқ ҳастанд?

2. Тавсифи нақшаи маркетинг дар бизнесс-нақша барои чӣ истифода мешавад?

3. Қисмҳои асосии ҳисоботи молиявиро номбар кунед.

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед.

3 **Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор дар бораи маърифати касбӣ ва гузаронидани чорабиниҳои беруназсинфӣ маълумот медиҳад.

Яке аз шаклхои маълуми корҳои касбинтихобкунӣ суҳбат ба ҳисоб меравад. Бидуни он, ки дар мадди аввал суҳбат одӣ менамояд, лекин ба он пешакӣ тайёрӣ дидан лозим аст.

Одатан дар нақшаи тайёрӣ ва гузаронидани суҳбат мавзӯъҳои муайян ва номгуйи саволҳо барои муҳокима, интихоби адабиёт, маводди айёнӣ, омӯхтани тайёрии хонандагон ба интихоби касб, муҳокимаи ҷамъбасти суҳбат дохил карда мешавад. Мубоҳиса яке аз шаклҳои касбинтихобкунӣ ба ҳисоб меравад ва барои ҳавасмандкунӣ ва фаъолнокӣ дар интихоби касб мусоидат менамояд. Ҳангоми гузаронидани мубоҳиса муҳити кушод ва дӯстонаи таҳлили муаммои интихоби касбро сохтан зарур аст.

Саёҳат яке аз шаклҳои шиносоӣ бо ташкили истеҳсолот, техника, технология ва касбҳои гуногуни соҳаи хоҷагии халқ мебошад.

Вохурӣ бо мутахассисон - намояндагони касбҳои гуногун яке аз шаклҳои самарабахши ташвиқоти касбҳое, ки дар минтақаи додашуда зарурӣ мебошанд, ба ҳисоб меравад.

Яке аз шаклҳои кори касбинтихобкунӣ, бо хонандагони синфҳои ибтидоӣ гузаронидани ҷамъомади пагоҳирузӣ дар мавзӯи “Касби ман ифтихори ман” ва ғайра ба ҳисоб меравад.

Дар корҳои касбинтихобкунии беруназсинфӣ усули шифоҳиро истифода мебаранд. Дар раванди гузаронидани он дар бораи касбҳо маълумотҳои гуногун дода мешавад. Ин маълумотҳо хушобуранг ё мавзуӣ шуда метавонад, яъне мазмун ва аҳамияти як ё якчанд касбҳоро кушода медиҳанд.

**4) Истифодаи усули Кластери сода**

Кластер (claster – хӯша, даста) усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзӯъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Ин усул аз тарафи мутахассиси проблемаҳои эҷодӣ Тони Бюзан кор карда шудааст. Ин усул имкон медиҳад, ки хонандагон барои фикр намудани мавзӯи дарпешистода сафарбар шаванд.

**Мақсадҳо:** гирдоварии андешаҳои хонандагон; бунёди вазъияти ҷустуҷӯ; инкишофи малакаҳои баёни мухтасари фикр; омӯзиши роҳҳои гуногуни гирдоварии андешаҳо; пешниҳод кардани маълумотҳои иловагӣ; муайян кардани дониши хонандагон доир ба мавзӯъ.

**Марҳалаҳои кор ҳангоми таҳияи кластер:**

**Марҳалаи якум**– дар маркази тахтаи синф (ё варақи сафед) давра тасвир карда мешавад, ки дар дохили он мафҳум ва ё калимаи асосии мавзӯи нав навишта мешавад, ки ғоя, мақсади асосии дарсро ташкил мекунад;

**Марҳалаи дуюм** – хонандагон дар атрофи мавзӯъ, мафҳум ва ё калимаи асосӣ андешаҳои худро менависанд. Дар натиҷа, дар атрофи ин калима ё ибора, ғояҳо, далелҳо, ё симоҳое, ки онро зоҳир менамоянд, гирд оварда мешаванд;

**Марҳалаи сеюм** – пас аз хондани китоб, шарҳи омӯзгор, хонандагон ба таҳлил ва низом даровардани маводди омӯхташуда оғоз менамоянд. Хонандагон байни андешаҳо алоқаи мувофикро барқарор намуда, онҳоро вобаста ба мазмунашон ба гурӯҳҳо муттаҳид мекунанд;

**Марҳалаи чорум**– андешаҳои навишташуда, бо хатҳои рост бо мавҳум, ё калимаи асосӣ пайваст карда мешаванд. Дар натиҷа як сохтор ба вуҷуд меояд, ки фикррҳоро ба таври графикӣ инъикос менамояд.

Шакли кластер гуногун шуда метавонад: ба монанди «хӯша», вақте ки аз ақидаҳо ташаккул меёбад ва дар гирди мавзӯъ онҳо навишта мешаванд. Ҳангоми навишти ақидаҳо алоқаҳои байниҳамдигарии онҳо муайян карда мешаванд. Муҳим он аст, ки хонандагон миқдори зиёди робитаҳоро ёбанд ва вобаста ба он кластер ду намуд мешавад: кластери **сода** ва кластери **мураккаб.**

Кластери сода- дар маркази худ як мафҳуми асосиро дорад, ки дар гирди он мафҳумҳои ба он тобеъ мавҷуданд.

Кластери мураккаб- дар маркази худ як мафҳуми асосиро дорад, ки дар гирди он якчанд мафҳумҳои ба он тобеъ мавҷуд буда, ин мафумҳо низ зермафҳумҳои ба худ тобеъро доранд.

**Савол: Шаклҳои касбинтихобкунии хонандагонро номбар кунед.**

Дар бораи шаклҳои касбинтихобкунӣ ҳамаи фикрҳо ҷамъ карда мешаванд.




**Дар натиҷа хонандагон:** оид ба мафҳум ё мушкилоти асосӣ амиқ андеша карда, донишҳояшонро оиди он ба хотир меоранд; бо шумораи муайяни шохаҳо андешаҳояшонро баён ва қайд мекунанд; барои исботи андешаҳои худ далел меоранд; қисматҳои асосии маълумотро аз умумӣ ҷудо мекунанд; фикри якдигарро гӯш мекунанд.

**5) Мустаҳкамкунӣ**

1. Шаклҳои касбинтихобкуниро номбар кунед.
2. Касбҳоро ба чанд гурӯҳ тақсим мекунанд?
3. Маърифати касбӣ чист?
4. Корҳои берунaзсинфӣ гуфта чиро мефаҳмед?
5. Шаклҳои корҳои маърифатиро номбар кунед.

**Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**6) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад)*.

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи маърифати касбӣ ва гузаронидани чорабиниҳои беруазсинфӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Аз рӯйи предмети меҳнат касбро тасниф карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми гузаронидани чорабиниҳои берунaзсинфӣ қобилияти ташкилотчигии худро инкишоф дода метавонад? | | | |
| Дар бораи маърифати касбӣ ва гузаронидани чорабиниҳои берунaзсинфӣ маълумот дода метавонад? | | | |

## Дарси 22
## Мавзӯъ: Ташхиси касбӣ

**Барнома**: Маълумоти умумӣ оид ба ташхиси касбӣ. Хусусияти равонӣ - физиологии инсон. Омӯхтани шахсият бо мақсади касбинтихобкунӣ. Ташхиси қаблии касбӣ. Усулҳои омӯзиши шахсият бо мақсади касбинтихобкунӣ

**Салоҳиятҳо**:

- Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад;
- Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи ташхиси касбӣ ва хусусияти равонӣ - физиологии инсон маълумот дода тавонад.
- Аз усулҳои омӯзиши шахсият бо мақсади касбинтихобкунӣ истифода бурда, тасниф карда тавонад.
- Хусусиятҳои характери шахсиятро тарбия карда, дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ татбиқ карда тавонад;

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расми оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Шаклҳои касбинтихобкуниро номбар кунед.
2. Касбҳоро ба чанд гурӯҳ тақсим мекунанд?
3. Маърифати касбӣ чист?
4. Корҳои беруназсинфӣ гуфта чиро мефаҳмед?
5. Шаклҳои корҳои маърифатиро номбар кунед.

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед.

**3) Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор дар бораи ташхиси касбӣ маълумот медиҳад.

Хусусиятҳои хотира, диққат, ҳиссиёт, ирода, хоҳиш ва қобилиятро дидан мумкин нест, баҳо дода намешавад, чен карда намешавад чуноне, ки мо ба предметҳои гирду атроф баҳо медиҳем.

Инҳо ва як қатор сифатҳои психикаи инсонро дар худ ё дар одами дигар мушоҳида кардан номумкин аст. Лекин, дар навбати худ касбҳои гуногун ба хусусиятҳои равонӣ - физиологӣ шахсият талаботҳои мушаххас изҳор мекунанд.

Хусусиятҳои равонӣ - физиологии инсон - ин хусусиятҳои психики тараққиёт, сохти организм, ҳолати саломатии ӯ мебошад. Ҳар як инсон ба сифатҳои муайяни равонӣ - физиологӣ соҳиб мебошад. Аз ҳамин сабаб гуфтан мумкин аст, ки ҳар як одам аз рӯйи нишондодҳои табиии худ зиёдтар ё камтар ба муваффақият соҳиб шудан ба касби муайян ё гурӯҳи касбро дорад. Вобаста ба ин чунин савол ба миён меояд: чӣ тавр ин хусусиятҳои шахсиятро муайян кардан мумкин аст?

Аз тарафи дигар мушкилот дар он аст, ки ба мо на фақат дараҷаи тараққиёти шахсиятро муайян кунем, балки имкониятҳои тараққиёти дурнамои онро низ муайян намоем.

Омӯхтани хонандагон бо мақсади касбинтихобкунӣ (ташхиси пешакии касбӣ) чуноне, ки дар боло қайд кардем, яке аз компонентҳои асосии касбинтихобкунии

хонандагон ба ҳисоб меравад. Дар ин марҳала бояд хусусиятҳои характерии шахсият: шавқ, талабот, майл, қобилият, рушди касбӣ, сабабҳои интихоби касб, мақсадҳои касбӣ, хислат, ҳолати саломатӣ ва ғайраро омӯзем. Сарчашмаи фаъолнокии шахсият ин талабот мебошад, ки ин ҳолати шахсият дар алоқа бо муҳит барои таъмин намудани мавҷудияти худ фаъолият ва тараққиёти худро мефаҳмонад.

Дар фаъолияти касбии одам чунин хусусиятҳоро ҷудо кардан мумкин аст: худсобиткунӣ дар ҷамъият; обрӯю эътибор дар коллективи меҳнатӣ; эътирофи наздикон, дӯстон; худташкилдиҳӣ, хештангарой - кори шавқовар; истифодабарии дониш, маҳорат ва қобилияти худ; характери эҷодии меҳнат; устоди кори худ шудан; хаёлпарастии фаъолияти меҳнатӣ; маоши хуб; мансаб; шахсияти қаноатманд.

**4) Бозии дидактикии «Пурра кунед».** Хонандагон бояд мафҳумҳро аз рӯйи ҳарфҳои аввал ва ҳарфҳои охир, ки аз тарафи омӯзгор ба тахтаи синф навишта мешавад, пурра намоянд.

**Намуна:**

Хусусиятҳои шахсият.

| | | | |
|---|---|---|---|
| | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | | |

Ҷавобҳо: шавқ, талабот, қобилият, мушоҳидакорӣ.

**5). Мустаҳкамкунӣ**

1. Хусусиятҳои равонӣ - физиологии инсонро фаҳмонед.
2. Талаботҳо чанд хел мешаванд?
3. Барои омӯзиши шахсият кадом усулҳоро истифода мебаранд?

4.Аз рӯйи характер ҳамаи сабабҳоро ба чанд гурӯҳ ҷудо мекунанд?

**Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**6). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи ташхиси касбӣ ва хусусияти психофизиологияи инсон маълумот дода метавонад? | | | |
| Аз усулҳои омӯзиши шахсият бо мақсади касбинтихобкунӣ истифода бурда, тасниф карда метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои характери шахсиятро тарбия карда, дар ҳаёти ҳаррӯзаи худ татбиқ карда метавонад? | | | |

## Дарси 23
## Мавзӯъ: Машварати касбӣ

**Барнома**: Маълумоти умумӣ оид ба машварати касбӣ. Марҳалаҳои машваратӣ вобаста ба хислат. Марҳалаи ташкилдиҳӣ.

**Салоҳиятҳо**:

➢ Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пйдо карда метавонад;

➢ Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад;

➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи машварати касбӣ маълумоти пурра дода тавонад.
- Машварати касбиро ташкил карда тавонад.
- Дар бораи касби равоншинос маълумоти пурра дода тавонад.
- Хусусиятҳои марҳалаҳои машваратии касбиро омӯхта, қобилияти ташкилотчигии худро такмил дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Хусусиятҳои равонӣ - физиологии инсонро фаҳмонед.
2. Талаботҳо чанд хел мешаванд?
3. Барои омӯзиши шахсият кадом усулҳоро истифода мебаранд?
4. Аз рӯйи характер ҳамаи сабабҳоро ба чанд гурӯҳ ҷудо мекунанд?

Оид ба саволҳо каме муҳокимаронӣ кунед.

**3). Шиносой бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор дар бораи машварати касбӣ маълумот медиҳад.

Ба масъалаи машварати касбӣ барои хонандагон дар интихоб намудани касб доимо диққати ҷиддӣ дода мешавад. Баъзе касбу корҳо хусусияти хос дорад, ки ба он одами қобилияти хуб дошта ҷалб карда мешавад. Илми махсус психотехника мебошад, ки он бо масъалаи муайян кардани қобилиятҳои психикаи одамон машғул аст. Бо ин роҳ шахсони соҳибистеъдодро ҷудо мекунанд ва тавсия медиҳанд, ки барои муайян кардани қобилияти касбии одамон тестҳои психотехникиро васеъ истифода мебаранд. Аммо бо ин усул бештар кор кардан, барои муайян намудани қобилияти бачагон як қатор хатогиҳои ҷиддӣ роҳ дода шуд ва ин илм аҳамияти худро тез гум кард ва чанд вақт беамал монд. Вақтҳои охир бошад, кори психотехника аз сари нав торафт вусъат ёфта истодааст.

Профессор Платонов К.К. машварати касбиро ҳамчун воситаи муҳимми ёрирасони касбинтихобнамоӣ дониста, онро ба се марҳала ҷудо кардааст: тайёрӣ, иҷрошавӣ, аниқнамоӣ.

Марҳалаи якум, ки машварати касбии тайёрӣ мебошад, ҳамаи хонандагонро барои дуруст интихоб намудани касб дар муддати ҳамаи таълимоти мактаб ба амал оварда мешавад.

Мақсади ба иҷрорасии машварати касбинтихобкунӣ қобилият ва хусусиятҳои психофизиологии хонандаро ба ҳисоб гирифта, ба касбинтихобкунӣ ёрӣ расонидан мебошад.

Машварати касбии аниқгардонӣ одатан аз ҳудуди мактаб мебарояд ва дар омӯзишгоҳҳои касбӣ – техникӣ, донишкадаю донишгоҳҳо, дар идораҳо ва ғайра ба амал оварда мешавад.

Ҳамин тавр, машварати касбӣ ин ба насли наврас барои дар ҳаёт дарёфт намудани касби мувофиқ ёрӣ мерасонад.

Дар ташкили машварати касбӣ ба хонандагон тасвия намудани адабиёти маълумотдиҳӣ оиди касбҳо (фаъолияти китобхонаи мактабӣ), намоиши васеи кинофилмҳо, барномаҳои телевизионӣ, инчунин радио доир ба интихоби касб аҳамияти хеле калон дорад.

**4). Истифодаи усули “Мизи мудаввар”.**

Дар «Мизи мудаввар» масъала ва савол тарзе гузошта мешавад, ки он аз ҳамаи хонандагон ҷавоби гуногунро талаб кунад. Савол бояд мушаххас, фаҳмо ва ба мавзӯи дарс мувофиқ бошад. Он бояд ба дараҷаи қобилияти ҳар хонанда мувофиқ бошад, то онҳо дар ҷараёни муҳокимаи масъала иштирок карда тавонанд.

**Маводди зарурӣ:** лозим нест

**Қадамҳо:**

1. Хонандагонро ба гурӯҳҳо муттаҳид намоед.
2. Ба хонандагон барои муҳокима ва баррасӣ саволро пешниҳод кунед.
3. Ба ҳар як гурӯҳ як варақ диҳед.
4. Хонандаи авал дар варақ ҷавоб навишта, онро бо овози баланд мехонад.
5. Хонандаи авал варақро ба ҳамсинфи дар тарафи чапаш нишаста месупорад.
6. Хонандаи дуюм як ҷавоб навишта, онро бо овози баланд мехонад ва варақро ба хонандаи дигар медиҳад.
7. Ҳамаи хонандагон бонавбат ҷавобро дар варақ навишта, онро бо овози баланд мехонанд.
8. Варақ то ақидаашро навиштани хонандаи охирини гурӯҳ аз даст ба даст гузаштан мегирад.
9. Сипас гурӯҳҳо ба муаррифии натиҷаи корашон даъват карда мешаванд.

**Намуна:**

Омӯзгор мепурсад:

*1) Марҳалаҳои машварати касбиро номбар кунед?*

Хонандаи 1: машварати касбии тайёрӣ;

Хонандаи 2: машварати касбии аниқгардонӣ;

Хонандаи 3: машварати касбии ташкилдиҳӣ;

Саволҳои дигаре, ки омӯзгор дар ин машғулият пурсида метавонад:

2). Машварати касбӣ чӣ тавр гузаронида мешавад?

Хонандагон фикри худро баён мекунанд. Омӯзгор ба хонандагон муроҷиат мекунад. Шумо ба ин розӣ ҳастед? Барои чӣ розиед? Барои чӣ розӣ нестед? (*Ҷавоб: Машварати касбӣ барои хонандагон ба таври гурӯҳҳо ва индивидуалӣ гузаронида мешавад.)*

3). Машварати касбии аниқгардонӣ чӣ тавр ба амал бароварда мешавад?

Хонандагон фикри худро баён мекунанд. Омӯзгор ба хонандагон муроҷиат мекунад. (*Ҷавоб: Машварати касбии аниқгардонӣ одатан аз ҳудуди мактаб мебарояд ва дар омӯзишгоҳҳои касбӣ – техникӣ, Донишгоҳҳои олӣ, дар идораҳо ва ғайра ба амал оварда мешавад)*

Шумо ба ин ақида розӣ ҳастед? Барои чӣ розиед? Барои чӣ розӣ нестед?

**4)** Машварати касбии ташкилдиҳӣ чӣ аҳамият дорад?

Хонандагон фикри худро баён мекунанд. Омӯзгор ба хонандагон муроҷиат мекунад. *(Ҷавоб: Машварати касбӣ ин ба насли наврас барои дар ҳаёт дарёфт намудани касби мувофиқ кумак мерасонад.)*

Шумо ба ин ақида розӣ ҳастед? Барои чӣ розиед? Барои чӣ розӣ нестед?

**5) Мустаҳкамкунӣ**

1. Машварати касбӣ ба чанд марҳала ҷудо мешавад?
2. Машварати касбӣ чӣ тавр гузаронида мешавад?
3. Намудҳои суҳбатҳои машварати касбиро номбар кунед.
4. Оид ба марҳалаи дуюми касбинтихобкунӣ шарҳ диҳед.

**Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**6) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи машварати касбӣ маълумоти пурра дода метавонад? | | | |
| Машварати касбиро ташкил карда метавонад? | | | |
| Дар бораи касби равоншинос маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Хусусиятҳои марҳалаҳои машваратии касбиро омӯхта, қобилияти ташкилотчигии худро инкишоф дода метавонад? | | | |

## Дарси 24
## Мавзӯъ: Яккачинкунии касбӣ

**Барнома**: Маълумоти умумӣ оид ба яккачинкунии касбӣ. Мафҳуми яккачинкунӣ. Намудҳои яккачинкунӣ. Моҳияти касбии мутлақ. Тақсим намудани одамон вобаста ба касбҳо.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад;
- Системаи касбинтихобкунии шахсиятро ба пуррагӣ шарҳ дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи яккачинкунии касбӣ ва қобилияти махсус, ки ба баъзе касбҳо заруранд, маълумоти пурра дода тавонад.
- Қобилиятҳои махсусро таҳлил карда тавонад.
- Қобилияти махсус, ки ба баъзе касбҳо заруранд таҳлил намуда, қобилияти шахсии худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Машварати касбӣ ба чанд марҳала ҷудо мешавад?
2. Машварати касбӣ чӣ тавр гузаронида мешавад?
3. Намудҳои сӯҳбатҳои машварати касбиро номбар кунед.
4. Оид ба марҳалаи дуюми касбинтихобкунӣ шарҳ диҳед.

**3) Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор дар бораи яккачинкунии касбӣ маълумот медиҳад.

Қисми таркибии касбинтихобкуниро, яъне ба касбҳо тақсим карданро яккачинкунӣ ташкил медиҳад. Ин интихоби шахсоне мебошанд, ки онҳо бо эҳтимоли калон касби мазкурро бо муваффақият аз худ карда метавонанд ва масъулияти меҳнатии ба он алоқамандро бевосита иҷро менамоянд. Дар раванди яккачинкунӣ қобилиятнокии касбии одам муайян карда мешавад. Мавҷудияти фарқияти ҷисмонию интеллектуалӣ ба он оварда мерасонад, ки як намуди меҳнат ба одам дастрас бошад, дигараш тамоман дастрас нест. Лекин ин онро намефаҳмонад, ки табиат ба инсон ишораи касбӣ гузошта бошад, зеро одам ба дунё ҳамчун харроту нависандаю духтуру омӯзгор шуда таваллуд наёфтааст. Алабатта дар вақти ба ягон намуди меҳнат сафарбар шудан қобилияти махсуси одам, ки тақдири касбии онро пешбарӣ менамоянд, ба ҳисоб нагирифтан мумкин нест.

Моҳияти касбии мутлақ - ин ба талаботҳои касбӣ мувофиқ омадани сифатҳои ҷисмонӣ ва хусусиятҳои равонӣ - физиологии инсон аст. Агар ин сифатҳо ва хусусиятҳо ба дараҷаи кофӣ набошанд зиёдвазнӣ ё зиёдборӣ ба амал меояд, ки инро касбношоямӣ меноманд ва аз он ҳам ҷамъият ва ҳам шахс зарар мебинад.

Тақсим намудани одамон вобаста ба касбҳо ин як қисми таркибии ташкили илмии меҳнат ба ҳисоб меравад. Дар зери мафҳуми яккачинкунӣ, бояд инро фаҳмид, ки вай просесси тадқиқоти махсус ташкил ёфта буда, мақсади зеринро дорад: бо ёрии методҳои илмӣ дараҷа ва имконпазирии қобилияти психофизиологии хоҳишмандон ба касби мураккаби масъуллиятнокро муайян ва муқаррар менамояд. Яккачинкуниро ба ду намуд ҷудо менамоянд: а) муқаррарнамоӣ (констатирующий) б) таъсисдиҳӣ. Яккачинкунии муқаррарнамоӣ ин ё он шахсро ба шакли «кор меояд» ё «кор намеояд» муқарррар мекунад. Ҳангоми ҷавоби манфӣ гирифтан одам метавонад аз сари нав ба масъалаи шуғли меҳнат саъю кӯшиш намояд.

**4) Усули "Низоми лифт"**

Усули «Низоми лифт» пайдарҳамии амалҳо барои муайян кардани роҳҳои ба даст овардани натиҷа аст. Онро дар мавридҳои ҷустуҷӯи роҳҳои гуногуни ҳалли мушкилот, муайян кардани пайдарпайии ҳодисаю амалҳо, муайян кардани сабаби ҳодисаю амалҳо ва ғ. истифода мебаранд.

Ҳангоми муайян намудани қобилияти махсус, ки ба баъзе касбҳо заруранд ин усулро истифода бурдан айни мудао мебошад. Дар мисоли лифт мо донишҳо ва амалҳои зарурирo асоснок мекунем ва ба омӯхтани маводди нав шурӯъ мекунем. Хонандагон мустақилона ҳаракати низоми лифтро месозанд.

**Мақсадҳои усул:**

❖ ҷустуҷӯ карда тавонистани роҳҳои ҳалли масъала;
❖ Дарёфти пайдарҳамии амалҳо;
❖ инкишофи малакаҳои фикрронӣ ва нутқи шифоҳӣ;
❖ иртиботи сабаб ва натиҷа.

**Қадамҳои усул:**

- Омӯзгор хонандагонро бо низоми лифт ошно месозад;
- Ба хонандагон саволи мувофиқи низоми лифт таснифшавандаро пешниҳод мекунад;
- Хонандагон бо маслиҳат дар тахтаи синф низоми лифтро тасвир карда, ҷавобҳоро менавасанд;
- Омӯзгор назорат карда маслиҳатҳои муфид медиҳад;
- Омӯзгор низоми лифтро ҷамъбаст карда, иштирокчиёни фаъолро рӯҳбаланд мекунад.

**Намуна:**

Аз усули низоми лифт истифода бурда, қобилиятҳои махсус, ки ба баъзе касбҳо заруранд, муайян кунед?

Ҷавоб: қобилияти адабӣ-лингвистӣ барои корҳои адабӣ ва аз худ намудани забонҳо → қобилияти *риёзӣ* барои аз худ намудани тахассуси риёзии тафаккур→ қобилияти техникӣ барои аз худ намудани техника ва омӯзиши илмҳои техникӣ → қобилияти тахассусмандӣ бо мақсади таълиму тарбия дар натиҷаи таъсир ба дигар одам → қобилияти ташкилотчигӣ ташкил намудани ягон чорабинӣ ва ҷалб намудани одамон дар гирди онро анҷом диҳӣ




**Дар натиҷа хонандагон**

- андешаҳои худро дар гурӯҳ таҳлил мекунанд;
- ҷавобҳоро муқоиса карда иртибот ва пайдарҳамиро муайян менамоянд;
- фикру мулоҳизаҳоро кӯтоҳ ва мушаххас баён ва қайд мекунанд;
- ба мулоҳизаҳои худ далел меоранд;

**Тавсия ба омӯзгор:** Усули мазкурро дар раванди таълими технология (таълими меҳнат) дар мавзӯъҳое, ки мафҳумҳои пайдарҳами марбут бояқдигар мавҷуд аст ва ё корҳои амалӣ истифода кардан мумкин аст.

**5) Мустаҳкамкунӣ**

1. Яккачинкунии касбӣ гуфта чиро мефаҳмед?
2. Қобилиятҳои махсусро номбар кунед.
3. Яккачинкуниро ба чанд намуд ҷудо мекунанд?
4. Оид ба яккачинкунии таъсисдиҳӣ шарҳ диҳед.

**Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**6) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи яккачинкунии касбӣ ва қобилияти махсус, ки ба баъзе касбҳо заруранд, маълумоти пурра дода метавонад? | | | |
| Қобилиятҳои махсусро таҳлил карда метавонад? | | | |
| Қобилияти махсус, ки ба баъзе касбҳо заруранд, таҳлил намуда қобилияти шахсии худро такмил дода метавонад? | | | |

## Дарси 25

## Мавзӯъ: Мутобиқгардонии (одаткунии) касбӣ (адаптатсия)

**Барнома**: Маълумоти умумӣ оид ба одаткунии касбӣ. Мафҳуми мутобиқгардонии (одаткунӣ – адаптатсия). Давраҳои одаткунии касбӣ. Раванди одаткунии касбӣ. Марҳилаҳои мутобиқшавӣ дар коллектив.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад;
- Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи мутобиқшавии (одаткунии) касбӣ маълумоти пурра дода тавонад.
- Марҳалаҳои дар коллектив мутобиқшавиро ҷудо карда тавонад.
- Ба қоидаю қонунҳои корхонаю коллективи он худро мутобиқ карда тавонад;

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир - ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Яккачинкунии касбӣ гуфта чиро мефаҳмед?
2. Қобилиятҳои махсусро номбар кунед.
3. Яккачинкуниро ба чанд намуд ҷудо мекунанд?
4. Оид ба яккачинкунии таъсисдиҳӣ шарҳ диҳед.

**3) Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор дар бораи мутобиќгардонии(одаткунии) касбӣ (адаптатсия) маълумот медиҳад.

Дар раванди худмуайянкунии касбӣ одаткунии касбӣ звенои (зинаи) ба итмомрасии касбинтихобкунӣ ба ҳисоб меравад. Раванди ташаккулёбӣ ба қоидаю қонунҳои нави талабот, шавқу завқ ба вукӯъ меояд ва умуман, нақшаи дар ҳаёт дошта то чӣ андоза амали шуд, муайян мегардад.

Мутобиқгардонии касбӣ раванди одаткунии хонандагон дар мактабҳои таълими умумӣ, донишкадаю донишгоҳҳо, коллеҷҳо, омӯзишгоҳҳои касбӣ бо равияи гуногуни касбӣ мебошад.

Мутобиқгардонии касбиро ба чор давра ҷудо мекунанд: тайёрӣ ба меҳнат дар мактаб, интихоби касб, тайёрии касбӣ, оғози фаъолияти меҳнатӣ. Як қатор тадқиқотчиён раванди одаткунии касбиро ба ду давр: пеш аз истеҳсолӣ (дар мактаб, литсей, коллеҷ, донишгоҳ) ва истеҳсолотӣ (аллакай вобаста дар корхона, дар шароити истеҳсолот) ҷудо мекунанд.

Мутобиқгардонии касбӣ чун раванди ташаккулёбӣ ба меҳнат аллакай аз айёми кудакӣ дар бачагон зоҳир мегардад. Мисол, вақте ки бача дар хона ё дар боғи ҳайвонот ба парандагон нигоҳубин мекунад, ба кори хона ёрӣ мерасонад. Вақте, ки баччагон мактабхон мешаванд, дар дарси технология корҳои беруназсинфӣ ин ҷараён боз инкишоф меёбад. Ҳамин тавр хатмкунандагони синфи 10 хоҳиши дар литсей, коллеҷ ё мактабҳои махсус таҳсили худро идома доданро пайдо мекунанд ва раванди мутобиқшавӣ дар мактабҳои олӣ идома меёбад.

Раванди мутобиқгардонии касбӣ гуфта, чунин раванди иҷтимоӣ-иқтисодиро мегӯянд, ки ба касби омӯхташаванда одам одат мекунад ва мутобиқ мешавад. Дар раванди мутобиқшавӣ, ба касби аниқ, қатъиян равшан гардад, ки оё касби интихобшуда дуруст аст ё не ва оё ба саволи « Кӣ шудан?» ҷавоби дуруст дода шуд ё не?

Дар коллектив мутобиқшавӣ се марҳаларо дар бар мегирад:

а) шиносшавӣ бо вазъияти нав;

б) вазъияти мутобиқшавӣ, одаткунӣ;

в) марҳалаи одаткунӣ (ба коллектив пурра мутобиқ шудан ва аз худ намудани тартибу қоидаҳои он).

**4) Мустаҳкамкунӣ.**

Дарсро аз бозии «Кӣ касби зиёдро медонад» оғоз кунед.

Бозии «Кӣ касби зиёдро медонад» -ро дар қисми такрори дарси гузашта ва қисми мустаҳкамкунии дарс гузаронидан мумкин аст.

Мақсадҳои бозӣ:

- ғанӣ гардонидани тасаввуроти хонанда оид ба намудҳои касб;
- мустаҳкамкунии хотираи хонандагон;
- Ташвиқ намудани хонандагон ба интихоби дурусти касб;
- Қобилияти таҳамулгароиро тақвият бахшидан..

Қадамҳои истифодаи бозӣ:

- Аз тарафи омӯзгор нақшаи тавсифи касб пешниҳод карда мешавад;
- Баъди хондани маълумот хонандагон бояд дар бораи касбҳое, ки оиди он маълумот доранд, шарҳ диҳанд;
- Касе, ки дар вақти муайяншуда дар бораи номгӯйи зиёди касбҳо маълумот медиҳад, ӯ ғолиб ҳисобида мешавад.
- Омӯзгор ҷавобҳоро ҷамъ мекунад ва дар натиҷа холҳоро муайян менамояд.

**Намунаи нақшаи тавсифи касб:**

Бозии «Кӣ касби зиёдро медонад» ин бозиро ин тавр ба сомон расонидан мумкин; дар асоси нақшаи пешниҳодшуда ҳар як талаба фикру андешаи худро оид ба касбҳо баён месозад:

1. Мазмуни меҳнат;
2. Бояд донад;
3. Сифатҳои муҳимми тахассусӣ;
4. Талаботҳои квалификатсионӣ;
5. Маҳдудиятҳои тиббӣ;
6. Муассисаҳои таълимӣ.

**Намуна:**

**Омӯзгори фанни технология**

1. Мазмуни меҳнат:

Корҳои педагогиро пеш мебарад; дар хонандагон маҳорат ва малакаи зарурии меҳнатӣ, истифода бурдани асбобҳои истеҳсолот, дастгоҳҳо, таҷҳизот иловагиро

ташаккул медиҳад; ба инкишофи эҷодиёти техникии хонандагон мусоидат менамояд; маҳфилҳо ташкил менамояд; корҳои вобаста ба интихоби касбро мегузаронад.

2. Бояд донад:

Педагогика; психология; физиологияи синну солӣ; методикаи таълими технология; нақшакашӣ ва геометрияи тасвирӣ; асосҳои мошинасозӣ; электротехника; хусусиятҳои асосии касбҳои коргарӣ ва муҳандисӣ; шаклҳо ва методҳои ташкили корҳои интихоби касб.

3. Сифатҳои муҳимми касбӣ:

- бодиққатӣ;
- устувории эмотсионалӣ (эҳсосӣ);
- фикрронии техникӣ;
- худбаҳодиҳӣ;
- қобилиятҳои муоширатӣ ва ташкилотчигӣ.

4. Талаботҳои квалификатсионӣ (тахассусӣ):

- маълумоти олии педагогӣ.

5. Маҳдудиятҳои тиббӣ:

- бемориҳои сироятӣ ва пӯст;
- бемориҳои асаб ва руҳӣ;
- биниш ва шунавоии паст.

6. Муассисаҳои таълимӣ:

Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, шаҳри Душанбе (ДДОТ).

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров (ДДХ).

Инчунин қисми мустаҳкамкуниро бо саволҳои зерин низ гузаронидан мумкин аст:

1. Одаткунии касбиро ба чанд давр ҷудо мекунанд?
2. Дар коллектив мутобиқшавиро ба чанд марҳала ҷудо мекунанд?
3. Нақши тарбиятгари меҳнатӣ дар одаткунии касбӣ дар чист?
4. Раванди одаткунии касбӣ чист?

**Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**5) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад)*.

| Фаъолият | Метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи одаткунии касбӣ маълумоти пурра дода метавонад? | | | |
| Марҳалаҳои дар коллектив мутобиқшавиро ҷудо карда метавонад? | | | |
| Ба қоидаю қонунҳои корхонаю коллективи он худро мутобиқ карда метавонад? | | | |

## Дарси 26
## Мавзӯъ: Тарбияи касбӣ

**Барнома**: Мафҳуми тарбияи касбӣ. Маълумоти умумӣ оид ба тарбияи касбӣ. Давраҳои асосии раванди ташаккули касбии коргари соҳибихтисос. Гурӯҳҳои шаклҳои тарбияи касбӣ. Гурӯҳҳои усулҳои тарбияи касбӣ. Тарбияи уҳдадории касбӣ.

**Салоҳиятҳо**:

- ➢ Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад;
- ➢ Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад;
- ➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи тарбияи касбӣ ва раванди ташаккули касбии коргари соҳибихтисос маълумоти пурра дода тавонад.

- Дарачаҳои тарбияи касбиро хуб фарқ карда тавонад.

- Ҳангоми тарбияи касбӣ хислатҳои шахсии худро ба монанди нуктасанҷӣ, мақсаднокӣ, серталабӣ дар худ инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Мутобиқшавӣ (одаткунӣ) ба касбро ба чанд давр ҷудо мекунанд?
2. Дар коллектив мутобиқшавиро ба чанд марҳала ҷудо мекунанд?
3. Нақши тарбиятгари меҳнатӣ дар мутобиқшавӣ ба касб дар чист?
4. Раванди мутобиқшавӣ ба касб чист?

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор дар бораи тарбияи касбӣ маълумот медиҳад.

Маълум аст, ки раванди тарбия ин таъсири муттаҳида ба насли наврас, ки натиҷаи он ташаккули шахсияти ҳамаҷониба ташаккулёфта ба ҳисоб меравад.

Тарбияи касбӣ дар раванди фаъолияти таълимӣ ва ғайритаълимӣ ба вуҷуд меояд. Ҳамин тариқ зери мафҳуми тарбияи касбӣ дар хонандагон раванди ташаккули пайдо шудани талабот ба меҳнат ва фаъолияти касбиро мефаҳманд.

Дар раванди ташаккули касбии коргари соҳибихтисос 3 давраи асосиро ҷудо мекунанд.

1. Давраи то дохилшавӣ ба муасиссаи касбӣ - таълимӣ (касбинтихобкунӣ дар мактаб, иштирок дар фаъолияти иттиҳодияи меҳнатии хонандагон, интихоби касби хонандагони синфҳои болоӣ, таълими касбӣ).

2. Давраи омӯзиш дар муассисаи таълимӣ-касбӣ (соҳиб шудан ба донишҳои назариявӣ, маҳорат ва малакаи амалӣ, таҳқиқи пешакии интихоби дуруст, тараққиёти қобилиятҳои касбӣ).

3. Ибтидои фаъолияти меҳнатӣ (одаткунии касбӣ дар давраи гузариши таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ, мустаҳкам ва такмил додани донишҳои дар мактаб, омӯзишгоҳ, техникум, мактаби олӣ соҳибшуда, тасдиқи охирин дар интихоби касб).

Мақсади тарбияи касбӣ дар ташаккули шахсияти меҳнатдӯст, ки ба талаботҳои истеҳсолоти ҳозиразамон, раванди иҷтимоӣ ва соҳиби сифатҳои баланди маънавӣ ва касбӣ ҷавобгӯ бошад, ба ҳисоб меравад.

Ҳамаи шаклҳои тарбияи касбиро ба се гурӯҳ тақсим мекунанд: шахсӣ, гурӯҳӣ, оммавӣ. Инҳо машғулиятҳои мактабӣ, маҳфилҳои фаннӣ, суҳбатҳо, шабнишиниҳо бахшида ба мавзӯъҳои алоҳида, озмунҳо, олимпиадаҳо, мубоҳиса ва ғайра.

Усулҳои тарбияи касбӣ низ ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: усулҳои ташаккули зеҳнии шахсият (суҳбат, лексия, мубоҳибса ва ғайра); усулҳои ташкили фаъолият ва ташаккули таҷрибаи интизоми ҷамъиятӣ (омӯзонидан, машққунӣ ва ғайра); усулҳои ҳавасмандкунии фаъолият ва интизом (мусобиқа, ҳавасмандкунӣ, ҷазо ва ғайра).

**4).** Дарсро аз бо истифода аз бозии «Номи касбро ёбед» боз ҳам шавқовар намоед.

Ин бозӣ барои инкишофи хотира ва тасаввуроти тахаюли хонандагон аҳамияти калон дорад. Аз тарафи омӯзгор ба хонандагон саволҳои дар поён овардашуда дода мешавад. Хонандагон бояд номи касбро муайян намоянд.

**Мақсадҳои бозӣ**

- ✓ Ғанӣ гардонидани тасаввуроти тахаюли хонандагон;
- ✓ Мустаҳкамкунии зеҳнияти хонандагон;
- ✓ Тарбия намудани хонандагон ба интихоби бошуурона касбин-тихобкунӣ;
- ✓ Тарбияи мушоҳидакории хонандагон.

**Қадамҳои истифода бурдани бозӣ**

- ➢ Аз тарафи омӯзгор оид ба ягон намуди касб маълумотҳо хонда мешавад;
- ➢ Баъди хондани маълумотҳо хонандагон бояд номи касбро муайян намоянд;
- ➢ Дар вақти муайяншуда аз тарафи омӯзгор ҷавобҳо ҷамъ карда шуда, холҳо муайян карда мешавад.

**Намуна.**

А. Ҳамаи намуди коркарди матоъро идора мекунад; сифати ашёи хоми воридшавандаро месанҷад; бо дастгоҳҳои бофандагӣ сарукор мебарад; кандашавии наххоро бартараф менамояд; мокуро иваз мекунад; асоси торкаширо мӯътадил менамояд; матои бофташударо мегирад; корҳои пешгирикунандаи вайроншавии таҷҳизотҳоро иҷро менамояд. *(Эзоҳ: Ҷавоб: бофанда)*

**Дар натиҷа хонандагон:**

- ➢ Барои интихоби касб омода мешавад;
- ➢ Оид ба касбҳои гуногун маълумоти пурра мегиранд;
- ➢ Таснифоти касбҳоро меомӯзанд.

**Тавсия ба омӯзгор:** Ин бозиро дар синфи 8 ва 10 баъд аз боби касбинтихобкунӣ гузаронидан мумкин аст.

**5) Мустаҳкамкунӣ**

1. Оид ба мафҳуми тарбияи касбӣ маълумот диҳед.
2. Шаклҳои тарбияи касбиро ба чанд гурӯҳ ҷудо мекунанд?
3. Категорияҳои тарбияи касбиро фаҳмонед.
4. Дараҷаҳои тарбияи касбӣ кадомҳоянд?

**Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳи.**

**6) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи тарбияи касбӣ ва раванди ташаккули касбии коргари соҳибихтисос маълумоти зарурӣ дода метавонад? | | | |
| Дараҷаҳои тарбияи касбиро фарқ карда метавонад? | | | |
| Ҳангоми тарбияи касбӣ хислатҳои шахсии худро ба монанди нуктасанҷӣ, мақсаднокӣ, серталабии худро инкишоф дода метавонад? | | | |

**Тест**

1. Яке аз шаклҳои маълуми корҳои касбинтихобкунӣ чӣ ба ҳисоб меравад?

а) суҳбат;
б) кори амалӣ;
в) кори мустақилона;
г) пурсиши вазифаи хонагӣ.

2. Профессор Е.А. Климов касбҳоро аз рӯйи предмети меҳнат ба чанд гурӯҳ тақсим кардааст?
а) 5;
б) 7;
в) 2;
г) 6

3. Вазифаи маърифатии касбӣ чист?
а) муҳаббату шавқу завқи касбро бедор намудан ва инкишоф додан;
б) зеҳнро бедор намудан ва инкишоф додан
в) маҳорат, малака ва донишро бедор намудан ва инкишоф додан;
г) муҳаббату шавқу завқи касбро бедор накарда, инкишоф додан.

4. Як қисми таркибии маърифати касбӣ чӣ мебошад?
а) ташвиқоти касбӣ;
б) таблиғоти касбӣ;
в) дониши касбӣ;
г) касбинтихобкунӣ.

5. Хусусиятҳои равонӣ - физиологии инсон чист?
а) ҳолати рӯҳӣ, сохти организм ва вазъи саломатии ӯ;
б) ҳолати рӯҳӣ ва равонӣ, сохти рӯй ва вазъи саломатии ӯ;
в) ҳолати рӯҳӣ, сохти даст ва вазъи саломатии ӯ;
г) сохти организм ва вазъи саломатии ӯ.

6. Аз рӯйи намуд сабаби интихоби касбро ба чанд гурӯҳ ҷудо мекунанд?
а) 6;
б) 9;
в) 2;
г) 15.

7. Аз рӯйи характер ҳамаи сабабҳоро ба чанд гурӯҳ ҷудо мекунанд?
а) 4;
б) 7;
в) 5;
г) 8.

8. Мафҳуми менеҷментро чӣ хел дарк кардан мумкин аст?
а) идора кардан, ташкил кардан;
б) мубодила кардан, истеҳсол кардан;
в) вобаста намудан, идора кардан;
г) фаъолият бурдан, ташкил кардан.

9. Омӯзиши шахсият бо мақсади касбинтихобкунӣ чӣ гуна бояд хусусият дошта бошад?
а) хусусияти ботартиб;
б) хусусияти маърифатӣ;
в) хусусияти эҷодӣ;
г) хусусияти амалӣ.

10. Профессор К. К. Плаонов машварати касбиро ба кадом марҳалаҳо ҷудо кардааст?
а) тайёрӣ, иҷрошавӣ, аниқнамоӣ;
б) тайёрӣ, иҷронашавӣ, аниқнамоӣ;
в) тайёрӣ, иҷрошавӣ, аниқнанамоӣ;
г) тайёрӣ, асосӣ, иҷрошавӣ, аниқнамоӣ.

# БОБИ 4. ХУДМУАЙЯНКУНИИ КАСБИИ ШАХСИЯТ

## Дарси 27

### Мавзӯъ: Моҳияти худмуайянкунии касбӣ. Модели мӯҳтавоиву раванди худмайнкунии касбӣ

**Барнома**: Мафҳуми шахсият ва худмуайянкунӣ. Худмуайянкунии касбӣ. Моҳияти худмуайянкунии касбӣ. Системаи тайёрии касбӣ. Раванди таҳлили ташаккули касбии шахсият.

**Салоҳиятҳо**:

- Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад;
- Моҳияти худмуайянкунии касбии шахсиятро муайян карда, таҳлил карда метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Ташаккули касбии шахсиятро ҷамъбаст намуда, лаҳзаҳои асосии ин равандро ҷудо карда тавонад.
- Дар бораи моҳияти худмуайянкунии касбӣ ва интихоби касби худ маълумот дода тавонад.
- Сифатҳои таҳлилии худро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Оид ба мафҳуми тарбияи касбӣ шарҳ диҳед.
2. Шаклҳои тарбияи касбиро ба чанд гурӯҳ ҷудо мекунанд?
3. Категорияҳои тарбияи касбиро фаҳмонед.
4. Дараҷаҳои тарбияи касбӣ кадомҳоянд?

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор дар бораи моҳияти худмуайянкунии касбӣ ва модели мӯҳтавоиву раванди худмайнкунии касбӣ маълумот медиҳад.

Меъёри муҳимтарини идрок ва маҳсулнокии ташаккули касбии шахсият қобилияти дар меҳнати касбӣ ёфтани маънои шахсият, мустақилона кашидани лоиҳа ва офаридани ҳаёти касбии худ, дар бораи интихоби касб, ихтисос ва ҷойи кор бомасъулият қабул кардани қарор ба ҳисоб меравад. Албатта, ин масъалаҳои ҳаётан муҳим дар назди шахсият дар давоми тамоми зиндагии он ба миён меоянд. Шахсият бошад дар инкишофу тағйирёбии доимист. Пас, дар марҳалаҳои мухталифи инкишофи он вазифаҳои якхелаи марбут ба худмуайянкунии касбӣ ба таври гуногун ҳал карда мешаванд

П.Г. Шедровитский худмуайянкуниро чун қобилияти худаш худашро, таърихи инфиродии худашро сохтани инсон, чун маҳорати моҳияти худашро такроран идрок кардани ӯ баррасӣ мекунад.

Е.А. Климов худмуайянкунии касбиро муфассалан таҳлил намуда, онро «... чун зуҳуроти муҳимми инкишофи равонӣ ташаккули фаъолият ҳамчун иштироккунандаи фаъоли ҷамъияти «одамони касбӣ» мефаҳмад.

Таҳлили ташаккули касбии шахсиятро ҷамъбаст намуда, лаҳзаҳои асосии ин равандро ҷудо мекунем.

1. Худмуайянкунии касбӣ ин муносибати интихобии фард ба олами касбҳо умуман ва касби муайяни баргузида мебошад.

2. Ядрои худмуайянкунии касбӣ интихоби бошууронаи касб бо назардошти имкониятҳои худ, талаботи фаъолияти касбӣ ва шароити иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

3. Худмуайянкунии касбӣ дар давоми тамоми ҳаёти касбӣ амалӣ мегардад: шахсият доимо мулоҳизаю андеша мекунад, ҳастии касбии худро мавриди таҳлил қарор медиҳад, дар касбаш худсобиткуниро ба сомон мерасонад.

4. Ҳодисаҳои гуногун, аз қабили хатми муассисаи таҳсилоти умумӣ, муассисаи таълимии касбӣ, такмили ихтисос, иваз кардани маҳалли истиқомат, аттестатсия, аз кор рафтан барои актуализатсияи худмуайянкунии касбии шахсият ба сифати ангеза хизмат мекунанд.

5. Худмуайянкунии касбӣ яке аз ҷиҳатҳои муҳимтарини тавсифи камолоти иҷтимоию равоншиносии шахсият, талаботи ӯ ба худтатбиқкунӣ ва худактуализатсия ба ҳисоб меравад.

Н.С. Пряжников худмуайянкунии касбии шахсиятро таҳқиқ намуда, модели зерини мӯҳтавоиву равандии онро асоснок кардааст:

1. Идроки арзишмандии меҳнати фоиданоки ҷамъиятӣ ва зарурати тайёрии касбӣ (асоси арзишию ахлоқии худмуайянкунӣ)

2. Самтгирӣ карда тавонистан дар вазъияти иҷтимоию иқтисодӣ ва пешгӯйӣ кардани обрӯю эътибори меҳнати интихобгардида

3. Самтгирии умумӣ дар олами меҳнати касбӣ ва ҷудо кардани мақсади касбӣ – орзую омол.

4. Муайян кардани мақсадҳои наздиктарини касбӣ чун марҳалаҳою роҳҳо ба мақсади дур.

5. Иттилоъ додан оид ба касбу ихтисосҳо, муассисаҳои дахлдори таълими касб ва марказҳои касбинтихобкунӣ.

6. Доштани тасаввурот дар бораи монеа ва мушкилоти ба даст овардани мақсадҳои касбӣ, ҳамчунин донистани афзалияту бартариятҳои худ, ки ба татбиқи нақшаю дурнамо мусоидат мекунанд.

7. Мавҷудияти системаи вариантҳои захиравии интихоб дар сурати бебарории варианти асосии худмуайянкунӣ.

8. Оғози амалигардонии воқеии дурнамои касбии шахсӣ ва мунтазам ворид сохтани ислоҳу тасҳеҳ ба нақшаҳо.

**4) Мустаҳкамкунӣ. Бозии "Савол - ҷавоб"**

**Мақсади бозӣ:**

- Инкишофи зиракӣ, тахаюлот, маҳорати таҳлилӣ ва тасдиқ кардани хонандагон.

**Рафти бозӣ:**

- Хонандагон дар назди тахтаи синф дар як қатор саф меистанд, омӯзгор бо навбат ба ҳар як хонанда тӯбчаро ҳаво медиҳад ва бо баробари он аз мавзӯи нав ё аз мавзӯъҳои гузашта савол медиҳад. Хонанда тӯбчаро бозмегардонад ва ба савол ҷавоб дода, як қадам ба пеш ҳаракат мекунад. Агар хонанда ҷавоб дода натавонад ба ҷояш меистад. Агар ҷавоби савол пурра набошад, ним қадам ба пеш мебарояд. Дар охир ҳамон хонандае ғолиб иониста мешавад, ки ба ҳамаи саволҳо ҷавоби пурра дода, то ба мизи хонандаги синф расида меравад.

- Бо чунин саволҳо бозии мазкур ва лаҳзаи мустаҳкамкуниро гузаронидан мумкин аст:
- Дараҷаҳои тарбияи касбӣ кадомҳоянд?
- Категорияҳои тарбияи касбиро фаҳмонед.
- Климов Е.А. худмуайянкунии касбиро чӣ тавр шарҳ медиҳад?
- Лаҳзаҳои асосии ташаккули касбии шахсиятро номбар кунед.
- Модели худмуайянкунии касбии Н.С. Пряжниковро шарҳ диҳед.
- Моҳияти худмуайянкунии касбиро фаҳмонед.
- Н.С. Пряжников чанд намуди худмуайянкунии касбиро пешниҳод кардааст?
- Оид ба мафҳуми тарбияи касбӣ шарҳ диҳед.
- Чанд сатҳи худтатбиқкунии инсонро ҷудо мекунанд?
- Шаклҳои тарбияи касбиро ба чанд гурӯҳ ҷудо мекунанд?

➢ Шедровский худмуайянкунии касбиро чӣ тавр баррасӣ кардааст?

**Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**6) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Ташаккули касбии шахсиятро ҷамъбаст намуда, лаҳзаҳои асосии ин равандро ҷудо карда метавонад? | | | |
| Дар бораи моҳияти худмуайян-кунии касбӣ ва интихоби касби худ маълумот дода метавонад? | | | |
| Сифатҳои таҳлилии худро такмил дода метавонад? | | | |

## Дарси 28

### Мавзӯъ: Худмуайянкунии касбӣ дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули шахсият

**Барнома**: Худмуайянкунии касбӣ дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули шахсият: синни томактабӣ, синни хурди мактабӣ, синни наврасӣ, аввали навҷавонӣ, навҷавонӣ, ҷавонӣ, камолот, миёнсолӣ.

**Салоҳиятҳо**:

➢ Моҳияти худмуайянкунии касбии шахсиятро муайян карда, таҳлил карда метавонад;

➢ Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад;

➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи худмуайянкунии касбӣ дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули шахсият маълумоти пурра дода тавонад.
- Марҳалаҳои ташаккули шахсиятро таҳлил намуда, шарҳ дода тавонад.
- Тарбияи муносибати эҷодӣ ба меҳнатро дар худ ташаккул дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Моҳияти худмуайянкунии касбиро фаҳмонед.
2. Шедровский худмуайянкунии касбиро чӣ тавр баррасӣ кардааст?
3. Е. А. Климов худмуайянкунии касбиро чӣ тавр шарҳ медиҳад?
4. Лаҳзаҳои асосии ташаккули касбии шахсиятро номбар кунед.

1. Модели худмуайянкунии касбии Н.С. Пряжниковро шарҳ диҳед.
2. Н.С. Пряжников чанд намуди худмуайянкунии касбиро пешниҳод кардааст?
3. Чанд сатҳи худтатбиқкунии инсонро ҷудо мекунанд?

**3). Шиносой бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор дар бораи худмуайянкунии касбӣ дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули шахсият маълумот медиҳад.

**Синни томактабӣ.** Ҳангоми бозӣ бо калонсолон тақлид кардани кӯдакон ба амалу фаъолияти калонсолонро такрор намудани онҳо ба ҳама маълум аст. Дар синни томактабӣ бозиҳои сюжету нақшдор бо тавri васеъ паҳн мешаванд, ки ба як қисми онҳо таваҷҷуҳи касбӣ хос аст. Кӯдакон бозикунон, ба худ нақши пизишк, ошпаз ва ғайраро мегиранд.

**Синни хурди мактабӣ.** Вижагии психологии мактабиёни хурдсол тақлид кардан ба калонсолон мебошад. Маҳз барои ҳамин онҳо ба касби калонсолони барояшон обрӯю эътибордор, аз қабили омӯзгорон, падару модарон, хешону наздикони оила мароқи бештар зоҳир мекунанд. Индуксияи ба худ хоси касбӣ ба назар мерасад.

**Синни наврасӣ** ин давраи оптатсияи (интихоби) аввалия, амбивалентӣ аст.

**Наврасӣ** яке аз марҳалаҳои аз ҳама пурмасъулияти ташаккули шахсият мебошад. Дар ин синну сол ба муносибати ахлоқӣ нисбати намудҳои гуногуни меҳнат асос гузошта мешавад, ташаккули системаи арзишҳои шахсиятӣ, ки интихобӣ будани муносибати наврасонро бо касбҳои гуногун муайян мекунад, ба вуҷуд меояд.

**Аввали навҷавонӣ**. Вазифаи муҳимтарин дар ин синну сол интихоби касб аст. Ин давраи интихоби воқеӣ аст. Нақшаҳои касбии наврас хеле хира, норӯшан буда, бештар бо орзу шабеҳанд. Ӯ аксаран худро дар нақшҳои касбии гуногуни аз ҷиҳати эҳсосотӣ ҷаззоб тасаввур мекунад. Вале аз уҳдаи интихоби асосноки психологии ниҳоии касб баромада наметавонад. Дар аввали синни навҷавонӣ ин масъала дар назди писару духтароне ба миён меояд, ки маҷбуранд муассисаи асосии таҳсилоти умумиро тарк кунанд.

**Навҷавонӣ**. Дар синни 16 – 23-солагӣ аксарияти писарону духтарон маълумоти касбиро дар муассисаҳои таълимӣ ё омодагии касбиро дар корхона ё муассиса мегиранд. Мактаби миёна бо ниятҳои романтикӣ ва орзуюо омол роҷеъ ба касб паси сар шудаанд. Ояндаи матлуб ба ҳозира табдил ёфтааст. Вале бисёриҳо аз интихоби арсаи таълимию касбӣ (бошууронаю бо хоҳиши худ ё маҷбурӣ) қаноатманд нестанд.

**Ҷавонӣ** (то 27-солагӣ). Ин синни фаъолнокии иҷтимоиию касбӣ мебошад. Шакку шубҳа оид ба дурустии интихоби касб сипарӣ шудааст. Маъмулан, дар ин синн таҷрибаи муайяни касбӣ андӯхта шудааст ва ҷойи кор вуҷуд дорад.

**Камолот**. Ин синни аз ҳама сермаҳсул – давраи амалӣ гардонидани худ чун шахсият, истифодаи иқтидори касбию психологии худ мебошад. Маҳз дар ин синну сол нақшаҳои ҳаётию касбӣ амалӣ мегарданд, маънои ҳастии инсон возеҳу равшан мегардад.

**Миёнсолӣ**. Расидан ба синни нафақа маънои тарк кардани ҳаёти касбиро дорад. Дар 55-60-солагӣ шахсият иқтидори касбии худро то ба охир масраф намекунад. Бо вуҷуди хастагии касбӣ, дар ин синну сол инсон аз касбияти олӣ бархурдор аст, бино бар ин асоснокии ба нафақабаройӣ мавриди шубҳаю тардид қарор мегирад. Замони пуризтироб фаро мерасад, якбора, дар як лаҳза қолабҳои дар тӯли даҳсолаҳо ба миён омада, тарзи ҳаёти муқаррарӣ тағйир меёбад.

**4) Усули "Занҷирҳои сарбастаи мантиқӣ"**

Усул барои муайян кардани пардарпайии мантиқии калимаҳо, мафҳумҳо, амалҳо ва қисмҳои матнро дар бар мегирад.

**Мақсадҳо:**

- ✓ ҳавасмандӣ ба хондан ва мушоҳидакорӣ;
- ✓ ҳавасмандӣ ба кори амалӣ;
- ✓ ҷобаҷогузории мантиқии амалҳои асосӣ.

**Инро чӣ тавр иҷро кардан мумкин аст?**

Қадамҳо ва қоидаҳои усул.

Усули мазкур ду гуна аст:

**Гунаи 1.**

1. Дар лавҳаи синф амалҳои асосие, ки ба мавзӯи дарс марбут аст, нависед (ё дар варақи сафеди калон навишта , овехта мешавад).

2. Амалҳо омехта пешниҳод мешаванд.

3. Ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки пайдарпайии амалҳои асосиро мантиқан муайян карда, матнҳоро бо тартиби муайян ҳамчун харитаи технологӣ ба тартиб оранд.

4. Хонандагон пас аз иҷрои ин амал бо нусхаи аслии харитаи технологӣ шинос мешаванд.

5. Амалҳои пайдарпай тартибдода худро бо нусхаи аслӣ муқоиса мекунанд.

**Гунаи 2.**

1. Аз матни мавзӯи нав 5-6 ҷумла ҷудо кунед ва дар лавҳаи синф (ё дар вараќи калон) нависед.

2. Ҷумлаҳо омехта навишта мешаванд.

3. Хонандагонро ба гурӯҳҳои баробар тақсим мекунанд.

4. Ба хонандагон пешниҳод карда мешавад, ки пайдарпайии ҷумлаҳоро мантиқан муайян карда, ба онҳо рақам (1,2,3,4,5,..) гузоред.

5. Ҳар як гурӯҳ кори худро муаррифӣ мекунад.

6. Ҳангоми муаррифӣ омӯзгор метавонад мубоҳиса ташкил кунад («Чаро шумо ҷумлаи .. дар ҷойи чорум гузоштед?» ва монанди ин.)

7. Пас аз муҳокима ва муаррифии гурӯҳҳо омӯзгор матни дурусти аслиро ба хонандагон медиҳад.

8. Хонандагон бо матни аслӣ шинос шуда, ғалатҳои худро ислоҳ мекунанд (агар ҷой дошта бошанд).

**Намуна:** Омӯзгор мафҳумҳоро ба тарзи омехта ба хонандагон пешниҳод мекунад:

*Миёнсолӣ, синни хурди мактабӣ, синни томактабӣ, навҷавонӣ, камолот, синни наврасӣ, аввали навҷавонӣ, ҷавонӣ, миёнсолӣ.*

Хонандагон тарзи дурусти мафҳумҳои пайдарпайро бояд муайян намоянд:




**Дар натиҷа хонандагон:**

5. Мустақилона фикр меронад;
6. Тафаккури мантиқии онҳо қавӣ мегардад;
7. Матнро хуб таҳлил карда аз худ мекунанд;
8. Барои бо гурӯҳ кор кардан омода мегарданд.

**Тавсия ба омӯзгор.** Барои истифодаи ин усул матн ва ё пайдарпайии амалиётҳоро қаблан хуб аз назар гузаронед, ки дар он занҷири сарбастаи мантиқӣ мавҷуд бошад. Кӯшиш кунед, ки матн ва ё амалиёти интихоб кардаатон шавқовар бошад ва бо мақсади таълими дарсатон мувофиқ бошад.

**5) Мустаҳкамкунӣ**

1. Худмуайянкунии касбиро дар марҳалаҳои синни томактабӣ ва синни хурди мактабӣ шарҳ диҳед.

2. Худмуайянкунии касбиро дар марҳалаҳои синни наврасӣ ва аввали ҷавонӣ шарҳ диҳед.

3. Худмуайянкунии касбиро дар марҳалаҳои навҷавонӣ ва ҷавонӣ шарҳ диҳед.

4. Худмуайянкунии касбиро дар марҳалаҳои камолот ва миёнсолӣ шарҳ диҳед.

**Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**6) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи худмуайянкунии касбӣ дар марҳалаҳои гуногуни ташаккули шахсият маълумоти пурра дода метавонад? | | | |
| Марҳалаҳои ташаккули шахсиятро таҳлил намуда, шарҳ дода метавонад? | | | |
| Қобилияти муносибати эҷодӣ ба меҳнатро дар худ ташаккул дода метавонад? | | | |

## Дарси 29
## Мавзӯъ: Ихтилофоти худмуайянкунии касбӣ

**Барнома**: Мафҳуми худмуайянкунӣ. Ихтилофоти худмуайянкунии касбӣ. Омилҳои ба вуҷуд омадани ихтилофот. Ихтилофҳои дохилишахсиятӣ. Проблемаҳои типии психологӣ.

**Салоҳиятҳо**:

- Моҳияти худмуайянкунии касбии шахсиятро муайян карда, таҳлил карда метавонад;
- Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи ихтилофоти худмуайянкунии касбӣ маълумоти пурра дода тавонад.
- Сабаби ихтилофоти худмуайянкунии касбиро таҳлил намуда, шарҳ дода тавонад.
- Сабабҳои ихтилофҳои худмуайянкунии касбиро таҳлил намуда, образи идеалии худро тасвир карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Худмуайянкунии касбиро дар марҳалаҳои синни томактабӣ ва синни хурди мактабӣ шарҳ диҳед.
2. Худмуайянкунии касбиро дар марҳалаҳои синни наврасӣ ва аввали ҷавонӣ шарҳ диҳед.
3. Худмуайянкунии касбиро дар марҳалаҳои навҷавонӣ ва ҷавонӣ шарҳ диҳед.
4. Худмуайянкунии касбиро дар марҳалаҳои камолот ва миёнсолӣ шарҳ диҳед.

**3) Шиносой бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор дар бораи ихтилофоти худмуайянкунии касбӣ маълумот медиҳад.

Худмуайянкунӣ - ҳамеша тасдиқи мавқеи худ дар вазъияти проблемавӣ мебошад. Худмуайянкунии касбӣ таҳияи мавқеи худиро дар вазъияте пешбинӣ менамояд, ки ба ин вазъият сатҳи баланди номуайянӣ хос аст. Дар ҳақиқат, пас аз хатми муассисаи таҳсилоти умумӣ ба таҳсил ба куҷо бояд рафт? Баъди гирифтани касб ба куҷо ба кор даромадан мумкин аст? Имкониятҳои моддии ин касб чӣ хел аст? Барои самтгирӣ кардан дар вазъияти проблемавӣ, шахсият бояд талабот, мавқеъ, манфиат, орзуҳои худро бо имкониятҳояш, аз қабили дараҷаи омодагӣ, қобилият, сифатҳои эҳсосию иродавӣ, вазъи саломатӣ муқоиса кунад. Дар навбати худ, имкониятҳоро бо талаботи муассисаи таълими касбӣ муқоиса кардан лозим аст. Аксаран ба ҳам мутобиқ сохтани ин мавқеъҳо хеле мушкил аст. Агар ба ин омилҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ мавқеи хешу ақрабоиро илова кунем, тамоман возеҳу равшан мешавад, ки худмуайянкунии касбӣ, маъмулан, ба ихтилоф оварда мерасонад. Азбаски сухан дар бораи худмуайянкунӣ меравад, ихтилоф низ хосияти дохили шахсиятӣ дорад. Ҳалли ихтилоф бо роҳи тасҳеҳу ислоҳи ниятҳои касбӣ имконпазир мегардад. Бешубҳа, ихтилофи дохилишахсиятӣ метавонад самарабахш ва ғайрисамарабахш ҳал шавад. Тарафҳои ихтилофии дохили шахсиятии худмуайянкунӣ унсурҳои таркибии сохтори шахсият мебошанд.

Як қатор проблемаҳои типии психологиро ҷудо кардан мумкин аст, ки зодаи ихтилофҳои дохили шахсиятии худмуайянкунии касбӣ мебошанд:

1. Номутобиқатии образи идеалию воқеии касб ва хударзёбӣ: «Мани воқеӣ», «Мани имконпазир», «Мани деформатсияшуда»;
2. Номутобиқатии тахассусмандии касбӣ ба сатҳи иддао дар соҳаи карйера, ҳавасмандии моддию маънавӣ;
3. Интихоби нодуруст ва маҷбурии касб, ҷойи кор ва мансаб;
4. Зиддият байни унсурҳои таркибии идрокшаванда ва идрокнашавандаи шуури касбӣ.

**4) Истифодаи усулӣ**

**5) Мустаҳкамкунӣ**

1. Худмуайянкунӣ чист?
2. Сабабҳои ихтилофотро номбар кунед.
3. Ҳалли ихтилофоти дохилишахсиятиро шарҳ диҳед.
4. Проблемаҳои типии ихтилофоти дохилишахсиятиро номбар кунед.
5. Вазъияти ихтилофҳоро шарҳ диҳед.

**Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**6) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи низоъҳои худмуайянкунии касбӣ маълумоти пурра дода метавонад? | | | |
| Сабаби ихтилофоти худмуайянкунии касбиро таҳлил намуда, шарҳ дода метавонад? | | | |
| Сабабҳои ихтилофоти худмуайянкунии касбиро таҳлил намуда, образи идеалии худро тасвир карда метавонад? | | | |

## Дарси 30

## Мавзӯъ: Ташаккули касбии шахсият

**Барнома**: Мафҳуми ташаккули касбии шахсият. Марҳалаҳои раванди ташаккули касбӣ. Натиҷаҳои марҳалаи ташаккули касбӣ. Сифати кори иҷрошаванда. Интихоби касб.

Маҳорати касбӣ. Эҷодкорӣ дар фаъолияти касбӣ. Вобастагии маҳорати касбӣ бо эҷодкориии касбӣ. Чизи нави объективӣ ва субъективӣ.

**Салоҳиятҳо**:

- Моҳияти худмуайянкунии касбии шахсиятро муайян карда, таҳлил карда метавонад;
- Дар доираи муаммои васеъ ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи марҳалаҳои раванди ташаккули касбии шахсият маълумоти пурра дода тавонад.
- Вобастагии маҳорати касбӣ бо эҷодкории касбиро ба таври возеҳу равшон шарҳ дода тавонад.
- Салоҳияти касбии худро инкишоф дода тавонад;

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

1) **Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

2) **Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Худмуайянкунӣ чист?
2. Сабабҳои ихтилофоти номбар кунед.
3. Ҳалли ихтилофоти дохилишахсиятиро шарҳ диҳед.
4. Проблемаҳои типии ихтилофоти дохилишахсиятиро номбар кунед.
5. Вазъияти ихтилофоти шарҳ диҳед.

3) **Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав муаллим дар бораи ташаккули касбии шахсият маълумот медиҳад.

Дар раванди фаъолияти касбӣ ташаккули касбии шахсият ба вуҷуд меояд.

Ташаккули касбӣ – ин, аз як тараф, раванди ташаккули муносибат ба касб, дараҷаи ҷалбшавии эҳсосотию шахсиятӣ ба он, аз тарафи дигар андӯхтани таҷрибаи фаъолияти амалӣ, такмили касбӣ ва аз худ кардани маҳорат аст.

Дар раванди ташаккули касбӣ марҳалаҳои зеринро ҷудо кардан мумкин аст: ташаккули ниятҳои касбӣ, омӯзиши касбӣ, вуруд ба касб, худтатбиқкунӣ дар фаъолияти мустақилонаи меҳнатӣ. Натиҷаи ҳар марҳалаи ташаккули касбӣ мутаносибан интихоби касб, салоҳияти касбӣ (таълим дидану маҳорат ҳосил кардан), маҳорати касбӣ ва эҷодиёт мебошад.

Маҳорати касбӣ ин сатҳи олии аз худ кардани фаъолияти касбӣ мебошад.

Маҳорати касбӣ фақат бо донишу кордонӣ ва малакаҳо маҳдуд намешавад. Раванди азхуд кардани маҳорат ҳамзамон раванди ташаккули шахсияти инсон, завқу мароқи ӯ, арзишҳои маънавию идеалҳо ба ҳисоб меравад. Маҳорати касбӣ аз бисёр ҷиҳат ба сифатҳои шахсиятӣ, аз қабили шавқу рағбати васеи ҷамъиятӣ, донишу кордонии касбӣ, ки иҷрои бомуваффақияти фаъолияти мураккаби меҳнатиро таъмин мекунад, сатҳи баланди фарҳанги умумӣ ва технологӣ, ҳаракаткунандаи касбӣ, мустақилият ва устувории баланди касбӣ, ҷидду ҷаҳд ба худтакмилдиҳӣ, муносибати эҷодкорона ба кор вобаста аст.

Болоравӣ ба қуллаи маҳорат раванди мураккаби дуру дароз аст. Барои фатҳи қуллаи баланд дар фаъолияти касбӣ вақту нерӯйи зиёд лозим аст.

Эҷодкорӣ дар фаъолияти касбӣ метавонад ба инкишофи ҳам худи раванди фаъолият ва ҳам мӯҳтавои он мусоидат кунад. Ҳар гуна фаъолияти эҷодкорона аз ҷумла эҷодкории касбӣ ин аз лиҳози объективӣ ва ҳам субъективӣ ба вуҷуд овардани чизи нав аст.

Чизи нави объективӣ – ин ҳамаи он чизҳоест, ки дар таърихи инсоният вуҷуд надошт.

Чизи нави субъективӣ – ин ҳамаи он чизест, ки барои ин инсон ё гурӯҳи инсонҳо нав аст.

**4) Мустаҳкамкунӣ**

1. Марҳилаҳои асосии ташаккули касбии шахсиятро номбар кунед.
2. Салоҳияти касбӣ чист?
3. Мафҳуми маҳорати касбиро шарҳ диҳед.
4. Эҷодкории касбӣ чӣ маъно дорад?
5. Эҷодкорӣ дар фаъолияти касбӣ ба чӣ мусоидат мекунад?

**Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро қадр кунед.**

**5) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи марҳалаҳои раванди ташаккули касбии шахсият маълумоти пурра дода метавонад? | | | |
| Вобастагии маҳорати касбӣ бо эҷодкории касбиро ба таври возеҳ шарҳ дода метавонад? | | | |
| Салоҳияти касбии худро инкишоф дода метавонад? | | | |

## Дарси 31
## Мавзӯъ: Карйераи касбӣ

**Барнома**: Мафҳуми карйера ва карйераи касбӣ. Карйераи амудию уфуқӣ. Фарқияти карйераи амудӣ аз карйераи уфуқӣ. Сатҳи иддао. Таъсири шавқу завқ ба карйераи касбӣ. Омилҳое, ки ба карйераи касбӣ таъсир мерасонад. Сохтори нақшаи карйераи касбӣ.

**Салоҳиятҳо**:

- Моҳияти худмуайянкунии касбии шахсиятро муайян карда, таҳлил карда метавонад;
- Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи мафҳуми карйера ва карйераи касбӣ маълумот дода тавонад.
- Омилҳое, ки ба карйераи касбӣ таъсир мерасонад, муайян карда тавонад.
- Тарбияи масъулиятнокиро инкишоф дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Марҳалаҳои асосии ташаккули касбии шахсиятро номбар кунед.
2. Салоҳияти касбӣ чист?
3. Мафҳуми маҳорати касбиро шарҳ диҳед.

4. Эҷодкории касбӣ чӣ маъно дорад?

5. Эҷодкорӣ дар фаъолияти касбӣ ба чӣ мусоидат мекунад?

**3) Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор дар бораи карйераи касбӣ маълумот медиҳад.

Карйераи касбӣ гуфта, дар фаъолияти касбӣ фаъолона ба комёбӣ ноил гардидани инсонро меноманд. Карйераи касбӣ бо ташаккулу маҳорати касбӣ робитаи зич дорад. Ғайр аз ин, ба мундариҷаи карйераи касбӣ пардохти музди меҳнати нисбатан баланд (шоистаю сазовор), беҳтар гардидани шароити манзиливу маишӣ, болоравӣ дар зинаҳои хизматӣ, ишғол кардани мансабу вазифаҳои муайян, ба даст овардани озодию мустақилият дар қабули қарорҳо, арзёбии ҷамъиятии хизматҳои меҳнатӣ, қонеъгардии шахсӣ аз фаъолияти касбӣ дохил мешаванд.

Карйераи амудию уфуқиро фарқ мекунанд. Карйераи амудӣ болоравии мансабӣ, ҳаракат дар зинаҳои хидматӣ, карйераи уфуқӣ – болоравию такмили маҳорати касбиро дарбар мегирад.

Сатҳи иддао мумкин аст паст, баланд ва воқеӣ бошад. Сатҳи иддаои паст ё баланд дар интихоби мақсадҳои аз ҳад зиёд сабук ё аз ҳад зиёд вазнин, нобоварӣ ба неруи худ, аз ҳад зиёд изтиролудагӣ ва ғайра зоҳир мешавад. Одамоне, ки дорои сатҳи воқеии иддао мебошанд, ба неруи худ эътимод доранд, дар ноил шудан ба мақсад суботу пойдорӣ нишон медиҳанд, хеле сермаҳсуланд, нисбат ба худ серталабанд.

Ба туфайли ягонагии шуури предметӣ ва худшиносии касбӣ, шавқу рағбат пайдо мешавад. Таъсири шавқу рағбат ба карйераи касбӣ дар ҷиҳатҳои зерин зоҳир мешавад:

- Одам ба натиҷаҳои баланди меҳнат ноил мегардад;
- Маҳорати касбӣ хеле тез боло меравад, одам устоди кори худ мешавад;
- Мутаносибан ӯ музди бештар мегирад, аз дигар имтиёзҳои иҷтимоӣ бархурдор мешавад;
- Инсон аз натиҷаи меҳнати худ қаноатманд мегардад, нисбат ба худ эҳтиром пайдо мекунад.

**4). Усули «Кластер».**

*Дар марказ як мафҳум, савол ё проблемаи мавзӯи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки маълумотҳои доштаашонро оиди он нависанд. Ин имкон медиҳад, ки хонандагон ҳамаи андешаҳои баёншударо дар як ҷо гирд оварда, дар баробари шунидани онҳо боз аёнӣ бо онҳо шинос гардонд.*

**Намуна:**

**Савол:** Вобаста ба соҳаҳо мошинҳоро ба кадом навъҳо ҷудо мекунанд**?**

Дар бораи навъҳои мошин вобаста ба соҳаҳо ҳамаи фикрҳо ҷамъ карда мешаванд.



**5) Мустаҳкамкунӣ**

1. Карйераи касбӣ гуфта Шумо чиро мефаҳмед?
2. Фарқи байни карйера ва карйеризмро шарҳ диҳед.
3. Сатҳи иддао ва майлу рағбат ба карйераи касбӣ чӣ тавр таъсир мерасонад?
4. Омилҳои дигари ба карйера таъсир расонандаро тавсиф кунед.
5. Компонентҳои сохтории нақшаи карйераи касбиро номбар кунед.

**Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**6) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| **Фаъолият** | **Метавонад** | **қисман метавонад** | **наметавонад** |
|---|---|---|---|
| Дар бораи мафҳуми карйера ва карйераи касбӣ маълумот дода метавонад? | | | |
| Омилҳое, ки ба карйераи касбӣ таъсир мерасонад, муайян карда метавонад? | | | |
| Ҳисси масъулиятшиносиро дар худ инкишоф дода метавонад? | | | |

## Дарси 32
## Мавзӯъ: Тайёрии касбӣ

**Барнома**: Мафҳуми тайёрии касбӣ. Системаи тайёрии касбии кадрҳо. Тайёрии ибтидоии касбӣ дар истеҳсолот ва омӯзишгоҳҳои касбӣ. Муассисаи таълимии миёнаи махсус. Тайёрии аввалии касбӣ. Дараҷаҳои маълумоти олӣ: бакалавр, мутахассиси дорои маъумоти олӣ, магистр.

**Салоҳиятҳо**:

- Моҳияти худмуайянкунии касбии шахсиятро муайян карда, таҳлил карда метавонад.
- Дар доираи муаммои васеъ ғояи навро пайдо карда метавонад;
- Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Дар бораи системаи тайёрии касбии кадрҳо дар ҶТ маълумоти васеъ дода тавонад.
- Дараҷаҳои маълумоти касбии ҶТ-ро тасниф карда тавонад.
- Самтҳои тайёрии авалии касбиро таҳлил намуда, сифатҳои муҳими касбии худро ташаккул дода тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Карйераи касбӣ гуфта Шумо чиро мефаҳмед?
2. Фарқи байни карйера ва карйеризмро шарҳ диҳед.
3. Сатҳи иддао ва майлу рағбат ба карйераи касбӣ чӣ тавр таъсир мерасонад?
4. Омилҳои дигари ба карйера таъсир расонандаро тавсиф кунед.
5. Компонентҳои сохтории нақшаи карйераи касбиро номбар кунед.

**3). Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор дар бораи тайёрии касбӣ маълумот медиҳад.

Тайёрии касбӣ. Маҷмӯи донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои махсус, ки ба иҷрои кор дар соҳаи муайяни фаъолият имкон медиҳад, тайёрии касбӣ номида мешавад. Системаи тайёрии касбии кадрҳоро дар ҶТ болоравии касбии кадрҳоро таъмин мекунад, ояндаю дурнамои ин болоравиро ба вуҷуд меорад. Дар бораи ҳар як марҳала маълумоти мухтасар медиҳем.

Тайёрии аввалии касбӣ ин раванди таълиму тарбия аст, ки дар натиҷаи он худмуайянкунии бошууронаи касбӣ ба амал меояд. Ин кор дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, комбинатҳои таълимӣ аз рӯйи самтҳои зерин сурат мегирад:

- ташаккули нияти касбинтихобкунӣ;
- аз худ кардани донишу малакаҳои аввалияи касбӣ;
- ташаккули сифатҳои муҳимми касбии шахсиятӣ.

Тайёрии ибтидоии касбӣ дар истеҳсолот ва омӯзишгоҳҳои касбӣ дода мешавад. Тайёрӣ дар истеҳсолот дар мавридҳои зерин сурат мегирад: агар аз рӯйи ин касб ё ихтисос омӯзиш дар нақшаҳои таълимии омӯзишгоҳҳо пешбинӣ нашуда бошад, ё теъдоди хатмкунандагони омӯзишгоҳҳо талаботро ба ин касб қонеъ нагардонанд. Мӯҳлати чунин тайёрӣ маъмулан аз 6 моҳ бештар нест. Баъди супоридани имтиҳонҳои тахассусӣ дар истеҳсолот хонандагон шаҳодатнома мегиранд.

Мутахассисони миёнаи махсусро барои соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт муассисаҳои таълимии миёнаи махсус – техникумҳо, коллеҷҳо, омӯзишгоҳҳо, муассисаҳои таълимӣ тайёр мекунанд. Муассисаи таълимии миёнаи махсус гуфта, муассисаи таълимиеро меноманд, ки мақоми шахси ҳуқуқӣ дорад ва тибқи иҷозатнома барномаи таълимии миёнаи махсус қариб аз рӯйи 500 ихтисос мутахассис тайёр мекунад. Ба онҳо хатмкунандагони синфҳои IX ва XI-ро, ки бомуваффақият имтиҳонҳои қабулро месупоранд, қабул мекунанд.

Мутахассисони дорои маълумоти олиро муассисаҳои таълимии олӣ – донишгоҳҳо, донишкадаҳо, академияҳо тайёр мекунанд. Мактаби олӣ гуфта, муассисаи таълимиеро меноманд, ки дар асоси қонунгузории ҶТ амал мекунад, мақоми шахси ҳуқуқӣ дорад ва тибқи иҷозатномаааш барномаҳои таълимии маълумоти олии касбиро дар амал татбиқ мекунад.

Маълумоти касбии баъди мактаби олӣ дар аспирантура, ординатура, адюнктура, докторантура ба амал бароварда мешавад. Азхудкунии барномаи маълумоти олии касбӣ шаклҳои гуногуни таълим дорад: рӯзона, шабона, ғоибона, инчунин экстернат. Ба шахсоне, ки мактаби олиро хатм накардаанд, ҳуҷҷат дар бораи маълумоти олии нотамом дода мешавад. Таълим дар муассисаҳои таълимии касбӣ дар асоси стандартҳои давлатии маълумот сурат мегирад.

**4) Мустаҳкамкунӣ.** Бозии «Лото» - мустаҳкамкунии дарс. Саволҳоро вобаста ба мазмуни дарс дар коғазчаҳо нависед ва онҳоро тоб дода, ба дохили халта ё қуттӣ андозед. Ба назди ҳар гурӯҳ рафта, аз онҳо хоҳиш кунед, ки аз дохили халта сетогӣ коғазчаи саволдор гиранд. Саволҳоро дар гурӯҳ муҳокима карда, ба онҳо ҷавоб ёбанд. Баъди анҷоми вақти ҷудошуда ҷавобҳои гурӯҳҳоро шунавед, онҳоро муҳокима кунед ва бо ҳамин тариқ дониши хонандагонро мустаҳкам намоед.

**Намунаи саволҳо:**

- Ба сатҳҳои тайёрии касбӣ дар ҶТ тавсифнома диҳед.
- Дар куҷо тайёрии ибтидоии касбиро гирифтан мумкин аст?
- Карйераи касбӣ гуфта Шумо чиро мефаҳмед?
- Компонентҳои сохтории нақшаи карйераи касбиро номбар кунед.
- Омилҳои дигари ба карйера таъсир расонандаро тавсиф кунед.
- Сатҳи иддао ва майлу рағбат ба карйераи касбӣ чӣ тавр таъсир мерасонад?
- Системаи маълумоти олӣ ва маълумоти пас аз мактаби олиро тавсиф кунед.
- Тайёрии аввалияи касбӣ чист ва дар куҷо амалӣ мегардад?
- Тайёрии касбӣ чист?
- Фарқи байни карйера ва карйеризмро шарҳ диҳед.

**Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**6). Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад).*

| Фаъолият | Метавонад | қисман метавонад | наметавонад |
|---|---|---|---|
| Дар бораи системаи тайёрии касбии кадрҳо дар ҶТ маълумоти васеъ дода метавонад? | | | |
| Дараҷаҳои маълумоти касбии ҶТ-ро тасниф карда метавонад? | | | |
| Самтҳои тайёрии авалияи касбиро таҳлил намуда, сифатҳои муҳимми касбии худро ташаккул дода метавонад? | | | |

## Дарси 33-34
## Мавзӯъ: Лоиҳаи эҷодии намунавӣ.
## Нақшаҳои ҳаётии ман ва карйераи касбӣ

**Барнома**: Мафҳуми лоиҳаи эҷодӣ. Мақсаду вазифаҳои лоиҳа. Нақшаи амалҳо. Асоснок кардани интихоби мавзӯи лоиҳа. Ба маркази интихоби касб рафтан. Асоснок кардани интихоби касб. Асосноккунии интихоби муассисаи таълимӣ (бо таҳсили пулакӣ ё бепул). Баррасии вариантҳо дар мавриди дохил нашудан ба муассисаи олӣ. Ҷустуҷӯйи кор. Дохилшавӣ. Арзёбӣ ва ҳифзи лоиҳа

**Салоҳиятҳо**:

- Дар доираи муаммои васеъ идеяи навро пайдо карда метавонад;
- Системаи касбинтихобкунии шахсиятро бо пуррагӣ шарҳ дода метавонад;

➢ Хусусиятҳои тарбиявии фанро дарк карда, онро дар амал ба таври васеъ татбиқ карда метавонад.

**Мақсадҳои дарс:**

- Мақсаду вазифаҳои лоиҳаи худро таҳлил намуда, шарҳ дода тавонад.
- Карйераи касби ояндаи худро ба нақша даровarда тавонад.
- Шавқу завқ ва қобилияти худ ва дар касби оянда баҳамойии мусоиди онҳоро ошкор карда тавонад.

**Таҷҳизоти зарурӣ**: китоби дарсӣ, замима, нишондодҳои методӣ, нурафзо (проектор), овезаҳои расмӣ оид ба мавзӯъ, слайдҳо, наворҳои омӯзишӣ.

**Методикаи таълим:** Ҳангоми банақшагирии дарс аз тавсияҳои зерин истифода бурда метавонед.

**1) Ташкили дарс:** Дар ин марҳала корҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

Тайёр намудани маводди хониш;

Ҳозир-ғоиб кардани хонандагон;

Омода намудани аҳли синф ба дарс.

**2) Пурсиши дарси гузашта:** Дарсро аз гузоштани масъала оғоз кунед. Бо саволҳои зерин ба хонандагон муроҷиат кунед:

1. Тайёрии касбӣ чист?
2. Ба сатҳҳои тайёрии касбӣ дар ҶТ тавсифнома диҳед.
3. Тайёрии аввалияи касбӣ чист ва дар куҷо амалӣ мегардад?
4. Дар куҷо тайёрии ибтидоии касбиро гирифтан мумкин аст?
5. Системаи маълумоти олӣ ва маълумоти пас аз мактаби олиро тавсиф кунед.

**3) Шиносоӣ бо мазмуни мавзӯъ:** Дар лаҳзаи баёни мавзӯи нав омӯзгор дар бораи лоиҳаи эҷодии намунавӣ “Нақшаҳои ҳаётии ман ва карйераи касбӣ” маълумот дода, оид ба мафҳуми лоиҳаи эҷодӣ, мақсаду вазифаҳои лоиҳа, нақшаи амалҳо, асоснок кардани интихоби мавзӯи лоиҳа, ба маркази интихоби касб рафтан, асоснок кардани интихоби касб, асосноккунии интихоби муассисаи таълимӣ (бо таҳсили пулакӣ ё бепул), Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров (ДДХ), Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнесс ва сиёсати Тоҷикистон (ДДҲБСТ), баррасии вариантҳо дар мавриди дохил нашудан ба муассисаи олӣ, ҷустуҷӯйи кор, дохилшавӣ. Арзёбӣ ва ҳифзи лоиҳа шарҳ медиҳад.

**4) Мустаҳкамкунӣ**

1. Оид ба мафҳуми лоиҳаи эҷодӣ шарҳ диҳед.
2. Барои лоиҳаи эҷодӣ тартиб додан нақшаи амалҳоро созед.
3. Оид ба асоснок кардани интихоби мавзӯи лоиҳа шарҳ диҳед.
4. Оид ба арзёбӣ ва ҳифзи лоиҳа шарҳ диҳед.

**Дарсро ҷамъбаст намуда, заҳмати хонандагонро баҳо диҳед.**

**5) Арзёбӣ.** Дар ҷараёни дарс фаъолияти таълимии хонандагонро мушоҳида намуда, дараҷаи ба салоҳиятҳо ноил гаштани онҳоро муайян кунед. Натиҷаҳои фаъолияти таълимии хонандагонро аз рӯйи савол ва супоришҳои зерин арзёбӣ карда метавонед *(мувофиқи натиҷаи арзёбии мазкур ба хонандагон баҳои аъло, хуб, қаноатбахш ва ғайриқаноатбахш гузошта мешавад)*.

| Фаъолият | Метавонад | қисман метавонад | Наметавонад |
|---|---|---|---|
| Мақсаду вазифаҳои лоиҳаи худро таҳлил намуда, шарҳ дода метавонад? | | | |
| Карйераи касби ояндаи худро ба нақша даровarда метавонад? | | | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| Қобилият ва шавқу завқи худ ва дар касби оянда баҳамойии мусоиди онҳоро ошкор карда метавонад? | | | |

*Эзоҳ: Замимаҳои 1, 2, 3, 4 аз саҳ. 196 то 217 дар китоби дарсӣ барои кори мустақилонаи хонандагон пешниҳод карда мешавад.*

**Тест**

1. Синни аз ҳама сермаҳсул-давраи амалӣ гардонидани худ чун шахсият, истифодаи иқтидори касбию психологии худ мебошад, кадом марҳала мебошад?
а) камолот;
б) наврасӣ;
в) ҷавонӣ;
г) навҷавонӣ.

2. Раванди ташаккули муносибат ба касб, дараҷаи ҷалбшавии эҳсосотию шахсиятӣ ба он аз тарафи дигар, андӯхтани таҷрибаи фаъолияти амалӣ, такмили касбӣ ва аз худ кардани маҳорат чист?
а) ташаккули касбӣ;
б) инкишофи маҳорат;
в) ташаккули ташкилотчигӣ;
г) ташаккули касбӣ ва фаъолиятӣ.

3. Чиро сатҳи олии аз худ кардани фаъолияти касбӣ мегӯянд?
а) маҳорати касбӣ;
б) фаъолияти касбӣ;
в) инкишофи қобилият;
г) малакаҳои касбӣ.

4. Эҷодкорӣ дар фаъолияти касбӣ бояд ба чӣ мусоидат кунад?
а) инкишофи ҳам худи раванди фаъолият ва ҳам муҳтавои он;
б) инкишофи ҳам худи раванди касбӣ ва ҳам муҳтавои он;
в) инкишофи дониши касбӣ ва раванди фаъолият;
г) касбинтихобкунӣ ва раванди фаъолият.

5. Карйераи касбӣ чист?
а) дар фаъолияти касбӣ фаъолона ба комёбӣ ноил гардидани инсон;
б) дар фаъолияти меҳнатӣ фаъолона ба комёбӣ ноил гардидани инсон;
в) дар фаъолияти касбӣ фаъолона ба комёбӣ ноил нагардидани инсон;
г) дар меҳнати касбӣ фаъолона ба комёбӣ ноил гардидани инсон.

6. Тайёрии касбӣ чист?
а) маҷмӯи донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои махсус, ки ба иҷрои кор дар соҳаи муайяни фаъолият имкон медиҳад;
б) маҷмӯи донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои махсус, ки ба иҷрои кор дар соҳаи муайяни фаъолият имкон намедиҳад;
в) маҷмӯи маҳоратҳо ва малакаҳои махсус, ки ба иҷрои фаъолият дар соҳаи муайяни фаъолият имкон медиҳад;
г) донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳои махсус, ки ба иҷрои кор дар соҳаи номуайяни фаъолият имкон медиҳад.

7. Маълумоти касбии баъди мактаби олӣ дар куҷо ба амал бароварда мешавад?
а) аспирантура, ординатура, адюнктура, докторантура;
б) аспирантура, бакалавр, адюнктура, докторантура;
в) аспирантура, ординатура, магистратура, докторантура;
г) магистратура, ординатура, адюнктура, докторантура.

8. Мутахассисони дорои маълумоти олиро дар кадом муассисаҳои таълимии олӣ тайёр мекунанд?

а) донишгоҳҳо, донишкадаҳо, академияҳо;
б) коллеҷҳо, донишгоҳҳо, донишкадаҳо;
в) донишкадаҳо, академияҳо, муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ;
г) коллеҷҳо, муассисаҳои томактабӣ, донишкадаҳо, академияҳо.

9. Мутахассиси дорои маълумоти олӣ чанд сол таҳсил менамояд?
а) 5 сол;
б) 8 сол;
в) 4 сол;
г) 3 сол.

10. Азхудкунии барномаи маълумоти олии касбӣ чӣ гуна шаклҳои гуногун дорад?
а) рӯзона, шабона, ғоибона, экстернат;
б) рӯзона, шабона, инчунин экстернат;
в) рӯзона, ғоибона, инчунин экстернат;
г) шабона, ғоибона, инчунин экстернат.

**Адабиёт**

Бо забони тоҷикӣ


1. А.А. Азизов, Т.А. Ашӯрова. Ташкили фаъолияти лоиҳавии мутахассисони оянда ва истифодаи методҳо дар дарсҳои технология. Хуҷанд: Нури маърифат, 2014.-116 с.
2. А.А. Азизов, У.М. Иргашова. Технология: таълим бо усулҳои нав/дастури методӣ барои омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат).-Душанбе, 2016.-76 с.
3. А.А. Азизов, С. Исломов, С. Раҳимов, Р. Ғафурова. Асосҳои касбу ҳунар (технология) (барои духтарҳо). Душанбе. 2007, 192 с.
4. А. А. Азизов, М.Д. Мирзохӯҷаев, Т.А. Ашӯрова. Касбнома. – Хуҷанд: Меъроҷ 2014, - 94 саҳ.
5. А. Азизов, М. Рӯзиева, Ш. Азизов, М. Насимӣ, А. Риоев. Барнома ва модули таълимии курси омӯзишии омӯзгорони фанни технология (таълими меҳнат) оид ба таълими босалоҳият. Душанбе, Маориф 2017
6. А.А. Азизов, С. Раҳимов, С. Исломов. ТЕХНОЛОГИЯ (таълими меҳнат барои писарон) Китоби дарсӣ барои синфи 9-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ Душанбе. 2016.
7. А.Б. Алиев, М.Н. Зиёев, Ф.К. Олимова, У.С. Эрматова, Б.Ф. Зоолишоева, Ф. Ниёзов. Такмили маҳорати педагогии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Лоиҳа. Душанбе, 2010.
8. Арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ, модули таълимӣ оид ба татбиқи стандартҳои фаннии синфҳои ибтидоӣ, Ф. Ниёзов, М. Зиёев, А. Алиев, Б. Нусратов , Э. Ҷонмирзоев, Н. Қодиров , М. Иргашева, Қ. Зиёев. Душанбе - 2016 с.– 65 саҳ.
9. М.Н. Зиёев, Ф.К. Олимова, У.С. Эрматова, А.Б. Алиев, Б.Ф. Зоолишоева, Ф.М. Ниёзов. Ташкили ҷараёни таълим дар синфҳои ибтидоӣ. Дастури таълим барои курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ. Душанбе: 2009.
10. Иргашова М., Азизов А.А., Насимӣ М. “Замима ба китоби дарсии “Санъат ва меҳнат” барои синфи 4-ум” Душанбе: Маориф, 2016.-40 с.
11. М. Иргашова, А.А. Азизов, М. Насимӣ. “Роҳнамои фанни санъат ва меҳнат барои синфи 4-ум” барои омӯзгорони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе: Маориф, 2016.-112 с.
12. С. Исломов, А.А. Азизов, С. Раҳимов С. ТЕХНОЛОГИЯ (таълими меҳнат барои писарон) Китоби дарсӣ барои синфи 5-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ Душанбе. 2004.
13. С. Исломов, К. Обидова, М.Д. Рӯзиева. Технология (таълими меҳнат барои духтарон), китоби дарсӣ барои синфи 7. Нашри 2. Душанбе, 2015.-152 с.
14. С. Исломов, М.Д. Рӯзиева, К. Обидова. Технология (таълими меҳнат барои духтарон), китоби дарсӣ барои синфи 8. Душанбе, 2007.-192 с.
15. С. Исломов, А.А. Азизов, С. Раҳимов. ТЕХНОЛОГИЯ (таълими меҳнат барои писарон) Китоби дарсӣ барои синфи 7-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ Душанбе. 2005.
16. С. Исломов, К. Обидова, М. Рӯзиева. Технология (таълими меҳнат барои духтарон), китоби дарсӣ барои синфи 6. Душанбе, 2004.-128 с.
17. С. Исломов, С. Раҳимов, А. Азизов. Касбу ҳунар (технология барои писарон) китоби дарсӣ барои синфи 6. Душанбе: Фарас, 2005.-141 с.
18. Ф. Ниёзов, Ф. Олимова, М. Зиёев. Маърифати таълим: ҷустуҷӯ ва бозёфт. Дастур барои худомӯзии омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ. - Душанбе, 2012. - 78с

19. Низоми таълими салоҳиятнокӣ, модули таълимӣ барои татбиқи стандартҳои фаннии синфҳои ибтидоӣ, Ф. Ниёзов, М. Зиёев, А. Алиев, Б. Нусратов, Э. Ҷонмирзоев, Н. Қодиров, М. Иргашева, Қ. Зиёев. Душанбе - 2016 с.– 36 саҳ.
20. С. Раҳимов, А.А. Азизов, С. Исломов. ТЕХНОЛОГИЯ (таълими меҳнат барои писарон) Китоби дарсӣ барои синфи 8-уми муассисаҳои таҳсилоти умумӣ Душанбе. 2008.
21. М.Д. Рӯзиева, К. Обидова, С. Исломов. Технология (таълими меҳнат барои духтарон), китоби дарсӣ барои синфи 5. Нашри 2. Душанбе, 2016.-192 с.
22. Д. Сафин, Р. Мусина, Қ. Мухторӣ ва диг. Усулҳои таълим ва омӯзиши ҳамфаъол. Дастури таълимӣ. -Душанбе, 2007.- 376 с.
23. А.Б. Сокол. Маҳорати педагогӣ. Маводди курси таълимӣ бо фармоиши ЮНИСЕФ Тоҷикистон, Душанбе -2014. - 117 с.

**Бо забони русӣ**

1. Астрейко С.Я. Трудовое обучение: Технический труд. Учеб. пособие для 5-9 классов. Минск:. Нац. инс.образования 2014.
2. Болотов В.А., Сериков В.В. Компетентностная модель: от идеи к образовательной программе // Педагогика. – 2003. – № 10. – С. 8-14.
3. Зимняя И.А. Ключевые компетентности как результативно-целевая основа компетентностного подхода в образовании. Авторская версия.-М.: Исследовательский центр проблем качества подготовки специалистов, 2004
4. Мединцева И. П. Компетентностный подход в образовании / И. П. Мединцева // Педагогическое мастерство: материалы II междунар. науч. конф. (г. Москва, декабрь 2012 г.). — М.: Буки-Веди, 2012.
5. Мирсеитова С. Обучение как поиск и поиск для обучения: формы и методы развития критического мышления обучающихся. -КазАЧ, 2011
6. Симоненко В.Д. Технология. 5 класс: учеб. Для общеобразоват. учреждений: вариант для мальчиков – М: Просвещение, 2010. – 176 с : ил.
7. Троянская С.Л. Основы компетентностного подхода в высшем образовании, Учебное пособие для студентов магистратуры психолого-педагогических направлений подготовки, издательский центр «Удмуртский университет». – 2016, 176 стр.

# ТЕХНОЛОГИЯ
# (ТАЪЛИМИ МЕҲНАТ)
# СИНФИ 10-УМ

## Барои омӯзгорони
## муассисаҳои таҳсилоти умумӣ


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | П. Саъдуллоева |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Н. С. Зайниддинов |
| Тарроҳ | Р. Садирова |

Ба чоп 24.07.2017 иҷозат дода шуд. Андозаи 60x84 1/8.
Коғази офсет. Чопи офсет. Ҷузъи чопӣ 17,0
Адади нашр 4000 нусха.
Супориши № 143/2017

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш 50
Тел.: 222-14-66
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «Офсет» бо супориши №51 аз 16.08.2017
ба табъ расидааст.